ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ



# АНВОРИ ДОНИШ



E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.kgu.tj №7 (289) 25-уми апрели соли 2019, панҷшанбе (оғози нашр: соли 1994)

## КГУ: УВЕРЕННОЕ РАЗВИТИЕ ПО МЕЖДУНАРОДНЫМ СТАНДАРТАМ ОБРАЗОВАНИЯ

**Уважаемый Виктор Антонович!**

**От имени всего коллектива Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки сердечно поздравляем Вас с 80-летием!**





Мировому сообществу и мне лично как докторанту МГУ имени М. В. Ломоносова известны пройденный Вами путь и огромные успехи в качестве видного ученого, общественного и политического деятеля, президента Российского Союза ректоров, вице-президента РАН, создателя более 30 новых факультетов, центров и филиалов вуза, в том числе и в Душанбе, строителя новых учебных корпусов, гимназий и студенческих общежитий.

Велики ваши достижения как члена советов по науке и образованию более 30 университетов мира, члена редколлегии многих ведущих отечественных и международных научных журналов по математике и информатике, удостоенного государственных наград, орденов и медалей России и зарубежных стран. Вы являетесь почетным иностранным членом Академии наук Республики Таджикистан.

Именно благодаря своим незаурядным деловым и личным качествам, целеустремленности и потрясающей работоспособности Вы состоялись как крупный ученый, внесли значимый вклад в развитие перспективных направлений науки и техники.

Особого признания заслуживают Ваши талант и высокий профессионализм, компетентность и энергичность, неустанная забота о сохранении легендарных традиций фундаментальной науки и воспитании талантливой смены одного из самых знаменитых и престижных университетов мира - МГУ имени М. В. Ломоносова. Ваши благие дела, Ваши впечатляющие успехи сделали Вас авторитетным, уважаемым и узнаваемым во всем мире человеком.

Созданная Вами авторитетная научная и педагогическая школа, коллектив МГУ имени Ломоносова, который был сформирован под Вашим непосредственным руководством, способны на высочайшем уровне решать всеобъемлющие задачи современной науки и образования.

Дорогой Виктор Антонович! От всей души желаем Вам и Вашим близким крепкого здоровья, счастья, неисчерпаемых сил и благополучия, новых свершений на благо мировой науки и долгих лет жизни!

С уважением, Абдулло ХАБИБУЛЛО - ректор КГУ имени Абуабдуллох Рудаки, доктор физико-математических наук, профессор, член-корреспондент АН РТ

*Кулябский государственный университет считается одним из основных центров подготовки кадров, развития культуры, науки и образования Республики Таджикистан. Сегодня, подходя к 75-летнему юбилею, КГУ уверенно движется вперед: непрерывно повышает качество образования, создает условия для развития инноваций, укрепляет сотрудничество с ведущими вузами России и других стран мира.*

**Сотрудничество двух стран, партнерство двух вузов**

На историческом рубеже веков Российская Федерация и Республика Таджикистан подтвердили стремление беречь и укреплять дружбу между народами двух стран, готовность строить свои отношения на основе союзничества и широкомасштабного сотрудничества в духе взаимного доверия, руководствуясь принципами уважения независимости, суверенитета, территориальной целостности и нерушимости государственных границ, мирного урегулирования споров и неприменения силы или угрозы силой, невмешательства во внутренние дела друг друга, равноправия и взаимной выгоды.

Следует особо отметить, что Россия - одна из первых стран, которая признала независимость и суверенитет Республики Таджикистан. Основой для установления нового типа взаимоотношений между РТ и РФ в условиях независимого развития послужили Протокол об установлении дипломатических отношений между двумя государствами, подписанный 8 апреля 1992 года в г. Душанбе и открытие посольств этих стран.

*Продолжение в стр. 2*

## АБАРМАРДИ ДУНЁИ СИЁСАТ



С. 11

## ТЕРРОРИ АСР: АҲМАДШОҲИ МАСЪУД ЧӢ ТАВР КУШТА ШУД?



С. 7

## РАВОБИТИ ШАХСӢ: ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФӢ-ИҶТИМОӢ



С. 3

## МИНБАРИ ДОНИШҶӮ



С. 12-13

## 10 ХАКЕР, КИ ДУНЁ АЗ ОНҲО ҲАРОС ДОРАД



С. 14

## ЧАРО ДОНИШҶӮЁН ДАРСШИКАНӢ МЕКУНАНД?




С. 5

## ОЗМУН: 20 КИТОБ ХОН ВА 400 СОМОНӢ БИГИР!



С. 2

# КГУ: УВЕРЕННОЕ РАЗВИТИЕ ПО МЕЖДУНАРОДНЫМ СТАНДАРТАМ ОБРАЗОВАНИЯ

Важное место в рамках двусторонних отношений между Россией и Таджикистаном занимают вопросы гуманитарного сотрудничества. Россия и Таджикистан подтвердили готовность всемерно способствовать сотрудничеству и контактам в областях культуры, искусства, образования, туризма и спорта, содействовать свободным информационным обменам, к чему неразрывно стремился и КГУ.



Ректор КГУ имени А. Рудаки Абдулло ХАБИБУЛЛО и проректор – начальник Управления международного сотрудничества МГУ имени М.В. Ломоносова Юрий МАЗЕЙ после подписания Соглашения о сотрудничестве в сфере образования и науки между вузами (2018 г).

Ежегодно таджикской стороне предоставляется свыше 100 стипендий для обучения в вузах и аспирантуре, а также для научно-практической стажировки. Совместно с Министерством образования Республики Таджикистан регулярно проводятся различные мероприятия, конференции и форумы, конкурсы и олимпиады, в которых активно участвуют преподаватели и студенты Кулябского государственного университета.

Прошедший год был насыщен интересными, важными и по-настоящему знаковыми для вуза событиями. Так, в феврале 2018 года ректор университета, профессор Абдулло ХАБИБУЛЛО принял участие в Первом Российском профессорском форуме, собравшем около тысячи представителей ведущих вузов РФ и других стран. Кроме того, ректор со своим аспирантом Д.А. АКИМБЕКОВЫМ участвовали в работе международной алгебраической конференции, посвященной памяти советского математика-алгебраиста, доктора физико-математических наук профессора Александра Геннадиевича КУРОША. Конференция проходила 23-26 мая в Московском государственном университете имени М. В. Ломоносова.

В этом же году Кулябским государственным университетом было подписано Соглашение о сотрудничестве в сфере образования и науки с МГУ имени М.В. Ломоносова.

Центр развития образования и науки

Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки - один из ведущих вузов Республики Таджикистан, крупный многопрофильный образовательный и учебно-методический центр, который называют кузницей кадров для всей страны.

Кулябский государственный педагогический институт (ныне КГУ имени А. Рудаки) был образован в 1945 году, за годы своего существования вуз подготовил более 45 тысяч высоко-квалифицированных специалистов.

Университет внес большой вклад в подготовку научных кадров в сфере образования и народного хозяйства Таджикистана. Среди его выпускников-видные политические и государственные деятели, генералы, работники силовых структур, народные артисты, поэты и писатели республики и всей России.

Сегодня в КГУ обучаются свыше 9800 студентов. В университете успешно работают 560 научных сотрудников и преподавателей, 95 научных сотрудников, имеющих степени, в том числе 20 докторов наук и профессоров, 75 кандидатов наук и доцентов.

На 10 факультетах вуза готовятся высоко-квалифицированные кадры по 52 специальностям. Сегодня в КГУ действуют факультеты физики и математики, химии, биологии и географии, финансово-экономический, таджикской филологии и журналистики, русской филологии, иностранной филологии, физической культуры и военной подготовки, педагогический, культуры и искусства, истории и права, международных отношений.

Учебный процесс на заочном и очном отделениях университета ведется на таджикском, русском и английском языках. Кроме того, есть возможность получить второе образование по существующим специальностям.

Непрерывно повышая качество обучения

В сфере претворения в жизнь указаний Президента Республики Таджикистан, Основателя мира и единства, Лидера нации Эмомали РАХМОНА КГУ стремительно создает условия для улучшения качества образования, развития науки и инноваций.

В связи с этим научный журнал вуза "Вестник Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки" внесен в РИНЦ, в 2019 году на базе КГУ будет организован Объединенный совет по защите кандидатских и докторских диссертаций с Хорогским государственным университетом имени М. Назаршоева по педагогике, филологии и отечественной истории.

В университете заботятся о своих студентах. Созданы благоприятные условия для обучения, проведения форумов, совещаний, конференций республиканского и международного значения, занятий спортом и участия в различных культурно-развлекательных мероприятиях.

Библиотека КГУ содержит более 380 тысяч экземпляров книг и 140 тысяч электронных изданий, оснащена 45 компьютерами. В распоряжении вуза - студенческое общежитие на 380 мест, профилакторий, 3 актовых и 4 спортивных зала, научно-инновационный центр, центр изучения языков, центр дистанционного обучения и карьеры, центр тестирования и технопарк. Кроме этого, в горном Муминабадском районе расположен производственно-оздо- ровительный лагерь "Истиклол".

В 2018 году в университете появилось много нового. Были созданы новые объекты и подразделения (детский сад "Ситора", учебно-профессиональный центр в Муминабадском районе, центр дистанционного образования), открыт факультет культуры и искусства.

Ежегодно преподаватели и студенты становятся участниками республиканских и международных конференций, публикуют огромное количество монографий, научно-методических пособий, учебников и научных статей в республиканских и



зарубежных печатных изданиях.

Уже шестой раз вуз принимает участие в проектах журнала "Деловая Россия", знакомя читателей с достижениями и успехами профессорско-преподавательского состава и студентов.

В рамках международных проектов ERASMUS+, EXTEND и PAWER КГУ сотрудничает с 68 университетами и научными учреждениями России, Германии, Испании, Италии, Англии, США, Чехии, Бельгии, Белоруссии, Узбекистана, Казахстана, Киргизии, Туркменистана, Украины, Австрии, Португалии, Эстонии, Латвии, Румынии и других стран.

В 2018 году по итогам подписанных соглашений и укрепления дружественных связей с зарубежными вузами КГУ имени А. Рудаки был удостоен сертификата и Кубка Европейского стандарта качества Оксфордского университета.

***Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки 735360 Республика Таджикистан, Хатлонская обл., г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16 Телефон: (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09 Факс: (+992 3322) 2-35-06 Email: info@kgu.tj www.kgu.tj***

***Бознашр аз маҷаллаи «Деловая Россия», № 3–4, 2019***

# ОЗМУН: 20 КИТОБ ХОН ВА 400 СОМОНӢ БИГИР!

Ба ҳамагон маълум аст, ки ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва шаҳрвандони кишвар дар соли 2019 зери унвони "Фурӯғи субҳи доноӣ…" озмуни ҷумҳуриявӣ баргузор карда мешавад.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2019 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани чорабинии мазкур 310000 (сесаду даҳ ҳазор) сомонӣ ба таври нақд ҷудо карда шудааст.

**Рӯзномаи "Анвори дониш" ба ин хотир асарҳои назмӣ ва насрии адибони классик ва муосири тоҷикро барои хонандагон пешниҳод мекунад. Агар хонандае, ки то 20-уми майи соли ҷорӣ аз ин асарҳо 20-тояшро хонад, соҳиби мукофотпулӣ дар ҳаҷми 400 сомонӣ мегардад. Ғолиб танҳо 1 нафар нест, балки ҳар донишҷӯе, ки аз китобҳои мазкур 20 ададашро мехонад ва рӯзи озмун муҳтавояшро ба ҳайати комиссия нақл карда метавонад, ғолиб мегардад ва насиби мукофотпулӣ мешавад.**

**Озмун рӯзи 20-уми май дар идораи рӯзномаи "Анвори дониш" баргузор мегардад.**

**АСАРҲО**

Адабиёти қадим: "Томирис ва Куруш", "Шерак", "Авасто", "Ёдгори Зарирон", "Дарахти Ассурик", "Корномаи Ардашери Бобакон", "Калила ва Димна", "Ёдгори Бузургмеҳр", "Андарзи доноён ва маздоясно", "Андарзи Хусрави Ковадон", "Андарзи Пурйуткешон", "Бундаҳишн", "Динкард".

Достонҳои "Калила ва Димна", "Симбоднома", қасидаҳои "Шикоят аз пирӣ", "Модари май"-и Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, "Таърихи Наршахӣ"-и Абубакри Наршахӣ, "Муқаддимаи "Шоҳнома"-и Абумансурӣ, "Пирӯзнома"-и Абуалӣ Сино, "Таърихи Табарӣ"-и Балъамӣ, "Таърихи Байҳақӣ"-и Абулфазли Байҳақӣ, "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ, ғазал, қитъа, рӯбоиҳо ва достони "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолиддини Балхӣ, "Сафарнома"-и Носири Хисрав, "Қобуснома"-и Унсурмаолии Кайковус, "Наврӯзнома"-и Умари Хайём, "Сиёсатнома"-и Низомулмулк, "Вомиқу Узро"-и Фаррухии Сиистонӣ, девони ашъори Бобокӯҳӣ (Абдулло Алӣ), рубоиёту дубайтаҳои Бобо Тоҳири Урён, маснавии "Ҳадиқат-ул-ҳақоиқ"-и Саноии Ғазнавӣ, "Асрорнома", "Хусравнома", "Мухторнома", "Мантиқ-ут-тайр"-и Фаридаддини Аттор, маснавиҳои "Рӯшноинома", "Саодатнома", "Сафарнома"-и Носири Хисрав - достони "Вис ва Ромин"-и Фахриддин Асъади Гургонӣ, достони "Гаршоспнома"-и Асадии Тусӣ, "Хамса" - ("Махзан-ул-асрор", "Хусраву Ширин", "Лайлӣ ва Маҷнун", "Ҳафт пайкар", "Искандарнома")-и Низомии Ганҷавӣ, "Доробнома"-и Абутоҳири Тарсусӣ, "Калила ва Димна"-и Абулмаолии Насруллоҳ, достонҳои "Хамса"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, "Бӯстон" ва "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ, ғазалиёти Ҳасани Деҳлавӣ, қасидаҳо, маснавиҳои "Сад панд", "Дилкушо", "Мушу гурба"-и Убайди Зоконӣ, ғазалҳо, қитъаҳо ва рӯбоиҳои Камоли Хуҷандӣ, девони ғазалиёт, достону маснавиҳои "Ҳафт авранг", "Баҳористон"-и Абдураҳмони Ҷомӣ, ғазалу рубоӣ, достонҳои "Сифот-ул-ошиқин", "Лайлӣ ва Маҷнун"-и Бадриддини Ҳилолӣ, "Анвори Суҳайлӣ", "Ахлоқи Муҳсинӣ", "Рисолаи Ҳотамия" ва "Футувватномаи султонӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, "Латоиф-ут-тавоиф"-и Фахриддин Алии Сафӣ, "Дастур-ул-мулук"-и Самандархоҷаи Тирмизӣ, достони "Гулзори Ирам"-и Абдураҳмони Мушфиқӣ, қасида, бадеҳа, чистон, ёддоштҳои "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Восифӣ, ғазал, мухаммас, рубоӣ, "Шаҳрошӯб" ва "Баҳориёт"-и Сайидои Насафӣ, ғазалҳои Зебуннисо, "Наводир-ул-вақоеъ", "Рисолаи таърихӣ"-и Аҳмади Дониш, "Тӯҳфаи дӯстон", "Лайлӣ ва Маҷнун", "Бадоеъ-ус-саноеъ" ва ғазалҳои Шамсиддин Шоҳин, ғазалиёти Туғрали Аҳрорӣ, ғазалиёти Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ.




Намунаҳои насри ривоятӣ: "Чаҳор дарвеш", "Ҳазору як шаб", "Тутинома", "Синдбоднома", "Калила ва Димна", "Самаки айёр", "Марзбоннома", "Абумуслимнома".

# РАВОБИТИ ШАХСӢ: ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФӢ-ИҶТИМОӢ

**Ба ибораи дигар, дар аксар ҳолат ҳалли мушкилоту муаммоҳои ҳаёти мо аз имконоту воситаҳои дигарон вобаста аст, бинобар ин, таҳкими алоқаҳо бо дигарон, албатта танҳо бо одамони "даркорӣ" вазифаи ҳаррӯзаи инсони муосир гаштааст.**



*Додарбек САЙДАЛИЕВ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи фалсафа*

Назари инсон ба олам, ба ашё ва равандҳои алоҳидаи онро метавон фалсафаи шахсӣ унвон кард. Фалсафаи шахсии худро ҳама дорад, ҳатто онҳое, ки аз ин илм фарсахҳо дуранд. Маҷмуи фаҳмишҳои мо перомуни ахлоқ ва маънавиёт, арзишҳо ва муқаддасот асоси фалсафаи моро ташкил мекунад. Вобаста аз ҷаҳонбинии инсон фалсафаи ӯ метавонад, асоснокшуда ва ё дар баъзе ҳолатҳо беасос ва дур аз мантиқ бошад. Ҷойи инкор нест, ки маҳаки асосии пешбаранда ва ташаккули фалсафаи инсон ҷаҳонбинии ӯст, вале танҳо эҳтиёҷоти инсон омили муайянкунандаи мавқеи шахс аст.

Наздики як аср инҷониб олимон барои муайян кардани ниёзмандиҳои инсон аз "Аҳроми эҳтиёҷот"-и Абраҳам Маслоу истифода мекунанд. Дар пасманзари он таҳаввулоте, ки дар авохири садаи бистум ва аввали садаи бистуякум рух дода истодааст ва бо дарназардошти он, ки на ҳама инсонҳо хоҳиши расидан ба дараҷаҳои баланди "аҳромро" доранд, ба назари мо истифодаи ин абзор аллакай ба мақсад мувофиқ нест. Дигаршавии арзишҳои маънавӣ ба тағйири аҳдоф ва манофеъ мусоидат карда, сифати мушаххас касб мекунанд.

Дар ин раванд, ҳар он чӣ, ки мавқеи моро дар зиндагии мо муайян мекунад, метавонад аз он воқеияте, ки дар асл аст, фарқ кунад. Ин аст, ки барои расидан ба аҳдофи шахсӣ, инсон аз он чорчӯбаи принсипу меъёрҳои барои худ қаблан муайянкардашуда (мавқеъ), озод метавонад даст кашад. Дар ин радиф истифодаи ҳамаи захираҳо, ҳатто он воситаҳое, ки дар назари аввал бо мавқеи мо дар мухолифатанд, роиҷ мегардад.

Дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои "Фалсафа" ва "Ҷомеашиносӣ" вобаста аз имконот бо донишҷӯёни факултаҳои мухталифи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб перомуни мавзӯи "Омилҳои зарурии расидан ба аҳдофи шахсӣ" назарсанҷӣ гузаронида шуд. Дар натиҷаи ҷамъбаст ва арзёбӣ маълум гашт, ки аксари пурсидашудагон чор омили асосиро номбар кардаанд:

" Дониш ва маҳорат
" Маълумот
" Саломатӣ
" Имконоти молиявӣ

Мутаассифона, омили воқеие, ки тайи 20-30 соли охир асоси муваффақият ва расидан ба мақсади инсон гаштааст, ин ҳам бошад, алоқа ва равобити шахсӣ, дар рӯйхат ҷой наёфтааст.

Дар асл бошад, дар ҷаҳони муосир инсон дар талоши ба даст овардани фоида, ки аслан дар аксар ҳолат мушаххас буда дар маблағ инъикос меёбад, доимо кӯшиши онро дорад, ки алоқаҳои шахсияшро бо дигар аъзои гурӯҳҳои иҷтимоӣ мустаҳкамтар намояд. Дар пасманзари ин талошҳо худсобиткунӣ ва худтасдиқкунӣ, ки тибқи ақидаи Маслоу қуллаи баланди "Аҳроми эҳтиёҷот"-и инсонро ташкил медиҳад, метавонад аҳамияти худро гум кунанд. Бо таъмини сарчашмаи доимӣ ва мустаҳками қонеъ гардонидани ниёзмандиҳои иҷтимоӣ инсон аз кӯшиши расидан ба "қабатҳои боло" ихтиёран даст мекашад.

Шояд барои бисёриҳо равобит ё алоқаҳои шахсӣ ҳамчун имконоти воқеии қаноатмандӣ, дастрасии бештар ба сарчашмаҳои захираи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ барои ба даст овардани манофеъ хуш наояд, вале ба инобат нагирифтани он алоқаҳо ва истифода накардани онҳо ҳамчун омили муассир барои ҳалли бисёр мушкилот амалест бемантиқ.



Аслан алоқаҳои иҷтимоӣ - ин худ ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо дигар аъзои гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ё худ амали тарафайн (interaction) ба хотири дар сурати зарурат истифода бурдани имконоти якдигар мебошад. Ба ибораи дигар, дар аксар ҳолат ҳалли мушкилоту муаммоҳои ҳаёти мо аз имконоту воситаҳои дигарон вобаста аст, бинобар ин, таҳкими алоқаҳо бо дигарон, албатта танҳо бо одамони "даркорӣ" вазифаи ҳаррӯзаи инсони муосир гаштааст. Зарурати таҳкиму тақвияти тавонмандии худ қариб, ки куллан аз байн рафта истодааст. Чӣ лозим китоб хондану худро рушд додан, вақте ки ба ҳама саволу муаммоҳои худ инсон ҳозирон ҷавобу тавсияҳои ройгонро дар як сония аз шабакаҳои интернетӣ тавассути алоқаҳои худ мегирад.

Тасодуф бинед, ки дар ин раванд инсон бояд нисбат ба атрофиён беаҳамияту бетараф бошад, воқеан вазъ ба чунин ҳолат оварда расонида истодааст, вале, баръакс мо дар талоши ба роҳ мондани алоқаҳои шахсӣ, ки рӯз аз рӯз афзалияти аввалияти нав касб карда истодаанд, ҳастем. Одамон ба далели он, ки танҳо алоқаҳо метавонанд, мушкилоти онҳоро ҳал кунанд, на танҳо эътимоди қавӣ доранд, балки ба дигарон низ тавсия медиҳанд, ки "ягон одами зӯр (манзур алоқа) ёфтан даркор".

Бо дарназардошти омилҳои мазкур ва муайян кардани аҳамияту афзалияти чунин алоқаҳо, инсон дар навбати худ субъектони онҳоро табақабандӣ мекунад. Дар радифи алоқаҳои иҷтимоӣ аввалият ба алоқаҳои касбӣ дода мешавад, чунки маҳз чунин алоқаҳо ҳамчун захоир ва сарчашмаи таъмини муваффақияти иқтисодии мо шуда метавонад. Тасодуф бинед, ки алоқаҳо бо ҳамсояҳо ҳамчун субъектони наздик, ки доим дар равобитем, дар қиёс бо субъектоне, ки шояд дар як сол як маротиба вохӯрем, афзалияти камтар доранд. Албатта алоқа бо ҳамсоя низ метавонад, аввалияти хосро касб кунад, агар ҳамсоя барои мо ҳамчун захираи имконоти иловагӣ барои дарёфти ҳалли мушкилот аллакай арзёбӣ шуда бошад.

Мусаллам аст, ки ташаккули гурӯҳи (доираи) алоқаҳои инсон бо оғози фаъолияти касбии ӯ ба роҳ монда мешавад. Рушди босуръати технологияи иттилоотӣ ва муоширотӣ роҳат ба роҳ мондани робитаҳои касбиро имконпазир кардааст. Мусаллам аст, ки омили пайвасткунанда метавонад ба фаъолияти шахсии касбии мо ягон рабте надошта бошад, ҳатто алоқаҳои байни ашхоси дар соҳаҳои гуногун фаъолияткунанда, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ вақтҳои охир хеле маъмул гаштаанд, метавонанд бе ягон асос ва ё бе дарназардошти манфиатнок будани онҳо ба роҳ монда шаванд. Аммо мо аллакай дар тафаккури худ ин алоқаҳоро табақабандӣ карда, омодаем, ки дар сурати зарурӣ аз онҳо истифода барем ва доимо дар талоши онем, ки алоқаҳои аввалиятдор канда нашаванд (табрикот дар рӯзҳои ид).

Ҳатто барои аксари онҳое, ки дар замони Ҳукумати Шӯравӣ ба воя расидаанду фаъолият кардаанд ва он замон истифодаи алоқаҳои шахсӣ ба принсипҳои "бунёдкунандаи коммунизм" мухолифат мекард, аҳамияти аввалиндараҷа пайдо кардааст. Ин аз хотир аст, ки дар шароити кунунӣ худиштиғолӣ (мустақилона таъмин кардани худ бо ҷои кор) асоси на танҳо таъмини некӯаҳволии худ ва наздикон, балки рушди тамоми ҷомеа гаштааст.

Ба ҳар сурат, раванди табодули муносибати инсони муосир ба алоқаҳои шахсии худ ҳамчун ба пасандози маблағ дар бонк рӯз аз рӯз суръати нав гирифта истодааст. Дар ин радиф зарурати таҳкиму тақвияти илмҳои ба масоили муоширати алоқаманд, ки дар Аврупо ва Амрико, аллакай дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ омӯзонда мешаванд, пеш омадааст.

## Шеъри рӯз



*Ҳофизи ШЕРОЗӢ*

*Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, гам махӯр,*
*Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, гам махӯр!*
*Эй дили гамдида ҳолат беҳ шавад, дил бад макун,*
*В-ин сари шӯрида боз ояд ба сомон, гам махӯр!*
*Гар баҳори умр бошад, боз бар тахти чаман,*
*Чатри гул дар сар кашӣ, эй мурғи хушхон, гам махӯр!*
*Даври гардун гар ду рӯзе бар муроди мо нарафт,*
*Доиман яксон намонад ҳоли даврон, гам махӯр!*
*Ҳон машав навмед, чун воқиф наӣ аз сирри ғайб,*
*Бошад андар парда бозиҳои пинҳон, гам махӯр!*
*Эй дил, ар сели фано бунёди ҳастӣ барканад,*
*Чун туро Нӯҳ аст кишт(и)бон, зи тӯфон гам махӯр!*
*Дар биёбон гар ба шавқи Каъба хоҳӣ зад қадам,*
*Саразанишҳо гар кунад хори мугелон, гам махӯр!*
*Гарчи манзил бас хатарнок асту мақсад бас баид,*
*Ҳеҷ роҳе нест, к-онро нест поён, гам махӯр!*
*Ҳоли мо дар фурқати ҷонону иброми рақиб,*
*Ҷумла медонад Худои ҳолгардон, гам махӯр!*
*Ҳофизо, дар кунҷи фақру хилвати шабҳои тор,*
*То бувад вирдат дуову дарси Қуръон, гам махӯр!*

# СЕ ҲИКМАТ

### АЙБҶӮӢ

Ҷавоне хонадор шуд. Рӯзи дуввуми хонадорӣ дӯстони ҷавон як гӯсфанди комили кушта ва пӯсткандаро оварданд. Ҷавон ба ҳамсараш амр кард, ки гӯсфанди комилро пухта, барои ӯ ва дӯстонаш тайёр намояд.

Ҷавонзан дар ҷавоб гуфт, ки маҳорати пӯхтани гӯсфанди комилро надорад. Ҷавон дар ғазаб шуд, ки ҳамсараш ноӯҳдабаро аст ва амр кард:

- Либосу чизҳоятро тайёр кун, ба хонаи падарат бармегардӣ. Ба ман ҳамсари ноӯҳдабаро лозим нест, ки гӯсфанд пухта натавонад.

Ҷавонзанро назди падараш оварду гуфт:

- Аввал духтаратонро ҳамчун зан пӯхтупазро омӯзонед, баъд ба шавҳар диҳед.

Чун падар қиссаро шунид, гуфт:

- Боке нест, худи ҳозир ман бо модараш пӯхтани гӯсфандро ба духтарамон меомӯзем. Бихез, дар оғил як қӯчқори калоне ҳаст, бирав ва онро кушта, пӯсташро ҷудо кун, мо дегу оташдонро тайёр мекунем.

Ҷавон гуфт:

- Аммо ман гӯсфанд кушта наметавонам.

Падари духтар гуфт:

- Ин тавр бошад, бирав ва ба падару модарат бигӯй, ки сараввал ба ту маҳорати мардонаро омӯзанд, пас дар маҳорати занонаи ҳамсарат айб биҷӯй.

**Мантиқ:** Чунин аст ҳолати ҳар яки мо, худ комил нестем, вале дар ҷӯстани айби дигарон маҳорати баланд дорем. Агар инсон айби худ бинад, ҳеҷ гоҳ пайи айби дигарон нахоҳад рафт. Паёмбар (с) мегӯянд: "Яке аз шумо чангеро дар чашми мардум мебинад, вале решаи калонро дар чашми худ фаромӯш мекунад."

*Ривояти Ибни Ҳиббон бо санади саҳеҳ*

### АНДОЗА

Профессор барои суханронӣ ба толоре ворид мешавад, аммо дар толор танҳо як нафарро мебинад. Профессор каме нороҳат мешавад ва аз он мард суол мекунад:

- Дар толор танҳо худат ҳастӣ. Ба фикри ту, суханронӣ бикунам ё накунам?

Саис мегӯяд:

- Ман як саиси одӣ мебошам. Агар ман ба оғил равам ва бубинам, ки тамоми аспҳо гурехта бошанду танҳо як асп монда бошад, ман ба он асп ҷав медиҳам.

Профессор аз ин сухан хеле шод шуду ба суханронӣ шурӯъ намуд. Профессор ду соат суханронӣ кард. Баъди итмом аз саис суол кард:

- Ба суханронии ман чӣ гуна баҳо мегузорӣ?

Саис гуфт:

- Муҳтарам профессор! Дар аввал ҳам гуфтам, ки ман як марди одӣ мебошам. Аз ин суханрониҳо чизи зиёд намефаҳмам. Аммо боз такрор мекунам, ки агар ба оғил дароям ва бубинам, ки ҳамаи аспҳо гурехта бошанду танҳо як асп монда бошад, ба он ҷав медиҳам, аммо он қадар барзиёд ҷав намедиҳам, ки меъдааш бикафад.

**Мантиқ:** Андоза нигаҳ дор, ки андоза накӯст...

### АМАЛИ НАКӮ

Марде дар корхонаи тавзеи гӯшт кор мекард. Як рӯз, ки ӯ ба танҳоӣ дар сардхона машғули кор буд, ногаҳон дари сардхона маҳкам шуд ва ӯ дар дохили он гир монд.

Чун соати охири корӣ буд, ҳамагӣ аз пайи анҷоми кор ва рафтан аз корхона буданд ва ҳеҷ касе аз ин ҳодиса хабардор нашуд.

Мард панҷ соат дар он ҷо банд монд ва наздики ба ҳалокат расидан буд, ки ногаҳон нигаҳбони корхона дари сардхонаро боз кард ва ӯро наҷот дод.

Мард пас аз ба худ омадан аз нигаҳбон пурсид:

- Чӣ шуд, ки аз сардхона хабар гирифтед?

Нигаҳбон гуфт:

- Ман 35 сол аст, ки дар ин корхона кор мекунам ва ҳар рӯз ҳазорон коргар ба ин ҷо меоянду меравад ва ту яке аз он ангуштшумор нафароне ҳастӣ, ки мавқеи вуруд бо ман салому аҳволпурсӣ ва ҳангоми рафтан худоҳофизӣ мекунӣ ва баъд хориҷ мешавӣ. Хеле аз коргарон бо ман тавре рафтор мекунанд, ки мисле ман одами ноаён ҳастам. Имрӯз ҳам монанди рӯзҳои гузашта бо ман салом кардӣ, аммо худоҳофизӣ карданатро надидам. Барои ҳамин тасмим гирифтам, ки барои ёфтанат ба ин ҷо саре бизанам. Ман мунтазири аҳволпурсии ҳаррӯзаи ту ҳастам, чун аз назари ту ман низ касе ҳастам, ки вуҷуд дорам.

**Мантиқ:** Амалҳои хайр рӯзе моро наҷот медиҳанд…

*Таҳияи*
*Ҷаҳонгир РУСТАМШО*

*Дар миёни шамъу дил ҳамсонӣ дидам инчунин:*
*Дардро бо гиряи хомӯш таҳаммул мекунанд.*

Анвори дониш
№7 (289), ПАНҶШАНБЕ, 25.04.2019

# ЧАНД ХАБАР АЗ САФАРИ ҶУМҲУРИИ ЛАТВИЯ



*Сафархон РАФИЕВ, номзади илмҳои педагогӣ, аъзои гурӯҳи кории лоиҳаи EXTEND*

Аз 10.03.2019 то 17.03.2019 се нафар омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия Рафиев С.А., мутахассиси маркази таҳсилоти фосилавӣ Қурбонова У.Т. ва мутахассиси маркази ТАКИП Сулаймонов У.И. дар доираи лоиҳаи EXTEND - "Бартарӣ дар таълимоти муҳандисӣ тавассути омӯзиши муаллимон ва роҳандозии усулҳои нави педагогӣ дар Россия ва Тоҷикистон" дар Донишгоҳи техникии Ригаи Ҷумҳурии Латвия дар сафари хизматӣ қарор доштанд.

Мақсади сафар муҳокимаи раванди амалишавии лоиҳа аз ҷониби иштирокчиён ва ҳамоҳангсозони лоиҳа, иштирок дар семинарҳои омӯзишӣ, табодули таҷрибаи якдигар, иштирок дар суҳбати донишҷӯёни бакалавр, магистрантон ва докторантони PhD, иштирок дар машғулиятҳои омӯзгорони Донишгоҳи техникии Рига (ДТР) ва боздид аз базаи моддию техникии донишгоҳи мазкур буд.

Дар ин сафар аз Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, дар маҷмӯъ 11 нафар иштирок намуданд.

Шодбошии меҳмонон аз ҷониби ҳамоҳангсози кул Элизабет Лазароу ва намояндаи ДТР Карлос Ваолтинс сурат гирифт. Ҳамоҳангсози лоиҳа Элизабет дар рӯзи аввал ва охири семинар оид ба идоракунии лоиҳа, муваффақиятҳо ва мушкилот (харидории таҷҳизот, пуркунии анкетаҳо, мавод оид ба омодасозии докторантони PhD суханронӣ намуданд.

Ташкили маркази EXTEND ва фаъолияти минбаъдаи он мавриди диққати махсус қарор дошт. Ин марказ бояд пурра дар амалишаии идеяи асосии лоиҳа - "Бартарӣ дар таълимоти муҳандисӣ тавассути омӯзиши муаллимон ва роҳандозии усулҳои нави педагогӣ" мусоидат намояд.

Дар ҷараёни сафар суҳбату вохӯриҳо ва бахшҳои алоҳидаи семинар дар биноҳо ва факултаҳои гуногун сурат мегирифтанд. Аз ҷумла, иштирокчиёни семинар аз 2 факулта, китобхона, осорхона, лабораторияҳои таълимии ДТР дидан намуданд. Лабораторияҳои донишгоҳи мазкур бо таҷҳизоти муосири техникӣ ва таълимӣ, аз ҷумла бо 3d принтерҳо муҷаҳҳаз гардида буданд.

Аз ҷониби докторантони фаъоли ДТР барои иштирокчиён дар мавзӯҳои "Санъати суханварӣ", "Истифодаи ТИК дар фаъолияти омӯзгорӣ", "Қоидаҳои истифодаи ТИК" суҳбату вохӯриҳо гузаронида шуда, бо 4 нафар донишҷӯёни фаъол низ суҳбат ташкил карда шуд.

Дар кори семинар кормандони бахши докторантураи PhD, профессорон ва дигар кормандони ДТР ҷалб гардида буданд. Дар раванди ин вохӯриҳо мушкилоти рӯзмарраи раванди таълими муҳандисон мавриди баррасӣ қарор мегирифт.

Дар семинари соли гузашта дар шаҳри Саранcки Федератсияи Россия аз ҷониби яке аз коршиносони лоиҳа Мария Даскалу (аз Донишгоҳи техникии Бухаресrи Руминия) сомонаи таълимии Kahoot муаррифӣ гардида буд. Дар ин семинар Мария дар мавзӯи "Таҷҳизоти лозимӣ барои таълим" баромад намуд, ки дар баромадаш роҳҳои муосири ташкили айёнияти электронии таълимиро пешкаши иштирокчиён гардонид.

Бо тариқи бозиҳои интерактивӣ иштирокчиён аз корҳои дар вохӯриҳо ва семинари пешин (Москва, Саранск, Хуҷанд, Рига) анҷомдодашуда суҳбатҳо ташкил мекарданд, ки бо ин васила ҳам пайдарпаии корҳои анҷомдодашудаю мушкилотро муайян менамуданд ва ҳам ба нафароне, ки нав ба кори лоиҳа ҷалб гардида буданд, маълумоти бештаре мегирифтанд.

Дар доираи лоиҳаи мазкур бояд барои докторантони PhD нақшаҳои намунавӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ таҳия карда шаванд. Вобаста ба ин масъала корҳо оғоз гардиданд. Оид ба таҳияи нақшаи таълимӣ барои докторантони PhD, тартиб додани нақшаи омӯзгор, ки бояд аз кадом сарчашмаҳо бохабар бошад, омӯзиши кадом фанҳо ва сарчашмаҳо барои худтараққидиҳии омӯзгор муҳим арзёбӣ мегардад, семинарҳо гузаронида шуданд. Иштирокчиён дар гурӯҳҳои хурд оид ба талаботи асосии таҳияи нақшаҳои таълимӣ, миқдори кредитҳо, қисматҳои нақшаи таълимӣ: ҳатмӣ, қисман ҳатмӣ ва интихобӣ кор карданд.



Қайд карда шуд, ки айни замон дар Аврупо 1 кредит ба 28-30 соат баробар мебошад, ки аз ин 10 соаташ дар синфхона гузаронида мешавад. Ҳар як нақшаи таълимӣ дорои 8 модул мебошад.

Ҳамзамон иштирокчиёни семинарҳо маърӯзаҳои 2 профессори ДТР оид ба истифодаи ТИК ва салоҳиятнокии касбии омӯзгорон шуниданд.

Мушоҳидаҳо аз раванди машғулиятҳои мазкур рӯзи дигар миёни иштирокчиён муҳокима карда шуда ва хулосаҳои лозима бароварда шуданд.

Дар ҷамъбаст ба ҳама иштирокчиёни семинар сертификатҳо дода шуданд.

**ХУЛОСА**

- Иштирокчиён видеои омоданамудаи Карлосро дар мавзӯи "Муаллими хуб кист?" шунида, ҳар як иштирокчӣ дар алоҳидагӣ ва ё дар ҳайати даста дар ин мавзуъ навор сабт намуданд;

- Дар охири семинар ҳар як иштирокчӣ варақаи худбаҳодиҳиро пур намуданд;

- Вазифа гузошта шуд, ки барои ихтисосҳои алоҳида гурӯҳҳои корӣ аз ҳисоби донишгоҳҳои шарик ташкил карда шуда, ба интихоби курсҳо ва сохтани барномаи таълимии ягонаи EXTEND шурӯъ намоянд;

- Дар доираи лоиҳаи EXTEND шарикони лоиҳа бояд конференсияҳо ташкил карда гузаронанд. Айни замон донишгоҳи Магнитогорск матни эълонҳои худро равон кардааст. Хоҳишмандон метавонанд ҳам тариқи ҳузурӣ ва ҳам тариқӣ ғоибона дар он иштирок намоянд;

- Донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд тасмим гирифтанд, ки ҳама якҷоя дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чунин конференсияро ташкил карда гузаронанд.



# БАРДОШТИ САФАР АЗ ИМА

Санаи 05.03.2019 дар доираи барномаи "Ҷаҳони боз"-и сафорати Амрико дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико қарор доштам. Ин барнома барои таҳкими ҳамкориҳои судманд байни Тоҷикистону ИМА равона шуда, имконият медиҳад, ки мутахассисони тоҷик барои шиносоӣ, мубодилаи таҷрибаи касбии худ ва мубодилаи афкор бо шарикони амрикоӣ табодули таҷриба намоянд.

Барномаи мазкур махсус барои роҳбарон ва ташаббускорони ҷавон дар мавзӯи "Занони роҳбар" равона карда шуда, дар он аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 намоянда аз сохторҳои гуногун, ки дар самти дастгирии занон кору фаъолият доранд ва як намоянда ба ҳайси фасилитатор аз сафорати Амрико дар шаҳри Душанбе сафарбар карда шуда буданд. Ин барнома таи 12 рӯз идома ёфта, иштирокчиёни он дар рафти сафар бо барномаҳои мубодилаи касбӣ дар мактабҳои олии ИМА, навовариҳои замони имрӯзаи илму инноватсия, малакаи роҳбарӣ, ҷалби занон ба илм ва инноватсия ва фарҳангу иқтисодиёти ИМА шиносоӣ пайдо намуданд.

Ду рӯзи аввали сафар дар Штати Вашингтон ДС қарор доштем, моро намояндагони барномаи "Ҷаҳони боз" пешвоз гирифтанд. Рӯзи аввали корӣ мо ҳамроҳи 15 нафар аъзоёни гурӯҳи кории Федератсияи Россия ба китобхонаи Конгресс ташриф овардем ва хонум Ҷейн Саргус директор ва Сафир Ҷон Окиф, машваратчии барномаи "Ҷаҳони боз" ва маркази лидерони ҷаҳони боз сухани ифтитоҳиро оғоз намуда, оид ба фаъолияти ин марказ маълумот доданд. Баъдан, доктори илмҳои сиёсӣ Сам Потоликчио, устоди Донишгоҳи Ҷорҷтавн, президенти фонди омодасозии лидерони ҷаҳонӣ, дар мавзӯи "Лидер кист ва кадом хусусиятҳоро дорост?" аз рӯи тадқиқоту таҷрибаҳои худ маълумот дода, бо иштирокчиён саволу ҷавоб намуданд.

Вохӯрии сеюм бо собиқ сафири Амрико дар Туркманистон хонум Лавра Кеннеди оид ба фаъолияти кории худ ва вазъи имкониятҳои занон дар самти роҳбарӣ сурат гирифта, ӯ ба саволҳои намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Руссия ҷавоб гуфт.

Дар вохӯрии чорум доктори илмҳои сиёсӣ, лектор Ҷеймс оид ба сиёсати интихоботи президентӣ сӯҳбат намуд. Баъд аз анҷоми ин лексия мо ба бинои Сенаторони Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ташриф оварда, бо аввалин зане, ки Губернатори Штати Ню Хемпшир Ҷианне Шаҳин тибқи барнома вохӯрӣ доштем. Муовини Ҷианне Шаҳин низ зан буда, оид ба фаъолияти кориашон ва зан ҳамчун роҳбар бо мо сӯҳбат оростанд. Дар анҷоми ин вохӯриҳо мо ба китобхонаи Конгрес ташриф оварда, аз ин китобхона ва маконҳои таърихии воқеъ дар Штати Вашингтон ДС дидан намудем.

Тибқи барномаи мазкур мо бояд ба якчанд Штати Амрико рафта, аз мактабҳо, ширкату корхонаҳо, донишгоҳ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дидан намуда, аз фаъолияти кории онҳо бохабар мешудем. Сафари мо ба Штати Ню Хемпшир аз рӯзи 08.03.2019 оғоз гардид. Дар ин штат мо намояндагони Тоҷикистонро Ташкилоти Friends Forever International (Дӯстони байналмилалии доимӣ) пешвоз гирифтанд ва барои мо барномаи вохӯриҳоро дар 4 штат омода намуданд. Бо директори ин ташкилот вохӯрӣ гузаронида, шиносоӣ намудем ва оид ба мақсаду ҳадафҳои ташриф оварданамон муҳокимаронӣ намудем. Инчунин, оид ба фаъолияти кории ин ташкилот, ки дар самти ҷавонон кору фаъолият менамоянд, презентатсия намуда, бо ихтиёриёни ин ташкилот вохӯрдем. Нисфирӯзӣ барои боз ҳам маълумоти бештар гирифтан оид ба фаъолияти кориямон дар ин тренинг машқи харитаи ҳаёти ман (The map of my life)-ро гузаронидем, ки бисёр ҷолиб буда, мо дар муддати кӯтоҳ маълумоти бештар оид ба ҳар иштирокчӣ гирифтем.

Ҳамчунин, дар Штатҳои Ню Хемпшир, Мейн, Бостон ва Масачусетс якчанд вохӯриҳо гузурондем, аз ҷумла:

Ташриф ба мактаби олии Сплаудинг, ки бо Ташкилоти Friends Forever International (Дӯстони байналмилалии доимӣ) ҳамкорӣ дорад. Вохӯри бо директори ин мактаб, бо ихтиёриёни маҳфилҳои гуногун, бо хатмкунандагони барномаҳои Ташкилоти ДБД ва иштирок дар фандрайзинги мактаббачагон. Дар ин намуди фандрайзинг мактаббачаҳо иштирок намуда, дар ошхонаи мактаб хӯрок мепазанд, бозичаҳои гуногун мефӯрушанд, ҳунарҳои дастии худро ба намоиш гузошта, ҳамаи ҳамсояҳои маҳал ва падару модарашонро даъват менамоянд, то дар ин чорабинӣ иштирок намоянд. Маблағи ҷамъовардаашонро барои амалӣ намудани лоиҳаҳои ҷамъиятӣ сарф мекунанд.

Хӯроки нисфирӯзӣ бо занони пешсафи Штати Ню Хемпшир, ки ҳамаашон директорони марказҳои гуногун буда, ба ғайр аз кори давлатӣ боз дар назди Ташкилоти Friends Forever International (Дӯстони байналмилалии доимӣ) ба ҳайси ихтиёрӣ фаъолият менамоянд ва дӯстони доимии ин ташкилот мебошанд. Дар ин вохӯрӣ ҳар як занони лидер оид ба кору фаъолияташон маълумот дода, ба мо аз таҷрибаҳои худ тавсия доданд.

Ташриф ба ҷойҳои таърихии Штати Ню Хемпшир, аз ҷумла ба намоиши муҳоҷирдухтарони Милл, фабрикаи пахта, ки аз солҳои 1850 ҳамчун ҷои таърихӣ барои занони муҳоҷири ИМА, ки худро занони коргар меномиданд, боқӣ мондааст. Дар ин музей оид ба сатҳи зиндагӣ, баробарҳуқуқии занони ИМА, мақоми зан дар ҷомеаи асри XIX ва имкониятҳои онҳо нақл карданд.

Вохӯрӣ ва тамошои хонаи сенаторони Штати Ню Хемпшир. Дар ин бино мо бо Кейн Мурай, намояндаи Штати Ню Хемпшир ва Фуллер Кларк, сенатори ин Штат, ки дӯстони ҳамешагии Ташкилоти мазкур мебошанд, вохӯрӣ намуда, бо тамоми толорҳои таърихие, ки маъракаи интихобот дар онҳо гузашта, ҷойҳои таърихӣ ба ҳисоб мераванд, шинос шуда, оид ба кору фаъолият ва чорабиниҳое, ки дар хонаи асосии сенаторон гузаронида мешавад, маълумот гирифтем.

Рӯзи дигар мо ба Freedom cafe (Кафеи озодӣ), ки дар шаҳраки Дурҳам ҷойгир буд, ташриф оварда, бо таъсисдиҳандагони ин кафе сӯҳбат намудем. Маблағи ин кафе махсус барои дастгирии занони ниёзманд равона карда мешавад.

Ташриф ба клуби духтаракон дар Штати Бостон. Дар ин клуб бо таъсисдиҳанда ва роҳбарашон вохӯрда, оид ба ин клуб маълумот гирифтем. Дар якҷоягӣ бо духтарони ин клуб дар якчанд курсҳояшон иштирок намудем. Духтарон баъд аз дарс дар ин клуб боз дониши худ ва маҳораташонро сайқал медиҳанд.

Ташриф ва саёҳат ба музей, маконҳои таърихии Штати Бостон, Мейн, Донишгоҳи Гарвард ва MIT. Дар ҷамъбасти ин барнома оид ба Тоҷикистон ва фаъолияти худ дар Штати Ню Хемпшир рӯнамоӣ, буклетҳо ва видороликҳо омода намуда, инчуни либосҳои миллӣ, тоқии чакан ва кулчаҳои равғанию орзӯқа, хушкмеваҳо ба намоиш гузошта, Тоҷикистонро муаррифӣ намудам. Бароям боиси ифтихор буд, ки Тоҷикистони азизамро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоям. Манзараҳои биҳиштосои Тоҷикистон ба ҳамагон писанд омада, хоҳиши ташриф ба Тоҷикистон хеле зиёд шуд ва ба шахсони масъул ва ташкилкунандагони ин барнома тӯҳфаҳои миллии тоҷикиро ҳамчун хотира аз дастаи занони тоҷик ба ташкилкунандагони барнома тақдим намудам.

Хулоса, ҳар қадами ин барнома пур аз вохӯриҳо ва таҷрибаомӯзӣ буд. Ростӣ ҳамаи донишҳову таҷрибаҳои андӯхтаамон онқадар зиёданд, ки ҳамаи онҳоро дар як мақола ҷой додан ғайриимкон аст. Аз ин сабаб, бо даст додани имкон кӯшиш менамоям, ки дар шумораҳои оянда барои Шумо маълумоти бештаре аз хотиротам аз рафти сафари кориям ба ИМА пешкаш карда бошам.

***Муқимӣ МУБОРАК, мутахассиси шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ***

# ЧАРО ДОНИШҶӮЁН ДАРСШИКАНӢ МЕКУНАНД?



*Алишери Абдулмаҷид, мутахассиси Маркази бақайдгирӣ ва НКТ, узви ИЖТ*

Дар соли таҳсили 2018-2019 дар факултаҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳудуди 5287 донишҷӯ дар таълими рӯзона таҳсил менамоянд, ки ин шумора 100%-и донишҷӯёнро ташкил дода, давоми ҳар ҳафта 9-10%-и донишҷӯён ба дарс ҳозир намешаванд, ки ин яке аз мушкилоти рӯзмарраи донишгоҳ ба шумор меравад.

Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки аксари донишҷӯёни дарсшикан аз ноҳияҳои дурдасти минтақаи Кӯлоб буда, аз сабаби дур будани роҳ рӯзҳои шанбе ва душанбе аз дарсҳо қафо мемонанд. Ҳамчунин, сабаби дигари дарсшикании донишҷӯён дар бемасъулиятии волидайни эшон мебошад.

Бинобар иттилои деканҳои факултаҳои донишгоҳ донишҷӯён бо сабабҳои гуногун ба дарсҳо ҳозир намешаванд. Бархе аз деканҳо бар он назаранд, ки сабаби дарсшикании донишҷӯён дуруст интихоб накардани ихтисоси худ ва шавқ надоштан ба касби интихобгардидаашон мебошад. Инчунин, мушкилоти зиндагӣ онҳоро маҷбур мекунад, ки барои таъмини эҳтиёҷоти худ ва оила ба корҳои дигар машғул шаванд. Бояд гуфт, ки омили дигари дарсшиканӣ ин ба шавҳар баромадани донишҷӯдухтарон ва таъсир расонидани муҳити оилавӣ ба онҳо унвон мешавад.

Дар пурсише, ки мо дар байни донишҷӯёни дарсшикан гузаронидем, ба мо маълум гашт, ки бо қабул гардидани Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" масъулияти қисме аз падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон бештар гардонида бошад ҳам, мутаассифона, боз падару модароне ҳастанд, ки нисбат ба қонун беларвоӣ зоҳир карда, ба таълиму тарбияи фарзандон аҳамият намедиҳанд. Ҳатто дар тӯли 3-4 соли таҳсил аққалан як маротиба ба айдати фарзандонашон намеоянд, боре ҳам фикр намекунанд, ки фарзандони онҳо чӣ тавр зиндагӣ мекунанд, дарс мехонанд, ба дарсҳо ҳозир мешаванд ё не?

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти талаботи замони муосир барои ҷавонон, ки онҳои миллату давлат ба шумор мераванд, дар муассисаҳои миёнаи умумӣ ва муассисаҳои олии касбӣ тамоми шароиту имкониятҳоро фароҳам оварда истодааст.

Мутаассифона, ин қабили донишҷӯён нисбат ба шароитҳои фароҳамовардаи замони истиқлол бетараф буда, аз ин неъматҳо истифода намебаранд, ки ин бароиояндаи онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Инчунин, чизи дигаре, ки мо дар рафти суҳбат бо донишҷӯёни дарсшикан муайян намудем, ин дар иҷора зиндагӣ намудани онҳо мебошад, ки дар баъзе аз иҷораҳо қувваи барқ бо сабаби напардохтани ҳаққи неруи барқ аз ҷониби иҷоранишинҳо (донишҷӯён) қатъ карда мешавад, ки аксари онҳо аз табақаи поёнии ҷамъият буда, барои пардохти ҳаққи иҷорапулӣ ва қувваи барқ танқисӣ кашида, дар бозорҳои шаҳр баҳри дарёфти маблағ барои пардохти иҷорапулӣ ва ҳаққи қувваи барқ ба мардикорӣ машғул мешаванд. Ҳамчунин, баъзе аз иҷораҳо дар масофаи 4-5 километр дуртар аз донишгоҳ ҷойгир мебошанд, ки ин барои сари вақт ба дарс ҳозир шудани онҳо монеа эҷод мекунад. Дар сурати сари вақт ҳозир нашудан ба дарс омӯзгорон ба онҳо ғоиб (нест) мегузоранд.

Дар ин ҷо метавонем фишурдаи чанд тан аз ҳамсуҳбатҳоямонро барои хонандагон пешкаш намоем.

***Чилаев Давлаталӣ, донишҷӯи соли 4-уми факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва ОДҲ.***

-Тӯли чор сол мешавад, ки дар донишгоҳ таҳсил менамоям ва дар ин 4 соли таҳсил соли аввал аст, ки ба дарсшиканӣ роҳ додаам. Ин дарсшиканӣ бо сабаби оиладор буданам ҳаст, ки ҳамсарам бемор шуда буд. Минбаъд кӯшиш менамоям, ки дигар ба дарсшиканӣ роҳ надиҳам ва сари вақт ба дарсҳо ҳозир шавам.

***Раҷабалиев Саидҷаъфар, донишҷӯи соли 4-уми факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва ОДҲ.***

- Ман дар иҷора зиндагӣ мекунам ва иҷораам дар масофаи 5 километр дуртар аз донишгоҳ ҷойгир аст, ки ин ба саривақт омадан ба дарсҳо мушкил эҷод мекунад. Ман ин масофаро ҳар рӯз пиёда тай намуда, ба дарс ҳозир мешавам. Сабаби дигари дарсшиканиам ин танқисӣ кашидан аз ҳисоби пардохти ҳаққи иҷорапулӣ ва қувваи барқ ва партов мебошад. Дар оилаамон мушкилоти зиёд ҳаст, аз ҳамин сабаб барои пардохткардани ин ҳама маблағ маҷбурам ба коре андармон шуда, маблағ ба даст биёрам, то ҳамаи мушкилоти донишҷӯиямро худам бартараф намоям. Аз маъмурияти донишгоҳ хоҳиш менамоям, ки барои мо донишҷӯён як хобгоҳи дигар сохта ба истифода диҳад, то аз ин ҳама мушкил раҳоӣ ёфта, сари вақт ба дарсҳо ҳозир шавем.

***Қодирова Сокина, донишҷӯи соли 1-уми факултаи молиявию иқтисодӣ.***

- Бинобар сабаби дар оила як духтар буданам, ки ба корҳои модарам ёрӣ мерасонам, наметавонам сари вақт ба дарсҳо ҳозир шавам. Минбаъд кӯшиш менамоям, ки дигар ба дарсшиканӣ роҳ надиҳам.

***Раҳимов Исмоил, донишҷӯи соли 1-уми факултаи молиявию иқтисодӣ.***

- Бештар дар мусобиқаҳои варзишӣ иштирок намуда, ба дарсҳо ҳозир шуда наметавонам. Аз маъмурияти факулта хоҳиш менамоям, ки барои ба мусобиқаҳои варзишӣ рафтанам минбаъд маро дастгирӣ намоед.

***Ҳалимов Муҳаммадҷон, донишҷӯи соли 3-юми факултаи омӯзгорӣ.***

- Бинобар сабаби дар оила як фарзанд буданам ва дар оилаамон ягон нафар кор накардан ба корҳои сохтмонӣ машғул шуда, эҳтиёҷоти худ ва оилаамонро мебарорам. Аз ин хотир, ба дарсшиканӣ роҳ медиҳам.

***Маҳмудов Сафархон, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика.***

- Дар оила мушкилоти зиёд ҳаст ва ман намехоҳам мушкили дигари оила шавам. Аз ин рӯ, барои пардохти шартномаи таҳсил ва роҳкироам, ки ҳар рӯз аз ноҳияи Восеъ меоям, ба корҳои сохтмонӣ машғул шуда, сари вақт ба дарсҳо ҳозир шуда наметавонам. Минбаъд кӯшиш менамоям, ки дигар ба дарсшиканӣ роҳ надиҳам.

***Зиёева Фарида, донишҷӯи соли 4-уми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика.***

- Бинобар сабаби оиладор будан ва бемор будани хушдоманам ва нигоҳубини ӯ ба дарсҳо сари вақт ҳозир шуда наметавонам.

***Суҳроби Раҳмоналӣ, донишҷӯи соли 2-юми факултаи химия, биология ва география.***

- Бинобар сабаби тамрин намудан аз рӯи гуштини миллӣ наметавонам сари вақт ба дарсҳо ҳозир шавам. Кӯшиш менамоям, ки дигар аз дарсҳо қафо намонам.

***Талбакшоҳи Қудратулло, донишҷӯи соли 1-уми факултаи химия, биология ва география.***

- Бо сабабҳои гуногун дарсшиканӣ менамоям. Яке аз сабабҳои дарсшиканиам аз ноҳияи дурдаст буданам мебошад. Рӯзҳои шанбе ба хонаамон рафта, рӯзҳои душанбе бармегардам, ки ин маҳз сабаби асосии дарсшиканиам мегардад.




Хулоса, дар маҷмӯъ гуфта метавонем, ки донишҷӯёни дарсшикан мушкилоти зиёд доранд ва бо сабабҳои дар боло зикргардида ба дарсшиканӣ роҳ медиҳанд. Гурӯҳи дигари донишҷӯён намедонем аз тарс бошад ва ё чизи дигар, ки сабабҳои дарсшикании худро пинҳон мекунанд.

Магар деканҳои факулта ва ё сохторҳои марбута барои ин мушкил гунаҳкор нестанд? Ба ин савол бояд худи онҳо ҷавоб гардонанд!

# ДОНИШҶӮ КАЙ ХОРИҶ МЕШАВАД?

***Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12. 2016, №19/24 тасдиқ шудааст***

**НИЗОМНОМАИ**
**низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**14.ТАРТИБИ ХОРИҶ, БАРҚАРОРКУНӢ ВА ИНТИҚОЛИ ДОНИШҶӮ**

110. Донишҷӯе, ки дар як даври академӣ бесабаб дар ҳаҷми зиёда аз 36 соат ба дарсшиканӣ роҳ медиҳад, аз муассиаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад.

111. Донишҷӯе, ки аз рӯи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос) аз се ва зиёда фанҳои таълимӣ баҳои F (ғайриқаноатбахш) мегирад, аз сафи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад. Донишҷӯ баъд аз як даври академӣ (семестр) ҳуқуқи барқарор шуданро дорад.

112. Донишҷӯе, ки пас аз анҷоми триместр аз як ё ду фанҳои таълимӣ ва донишҷӯёне, ки аз яке аз қисмҳои фанҳои таълимии пайдарпайии омӯзиши онҳо ҳатмӣ қарздор мемонад, аз сафи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад.

113. Донишҷӯ дар ҳолати аз як фанни таълимӣ (фанни барои ихтисоси ӯ асосӣ) се маротиба баҳои F (ғайриқаноатбахш) гирифтан, бе ҳуқуқи барқароршавӣ ба ин самт (ихтисос) хориҷ карда мешавад. Дар ин ҳолат ӯ ҳуқуқ дорад, ки ба дигар самт (ихтисос)-е, ки омӯзиши фанни мазкур тибқи талаботи нақшаи таълимии он асосӣ нест, барқарор шавад.

114. Донишҷӯе, ки холи умумии миёна (GPA)-и ӯ аз рӯи ҳамаи фанҳои таълимӣ баъд аз ҷамъбасти натиҷаҳои триместр аз холи умумии миёна (GPA)-и дар банди 56-и Низомномаи мазкур муқарраршуда паст мебошад, дар курсаш такроран мононда мешавад.

115. Донишҷӯ пас аз хориҷшавӣ, танҳо баъд аз гузаштани як даври академӣ ҳуқуқи барқароршавӣ дорад. Миқдори кредитҳое, ки донишҷӯ то давраи хориҷшавӣ соҳиб гаштааст, ҳангоми барқарор шудани ӯ пурра ба инобат гирифта мешаванд.

116. Донишҷӯе, ки хориҷ шудааст, метавонад ба ихтисос ва курси мувофиқ дар сурате барқарор шавад, ки пеш талаботи барои ин курс ё ихтисос муқарраршуда дар транскрипт (маълумотномаи академӣ)-и ӯ дарҷ ёфта бошад;

117. Барқароркунии донишҷӯ дар як соли таҳсил дар ду давра то оғози даври академии навбатӣ сурат мегирад.

118. Дар мавриди барқароршавии донишҷӯ ба ин ё он курс ва ё гузаштан ба дигар ихтисос ҳаҷми кредитҳои фанҳои таълимие, ки аз рӯи онҳо қарзи академӣ ё фарқият месупорад, бояд аз 18 кредит зиёд набошад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар муайян намудани фарқият аз фанҳои интихобии нақшаҳои таълимии кории самт (ихтисос)-ҳо мустақил аст.

119. Маркази бақайдгирӣ ва машварат дар асоси транскрипти донишҷӯ курси таҳсил ва фарқиятро аз рӯи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян мекунад.

120. Тартиби интиқоли донишҷӯ дар дохили муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (аз як шакли таҳсил ба шакли дигар, аз як ихтисос ба ихтисоси дигар, аз низоми анъанавӣ ба низоми кредитии таҳсилот) ва аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси талаботи "Низомномаи хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" сурат мегирад.

121. Бартараф намудани кредитҳои фарқият аз рӯи нақшаҳои таълимии ихтисос (самт)-ҳои амалкунанда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми барқарор ё интиқоли донишҷӯ бе пардохти маблағ ба роҳ монда мешавад.

*Намегардад забонам гӯямат Хуршеду Моҳ ҳастӣ,*
*Ки ин рӯзи дарозу в-он дигар дар шаб намебинам!*

Анвори дониш
№7 (289), ПАНҶШАНБЕ, 25.04.2019

# ҶАБРИ УСТОД БЕҲ ЗИ МЕҲРИ ПАДАР...



*Мунир САФАРОВ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, декани факултаи физика ва математика*

***"...Зиёии асил дар раванди ташаккул ва тавсеаи тафаккури миллӣ ҳамеша фаъол буда, ба раванди пешрафти маънавиёти ҷомеа таъсир мерасонад".***

***Эмомалӣ РАҲМОН***

Қайд кардан ба маврид аст, ки рушди ҷомеаи муосири тоҷикро бидуни рушди илм ва истеҳсолот таъмин кардан имконнопазир аст. Барои ишкишофи илм олимони асили кишвар ҳамеша заҳмат мекашанд.

Боиси ифтихор ва сарбаландист, ки ҳайати тавонои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар қатори дигар олимони кишвар барои рушди илми тоҷик ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси Ҷумҳурии азизамон саҳми калон доранд. Омӯзгорони донишгоҳ пайваста ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул буда, шогирдонро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ тарбият намуда истодаанд. Мо ин суханҳоро барои он мегӯем, ки хатмкардагони донишгоҳ имрӯз дар вазифаҳои калидии Ҷумҳурӣ кору фаъолият намуда, бо дониш заковати баланди худ дар гул-гулшукуфоии ҷомеа саҳмгузор мебошанд.

Яке аз олимони барҷастаи тоҷик, устоди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, роҳбари синфи камина Баротов Ҷумахон мебошад, ки бо амалҳои накӯ ва хизмати шоиста дар дилу дидаҳо ҷо гирифтааст.



Устод Баротов Ҷумахон дар мактаби миёна роҳбари синфи мо буданд ва пайваста хонандагонро дар рӯҳияи илмомӯзиву ватанпарастӣ тарбия менамуданд. Ҳама хонандагон ӯро дӯст медоштанд ва пайваста бо он кас дар муколама буданд.

Имрӯз дар донишгоҳ ҳамкасбамон мебошанд ва бо рафтору гуфтори намунавии худ идеалии ҳар як донишҷӯ ҳаст. Мо боре нашунидаем, ки дар ҳаққи устод касе носазое гуфта бошад ва ё аз кадом амалаш ноҳинҷор гашта бошад. Устод бисёр инсони хоксор ва заминӣ мебошанд. Ботамкиниву одобу ахлоқашро васф кардан имкон надорад. Ӯ ҳамеша идеали мо шогирдон аст. Устод ҳамчун шахси хоксор, ҳалиму дилсӯз ва дар навбати дигар ҷиддӣ, сахтгир, серталаб мебошанд.

Устод Баротов Ҷумахон 13.10.1957 дар деҳаи Лангурихои ноҳияи Шамсиддин Шоҳин (собиқ Шӯрообод) таваллуд шудааст. Географ, номзади илмҳои география (2011), Аълочии маорифи Тоҷикистон (2004) буда, хатмкардаи факултаи табиатшиносӣ ва географияи Институти давлатии педагогии Ленинобод ба номи С.М.Киров (ҳоло ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, 1980) мебошад. Таҳсил дар мактаби миёнаи №27 ноҳияи Восеъ, донишҷӯ (1976-1980), омӯзгор (1980-1994), мудири кафедраи биология (1994-1996), аз соли 2012 мудири кафедраи география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад.

Устод Дар мавзӯи "Хусусиятҳои иқтисодию географии ташаккулёбӣ ва инкишофи маскуншавии аҳолии минтақаи Кӯлоб" (2011, Душанбе) рисолаи номздӣ дифоъ намудааст. Дар тадқиқотҳои ӯ бори аввал ташаккулёбӣ ва инкишофи маскуншавии аҳолии минтақаи Кӯлоб мавриди баррасӣ қарор гирифта, инкишофи минбаъдаи маҳалҳои аҳолинишини он то соли 2020 пешгӯӣ карда шудааст. Оид ба масъалаи мазкур беш аз 10 мақолаи илмӣ таълиф ва ба чоп намудааст. Бо нишони сарисинагии "Аълочии маорифи Тоҷикистон" (2004) сарфароз гардидаст.

Осори устод аз инҳо иборатанд: Омӯзиши иқтисодию географии маҳалҳои аҳолинишин. //Мактаби советӣ. № 5, 1989; Маскуншавии аҳолӣ ва масоили он. //Илм ва ҳаёт. № 12, 1990; Баъзе хусусиятҳои ҷойгиршавии аҳолии вилояти Кӯлоб. // Мактаби советӣ. № 8, 1990; Географияи зичии аҳолии минтақаи Кӯлоб. //Маърифат. №7,8,1994; Некоторые демографические особенности населения Кулябской зоны. //Вестник ТНУ, № 4, 2011; Особенности формирования и развития сельских поселений Кулябской зоны. //Вестник ТГПУ. им. С.Айнӣ, №2, 2011; Экономико-географические исследования сельского расселения Кулябской зоны. //Вестник КГУ им. Абуабдуллох Рӯдаки. №2, 2010; Перспективы развития и размещения городских поселений Кулябской зоны. //Вестник КГУ им. Абуабдуллох Рудаки. №1,2014; Географияи минтақаи Кӯлоб. Душанбе, 2015 ва ғайра.

Устод бисёр инсони наҷиб буда, аз ин минбари баланд баҳрашон зиндагии шоиста ва ҳаёти босуботро таманно дорам. Бигузор ҳамеша сарбаланду муваффақ бимонед! Ба устод барои дарсҳои хуб ва дар рӯҳияи илмдӯстӣ тарбия намудани шогирдон изҳори сипос мекунем!

***Бахт ёратон бод, устод!***

# ДАРАХТИ ДОНИШ ДАР БӮСТОНИ КИТОБ



*Фазилат НУРАЛИЕВА, китобдори китобхонаи донишгоҳ*

Бино бар амри Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба таҷлили 30-солагии Истиқлоли Тоҷикистон, тахти сарпарастии Президент озмуни китоб баргузор мегардад, ки дар он хонандагон, донишҷӯён, аспирантҳо, магистрҳо, докторантҳо ва умуман ҳама шаҳрвандони кишвар иштирок карда метавонанд. Вазорати молия барои баргузории озмуни "Фурӯғи субҳи доной..." аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии раиси ҷумҳур 310 ҳазор сомонӣ ҷудо мекунад.



Ин амр аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Пешвои муаззами мо бо як масъулияти баланди давлатсозӣ ва миллатсозӣ мехоҳад, ки мардуми кишвар босаводу бомаърифат бошанд. Ҳамин аст, ки дар Паёми имсолаи худ таъкид кардаанд: "Миллат бояд босавод бошад!"

Сарвари давлат худашон то имрӯз ҳашт китоб таълиф намудаанд, ки фарогири тамоми дастовардҳои замони истиқлолият, устувории сулҳу ваҳдат, пешгирии терроризму экстремизм ва дигар масъалаҳои ҳалли глобалӣ мебошанд. Пешвои муаззами миллат дар бораи китобҳои офаридаи худ гуфтаанд: "Ба иншои китоби "Тоҷикон дар оинаи таърих" даст заданам, тасодуф набуда, амри ногузири давронӣ соҳибистиқлолии Тоҷикистон аст. Дар ин даврони нав мо роҳи худшиносӣ ва эҳёи халқамонро пазируфта, ба мероси гузаштаи чун манбаи зиёбахши бунёди ҷомеаи нав ва ваҳдати мардуми кишварамон эҳтиром мегузорем".

Чанде пеш дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо кормандону коршиносони соҳаи китобдорӣ семинар - омӯзиш доир гардид. Ин семинарро Китобхонаи давлатии патенту техникии Маркази миллии патенту иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор намуд.

Омӯзгорони семинар, бо сарварии коршиноси Китобхонаи давлатии патентию техникӣ, муҳтарама Бутаева Гулнора кормандони китобхонаи донишгоҳи моро ба як силсила навгониҳое, ки солҳои охир дар соҳаи китобдорӣ падид омадаанд, ошно сохтанд. Онҳо диққати шунавандагони семинарро бештар ба мавзӯи ташаккули фарҳанги хизматрасонӣ ва баланд бардоштани нуфузи фаъолияти китобхона дар донишгоҳ ҷалб намуданд.

Бояд гуфт, ки семинари мазкур ниҳоят босамар буд ва савияи коршиносии китобдорони донишгоҳро афзун гардонд.

Дар ин ҷо мехоҳам бохабар созам, ки роҳбарияти донишгоҳ тасмим гирифтаст моҳи апрели соли ҷорӣ дар байни омӯзгорон ва донишҷӯён Фестивал - Озмуни "Китобдор, китобхона ва китобхонаи шахсии сол"-ро баргузор намояд. Барандагони ин озмун бо ифтихорномаҳо ва ҷоизаи ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ сарфароз гардонида мешаванд.

Аз рӯйи нақшаи чорабиниҳои тасдиқнамудаи ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои физика ва математика, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Абдулло Ҳабибулло, роҳбарони ҳама факултаҳо вазифадор карда шудаанд, ки нахуст дар байни донишҷӯён ва омӯзгорони факултаҳо озмуни "Дӯстдорони китоб" гузаронида, барандагонро ба ҳайати ҳакамон пешниҳод намоянд.

Кормандони китобхонаи донишгоҳ тасмим гирифтаанд, ки барои дар сатҳи баланд гузаронидани Фестивали китоб талошу кӯшиш намуда, алоқамандии донишҷӯён ва омӯзгорони ин боргоҳи маърифатро дар озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доной..." ба таври шоиста намоён созанд.

Кормандони китобхонаи донишгоҳ ҳама хонандагони рӯзномаи хонданибоби "Анвори дониш"-ро барои иштирок дар озмуни "Фурӯғи субҳи доной..." самимона даъват мекунанд.

# ХУДШИНОСӢ ВА ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ

***Худшиносӣ омили асосии арзи ҳастӣ доштани халқу миллат ба шумор меравад. Халқе, ки худро шинохта наметавонад, умри дароз надида, дар набардҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва забонӣ бо халқҳои аз худ бузургтар омезиш ёфта, бо онҳо ҳамроҳ мешавад.***

***Эмомалӣ РАҲМОН***



*Содирхон АШУРОВ, ассистенти мудофиаи гражданӣ ва ОДХ*

Худшиносӣ ин худнигоҳдорӣ, худогоҳӣ, умри дароз дидани халқу миллатҳоро ифода мекунад. Халқе, ки худро мешиносад, эъҷодкору ихтирокор, мағлубнашаванда ва маъруфу машҳури замон мегардад. Худшиносӣ дар асоси ҳаматарафа донистани таърихи фарҳанги миллати худ ва муқоиса бо фарҳанги дигар халқиятҳо пайдо мешавад. Номи халқ таҷассуми наждӣ, хулқу атвори он мебошад. Ифодаи дигари худшиносӣ забони миллат ба ҳисоб меравад. Хештаншиноси комил нигаҳбони забони модар, пушту паноҳ ва рушду камоли давлат мебошад. Номусу миллат аз худшиносӣ дарак медиҳад. Халқе, ки номусу нанги миллӣ надорад, бозичаи дасти дигарон мегардад ва дастнигар ва зери пойи аҷнабиён гардида, оқибат забону фарҳанги худро аз даст медиҳад.

Дигар паҳлуи худшиносӣ бофарҳангист. Миллате, ки фарҳанги баланд ва номусу нанг надорад, ҳар чӣ ки ба сараш меояд, ғуломвор итоат менамояд. Дигар маънӣ он аст, ки дар дӯст доштани Ватан ва сарзамини аҷдодон ва муҳофизи он будан ифода меёбад.

Дар худшиносӣ донистани таърихи фарҳанг нақши муассиро мебозад. Ҳалқе, ки таърихи фарҳанги худро намедонад, худшинос шуда наметавонад. Дар худшиносии халқи тоҷик истилои арабу муғул нақши асосиро бозиданд. Чи гунае, ки маълум аст, тоҷикон дар Осиёи Марказӣ ягона халқи бумии ориёнажод мебошанд, ки аз даврахои қадим дар ин сарзамин сукунат доранд.

Забони форсӣ забони тамоми мардумони ориёишаҳр аз баҳри Миёназамин то марзи Чинро фаро мегирифт. Худшиносӣ дар замони пеш, ин маъруф намудани забони форсӣ-тоҷикӣ ва фарҳанги ориёиҳо буд.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, ки тозиён (арабҳо) аввали асри 7 ба забт намудани сарзамини тоҷикону эрониён шурӯъ кардаанд. Онҳо мехостанд, ки забони форсӣ, хаттӣ аҷдодони мо-авастоиро аз байн баранд. Арабҳо маъбаду китобхонаҳои маъруфи Эронро сӯзонида, аксари мардуми соҳибилму бофарҳангро мекӯштанд, то ки ҳама арабзабону арабихон шаванд. Хусусияти дигари худшиносӣ ин ҳудуди марзу буми Ватани худро донистан ва онро аз душманони хориҷӣ муҳофизат кардан аст.

Ин ҳамаро дар ниҳоди хонандагон тарбия карда, онҳоро хештаншинос гардонидан вазифаи ҷонии ҳар як шахси бохирад мебошад.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳоние, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2016 ба донишҷӯи соли 3-юми факултаи омӯзгорӣ (шуъбаи ғоибона) Акрамзода Таманно Зайдулло додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

ХХХХ

Дафтарчаи имтиҳоние, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2017 ба донишҷӯи соли 2-юми факултаи омӯзгорӣ (шуъбаи ғоибона) Саидова Дилафрӯз Нурдиновна додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

ХХХХ

Дафтарчаи имтиҳоние, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2016 ба донишҷӯи соли 3-юми факултаи молиявию иқтисодӣ (шуъбаи рӯзона) Исмоилов Аминҷон Азизович додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.



*Фахриддини Холбек, рӯзноманигор*

# ТЕРРОРИ АСР: АҲМАДШОҲИ МАСЪУД ЧӢ ТАВР КУШТА ШУД?

***Пушти террори Масъуд на фақат "Ал-қоида" - ву Толибон, балки худуди 20 кишвару созмон ва атрофиёни ӯ низ даст доштанд. Таҳқиқоти байнулмилалӣ ва дохилии қатли ӯ мутаваққиф шуданд. Натиҷаи қаблӣ эълон нагардиданд. Аммо пас аз марги "Шери Панҷшер" мавҷи террор дар саросари ҷаҳон пахн шуд. Кӣ дар ин кор манфиат дошт? Чаро ин "аждаҳои оташнафас" ба номи терроризмро дар лонааш - Афғонистон нобуд накарданд, баръакс, дастҳо ва роҳашро ба сӯи Амрико, Аврупо, Африқо ва Ховари Миёна боз намуданд?***

*Идома аз шумораи гузашта*

Тайёраҳои хурди Созмони Милали Муттаҳид ҳар чоршанбе аз Исломобод ба Қандаҳор парвоз мекарданд ва бо истифода аз он Толибону "Ал-қоида" бархе зарурияёти худро аз Исломобод ё Қандаҳор интиқол медоданд. Дар яке аз ҳамин чоршанбеҳо кормандони "Мактаб-ул-Аълом" аз фурудгоҳ бо дасти холӣ баргаштанд. Вақте онҳо бо намояндаи худ дар Покистон тамос гирифтанд, ба онҳо гуфта шуд, ки амволашон тариқи роҳи заминӣ аз Квентта, маркази Балуҷистони Покистон хоҳад расид. Ва он пас аз як ҳафта расид.

Миёни бастаҳо ва қуттиҳои картонӣ як қуттие низ буд, ки зоҳиран аз бақия фарқе надошт. Тарҷумони афғонии "Ал-қоида" аз қавли кормандони "Мактаб-ул- Аълом" қисса мекунад, ки бегоҳии шанбеи ҳамон ҳафта меҳмони Абуҳафси Сағир (Маҳфуз Валад-ал-Валид, мавританиёӣ, олими "Ал-қоида") буд, ки як афғон омад ва аз қуттӣ пурсид. Рӯзи дигар ду нафар бо иттифоқи як тифл ба анбори марказ омаданд. Қуттӣ сабук буд. Онро боз карданд. Дар дохил як камераи мустаъмал ҷобаҷо шуда буд. Вақте аз онҳо пурсиданд, ки ин камераи кеҳна ба чӣ дард меҳӯрад ва ин қадар таваҷҷуҳ ба он ба кадом хотир аст, посухе надоданд.

Аммо рӯзи дигар он ду бо ҳамон камера ба назди тарҷумони афғонӣ омаданд. Хоҳиш карданд, ки мусоҳибаашонро бо Мавлавӣ Мутаваккил, вазири хориҷаи Толибон тарҷума кунад. Тарҷумон мегӯяд, суолҳои онҳо ғайриҳирфаӣ, гоҳе ҳатто хандаовар буданд. Дар охир Мутаваккил аз онҳо хост, ки мусоҳибаро копӣ карда ба ӯ диҳанд, аммо ин хоҳиш иҷро нашуд (Мутаваккил, пас аз Амрико "душмани дуввуми Усома", шояд пас аз 9 сентябри соли 2001 дарёфт, ки чаро "меҳмон" ин дуро ба назди ӯ фиристода буд…)

Рӯзи дигар раҳбарияти Толибон ба тарҷумон фармуд, ки "рӯзноманигорон"-ро ба фурудгоҳи Қандаҳор раҳбаладӣ кунад. Вақте ӯ ба меҳмонхонаи "Ал-қоида" омад, сахт дар ҳайрат афтод: ба гусели онҳо афроди раддаи авали "Ал-қоида" - Сайф-ул-Адл (мисрӣ, ки соли 2011 ба ҷойи Усома нишаст), Абуҳафси Кабир (мисрӣ, муовини бин Лодан), Абуҳафси Сағир, Сулаймон Абуғайс (кувайтӣ, домоди бин Лодан) омада буданд. То ин дам, ба қавли Ваҳид Муждa, террористонро шахсан Усома бин Лодан, муовини ӯ - Аймон Завоҳирӣ ва Мулло Умар, роҳбари ҳаракати Толибон дуои сафар дода буданд.

Дар Кобул "журналистон"-ро Абдулхӯдии Ироқӣ, мудири меҳмонхонаи "Ал-қоида" дар маҳаллаи Вазир Акбархон қабул кард. Ӯ аз Абдураҳмон Зоҳид, раҳбари дастгоҳи вазорати хориҷаи Толибон барои онҳо хати роҳ гирифт.

Дар ин миён Абу Ҳонӣ пас аз 15 сол тариқи телефони моҳвора бо ошнои деринааш - Абдураб Расули Сайяф ду маротиба тамос гирифта, аз ӯ хоҳиш карда буд, ба "рӯзноманигорон" барои анҷом додани мусоҳиба бо раҳбарони Ҷабҳаи Муттаҳид мусоидат кунад. Ӯ сафари эшонро бо он асоснок кард, ки дар оламӣ араб шоеоту ақидаҳои нохушояңде дар бораи роҳбарони Ҷабҳа, бахусус раҳбарони он, қабл аз ҳама Аҳмадшоҳ Масъуд сайр мекунанд ва гузоришҳои онҳо метавонад афкори умумро ба сӯи беҳбудӣ савқ диҳад.

Абу Ҳонӣ бори аввал дурӯғ мегуфт, ки аз Бусниё занг мезанад. Дар асл аз Қандаҳор, кӯшки бин Лодан тамос гирифта буд. Бори дуюм ӯ аз Кобул тамос гирифт, аммо боз ҳам дурӯғ гуфт, ки аз Қандаҳор занг мезанад. Маъмурияти ӯ бо ҳамин анҷом ёфт. Ӯ аз Афғонистон ғайб зад.

**Рӯзҳои Панҷшер**

Ҳамин тавр, ин қисса аз оғоз саропо бар дурӯғ - рӯзноманигорони ҷаъливу асноди ҷаълӣ ва асосу сабабҳои ҷаълӣ бунёд ёфт. Арабҳои террорист миёнаҳои моҳи августи соли 2001 аз Ҷалолобод ба роҳ баромаданд. Онҳо ҳатти ҷангро дар вулусволии Тагоби вилояти Кописо, ки таҳти назорати неруҳои Ҷабҳаи Муттаҳид буд, убур карданд.

Убур ба қаламрави Ҷабҳаи Муттаҳид ва иқомати рӯзноманигорони ҷаълӣ дар Панҷшер бо ҷузъиёти зиёд дар китоби Раззоқи Момун - "Радди пойи фиръавн" тасвир шудааст. Бино ба қиссаи ӯ, террористон ахири моҳи асад (тақрибан охирҳои даҳаи дуюми моҳи август), бо мактуби дархостӣ ва шиносномаҳои ҷаълӣ ба ситоди Абдураб Расули Сайёф ба шаҳри Ҷабалуссироҷ, 70-километрии шимоли шаҳри Кобул, омаданд. Сайёф мегӯяд, вақте "рӯзноманигор" ба ҷуз нома, шиносномаи худро ба ӯ дароз кард, дар ҳайрат афтод, зеро касе аз ӯ инро нахоста буд ва дигар рӯзноманигорон ҳеҷ гоҳ ин корро намекарданд. Онҳо бо Сайёф мусоҳиба анҷом доданд. Сайёф мегӯяд, шубҳаи ӯ ҳамон вақт ба рӯзноманигор будани онҳо ҳамон вақт бедор шуд, ки иртиботи мантиқие миёни суолҳояшон вуҷуд надошт. Бо ин вуҷуд, Сайёф ба Масъуд занг зад ва ризоияти ӯро дар бораи иҷозаи вуруд ба қаламрави Ҷабҳа ҳосил намуд. Онҳоро ба меҳмонхонаи шаҳри Гулбаҳор, шаҳре дар даромадгоҳи дараи Панҷшер, фиристод.

Сайёф мегӯяд, аз дақиқаи аввал шубҳаи худро бо Бисмиллоохон, фармондеҳи ҷабҳаи шимоли Кобул матраҳ кард. Ахирӣ ба яке аз кормандони оперативии хадамоти ҷосусии Масъуд - генерал Мирзо дастур дод, арабҳоро ба дохили дара биёварад.

Мирзо нақл мекунад, ки дар масири роҳ "рӯзноманигорон" ҳотамона пулҳои 100-афғониро ба кӯдакон ва гадоҳо хайр мекарданд. Аммо вақте дохили дара шуданд, саҳраҳои азим ва табиати ваҳширо дида, дасту поча шуданд.

"Яке аз онҳо меларзид. Танҳо пас аз террори Омир Соҳиб (тахаллуси мардумии Масъуд, ҳатто вақте вазири дифоъ буд, аз атрофиёнаш хоҳиш кард, ки ӯро "вазир соҳиб" нагӯянд - м.) он лаҳзаҳоро ба ёд оварда, дарк кардам, ки онҳо фикр карда буданд, ки маъмуриятaшон ошкор шудааст. Аммо он замон ба худ гуфтам, ки ин биёбониҳо кухро ки надидаанд, ошуфта шуданд" - мегӯяд Мирзо.



Онҳо ба Долон Санг, маққари фармондеҳии Ситоди Ҷабҳаи Муттаҳид, расиданд. Мирзо мегӯяд, дастур гирифт онҳоро дар утоқи Юнус Қонунӣ ҷой диҳем. "Ман аз рӯи эҳтиром ба меҳмонон хостам бакcҳояшонро бардорам, аммо онҳо як қадар бо хушунату норизоиятӣ рад карданд ва нагузоштанд, ки ба онҳо кумак кунам" - мегӯяд Мирзо.

Рӯзи дигар дар Долон Санг ҷаласаи серӯзаи тамоми раҳбарону фармондеҳони Ҷабҳаи Муттаҳид, ба шумули Бурҳонуддини Раббонӣ, Аҳмадшоҳ Масъуд, Абдураб Расули Сайёф, Қосим Фаҳим, Бисмиллоҳхон ва дигарон, шурӯъ шуд. Террористон хоҳиш карданд, ки барои сабти як ду дақиқа навор иҷозаи вуруд диҳанд, аммо Бисмиллоҳхон ин иҷозаро ба онҳо надод. Онҳо рӯзҳои дигар низ баисрор талаб карданд, аммо муваффақ нашуданд. Худи Масъуд ба онҳо ваъда супурд, ки кабулашон мекунад, аммо на ҳолову на имрӯз. Мешавад тасаввур кард, ки агар онҳо ба толори ҷаласаи фармондеҳон роҳ меёфтанд, чӣ фоҷиае ба сари Ҷабҳа меомад! Сайёф мегӯяд, он замон ба Масъуд гуфт, ки бо ин арабҳо аз эҳтиёт кор гирад.

Пас аз анҷоми ҷаласа Масъуд мехост онҳоро ҳамроҳ ба Тахор барад, аммо бо масли-ҳат ва исрори Бисмиллоҳхон ва генерал Мирзо, аз фикраш баргашт. Арабҳоро дар меҳмонхонаи "Остона", наздикии фурудгоҳи Панҷшер ҷой карданд.

"Онҳо як зиндагии пӯшида доштанд. Танҳо барои қазои ҳоҷат берун мешуданд. Мо шабҳо сояи онҳоро медидем, ки бо садои паст суҳбат ва гӯшакӣ мекарданд" - ба ёд меорад мудири меҳмонхона Ҷон Муҳаммад "Коко".

Террористон худуди як ҳафта дар Панҷшер буданд. Дар ин миён бо Бисмиллоҳхон ва Бурҳониддин Раббонӣ, раисҷумҳури Давлати исломии Афғонистон мусоҳиба анҷом доданд. Бисмиллоҳхон мегӯяд, эшон танҳо дар бораи Масъуд суол карданд ва вақте аз онҳо пурсид, ки чаро дар бораи Толибон чизе намепурсанд, посух доданд, ки ҳадафи сафарашон танҳо Масъуд аст.

"Мусоҳиба" бо Раббонӣ хеле мухтасар буд. Даҳман танҳо се суол дар бораи сафари Масъуд ба Аврупо ва Усома бин Лодан матраҳ кард, ки ба Раббонӣ хуш наомад. Даҳман ҳам худро мебохт. Раббонӣ ҳавсалаашро гум кард ва аз идомаи мусоҳиба худдорӣ намуд. Ба қавли Раббонӣ, онҳо ҳатто як суолро дуруст матраҳ накарданд, вақте ӯ чанд расонаи чопии арабиро номбар кард, ҳеҷ якеро надонистанд. "Ба ин натиҷа расидам, ки ҳардуи онҳо наворбардор ҳастанду халос" - мегӯяд Раббонӣ.

Бисмиллоҳхон ҳангоми мусоҳиба чеҳраҳои террористонро аз назар гузаронд. Маълум буд, ки онҳо ба ҳамин қарибӣ ришҳояшонро тарошидаанд ва ранги пӯсти як қисмати рӯяшон аз қисмати дигараш фарқ мекард…

**ФАСЛИ СЕЮМ:**
**"Ҳайъатҳои нарм"**

"Ал-Қойида" муҳтотона ва гом ба гом барномаашро пеш мебурд. Кишварҳое ки ҳузури Масъуд дар саҳнаи Афғонистонро як мушкили бузург барои пеш бурдани барномаҳои худ талаққӣ мекарданд, як барномаи дигареро ҳам рӯи даст гирифта буданд. Ин як амалиёти дурусту таҳияшудаи ворид кардани фишори равонӣ бар Масъуд буд, ки нишонаҳояш аз солҳои қабл маълум шуда буд.

27 октябри соли 1998 расонаҳо аз музокирот миёни Толибон ва Ҷабҳаи Муттаҳид дар Риёз бо миёнҷигарии Сайид Ҷалол Карим, маъруф ба "Нобиға", як сарватманди афғони муқими Арабистони Саудӣ (аз соли 2010 то ба ҳол (2018) сафири Афғонистон дар он кишвар) хабар доданд, ки дар пайи он сари як оташбаси якҳафтаина ва раҳоии 3000 маҳбус аз ду ҷониб тавофуқ ҳосил шуд. "Нобиға" пас аз ин ба Панҷшеру Кандаҳор омада, шахсан дар табодули асирон ширкат кард ва муваффақ ба озодии ҳудуди 300 маҳбус аз ду ҷониб шуд. Ҳарчанд ӯ ҷонибҳоро ба идомаи оташбас то 18 ноябр - ду ҳафтаи дигар ва ҳам идомаи табодули маҳбусон розӣ кард, дигар натавонист ба муваффақияте аз ин бештар расад. Ин ахбор низ расонаӣ шудааст, ки дар пайи миёнҷигарии Сайид Ҷалол Карим дар умум 1200 маҳбус табдил шудаанд.

Аммо он чӣ аз чашми расонаҳо пинҳон монд, ин буд, ки "Нобиға" се бор ба Панҷшер омад ва ҳар дафъа ӯро ҳайъате аз нашрияи маъруфи арабизабон - "Ал-ҳаёт" (дар Лондон, Ню-Йорк, Фронкфурт, Дубай, Риёз, Ҷидда, Бейрут ва Қоҳира нашр ва дар саросари кишварҳои арабӣ пахн мешавад. Шиораш - "Ҳаёт, ақида ва ҷиҳод") ҳамроҳӣ мекард.

Масъуд ин ҳайъатҳоро хеле гарм истиқбол кард, зеро ӯ низ аз ҳисобу китоби худро дошт: мехост аз тариқи онҳо моҳият ва хатари "Ал-Қойида"-ву "Толибон"-ро ба олами араб ва ҷаҳони ислом бирасонад.

Фармондеҳ хуб мефаҳмид, ки ин сафарҳо хислати на ҳирфаӣ - рӯзноманигорӣ, балки истихборотӣ доштанд. Ҳадафи аслии ин тамосҳои фиребанда ё худ ҷанги иттилоотиву равонии тамомайёр ба Масъуд таъкид кардани ин нукта буд, ки ӯ дар баробари Толибон мавқеияти хуб надорад ва хоҳ-нохоҳ шикаст хоҳад хӯрд. Онҳо бар ин бовар буданд, ки намояндаи раҳбарӣ фармондеҳро сардаргум хоҳанд кард. Аз сӯи дигар, ин кӯшиш ҳам ба харҷ мерафт, ки дарачаи пойдории равонии ӯ барои идомаи ҷанг ва нуқтаҳои заъфи низомиву ташкилотиаш кашф шавад. Пойи ин қабил ҳайъатҳо то марги Масъуд аз Панҷшер канда набуд.

Ба қавли Ориф Сарварӣ, раиси истихбороти Ҷабҳаи Муттаҳид, ҳайъатҳо бо Масъуд асосан сари масоили умумии олами Ислом, ваҳдат ва ухуввати исломӣ, ҳамчунин Кашмиру Фаластин баҳс мекарданд.

"Ин як тарҳи амалиёти равонӣ ба манзури ламс кардани заъфҳои Масъуд ва дар умум Ҷабҳа буд. Онҳо як гуна сигналҳое мефиристоданд, то фармондеҳ дар бораи ин ки мудирони ҷанги Афғонистон барномаи террори ӯро рӯи даст гирифтаанд, умуман фикр накунад",-мегӯяд Сарварӣ.

Ҳамин гуна ҳайъатҳо бо айни аҳдофро Покистон - душмани қасамхӯрдаи Масъуд низ мефиристод. Покистониҳо мехостанд бовари вай ба ҳалли сиёсии бӯҳрони Афғонистонро ҳифз кунанд, аммо машғул нигоҳ доштани зеҳни ӯро ҳадаф қарор дода буданд. Моҳҳои ахири умри Масъуд Покистон тактикаашро тағйир дод ва ба фиристодани ҳайъатҳои "ҳусни ният" ё "иродаи нек" аз ҷумлаи муҷоҳидини собиқ шурӯъ кард. Яке аз онҳоро Қозӣ Муҳаммад Амини Ваққод, яке аз раҳбарони Ҳизби исломии Гулбуддин Ҳикматёр сарварӣ мекард. Афғонҳо ҳам оғӯҷу ноогоҳ рисолати худро дар таъкиди ваҳдату ухуввати исломӣ ба Масъуд медиданд.

Иёлоти Муттаҳида ва кишварҳои аврупоӣ низ аз ин маърака қафо намонда буданд. Ба қавли ҳамразмони Масъуд, кормандони хадамоти ҷосусии ин кишварҳо ба назди фармондеҳ зери ниқоби рӯзноманигорон меомаданд, ки онҳоро бори аввалу охир медиданд ва матлабе аз онҳоро низ касе нахонда буду дигар нахонд. Ба қавли онҳо, ин ҳайъатҳо ҳамагӣ як ҳадаф доштанд - ҳар чӣ бештар бар Масъуд фишори равонӣ ворид кунанд.

Амрулло Солеҳ, тарҷумони инглисии Масъуд (раиси Ҳадамоти амнияти миллӣ дар замони Ҳомид Карзай, ҳоло вазири корҳои дохилии Афғонистон) мегӯяд:

"Дар баробари ҳайъатҳои истихбороти кишварҳои хориҷӣ нухбагонӣ дохилӣ низ аз ӯ ин саволро мекарданд, ки душмани шумо қисмати бузурги Афғонистонро тасхир кардааст, бандаргоҳҳои тиҷоратӣ дар ихтиёри онҳо қарор дорад, Покистон ва кишварҳои арабӣ, аз онҳо ҳимоят мекунанд, шумо дар як ҷуғрофияи бисёр душвор ва фоқиди иқтисод, ҳатто нимахудкифо, гир афтодаед, кӯмаке хориҷӣ бароятон то он ҳад бузург ва зиёд нест, ки нуқтаи атф эҷод кунед, тезтар аз ёрони хеле наздикатон шуморо тарк кардаанд ва мардум дар ҳавзае, ки шумо дар он ҳокимият доред, мушкилоти фаровони иқтисодӣ доранд ва ба чӣ гуна бовар доред, ки аз ин вазъият берун хоҳед шуд ва ҳатто агар аз ин вазъият бо роҳкори низомӣ берун шавед, роҳи ҳалли сиёсӣ аз диди шумо чист?".

"Амалиёти нарм" то охирин рӯзҳои умри Масъуд идома дошт. Соли 2000 ду узви "Ал-Қойида" ба Панҷшер омаданд. Онҳо ба Масъуд гуфтанд, ки аз ҷангҳо хаста шудаанд ва аз ӯ мехоҳанд онҳоро ба Аврупо фиристад.

Дар оғози соли 2001 як араб дар Тахор бо Масъуд вохӯрд. Ӯро ба Панҷшер фиристоданд. Ҳангоми бозрасиҳо ӯ ба сутуҳ омад. Шояд дарёфт, ки маъмурияташ ошкор шудааст ва аз ин хотир, ба корманди оперативии истихбороти Ҷабҳа - Инҷинер Алӣ дарафтод. Мехост силоҳи ӯро рабояд ва ӯро ба қатл расонад. Ӯро боздошт карданд ва ба зиндони Панҷшер фиристоданд.

Он солҳо ҳайъатҳои Толибон низ барои мулоқот бо маҳбусинашон дар зиндони Бораки Панҷшер меомаданд. Онҳо чанд рӯз дар дара меистоданд. Дар ин миён онҳо бо масъулин мулоқот карда, ба худ моил мекарданд. Натиҷаи ҳамчунин сафарҳо фирори шаш толиби муҳим аз зиндони мустаҳками Панҷшер буд…

Ба иттилои Инҷинер Нодиршоҳ Аҳмадзай, корманди истихбороти вижаи Масъуд, баъд аз сафари Аврупо фармондеҳ боре аз дидани эроние дар як нуқтаи ҳассос ва пӯшидаи ҷанг дар Тахор ба ҳайрат афтод.

*Идома дорад...*

## ДАЪВАТИ 17-УМИ ҶИД



Рӯзи 12.04.2019 дар бинои маъмурии донишгоҳ, ошёнаи дуюм, утоқи №207 конфронси 17-уми Ҷамъияти илмии донишҷӯён баргузор гардид. Дар кори конфронс ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия, номзади илмҳои педагогӣ Рафиев Сафархон, ноиби ректор оид ба робита бо ҷомеа, ховаршинос Зафар Мирзоён ва аъзоёни ҶИД иштирок доштанд.

Сараввал, рӯзномаи кори конфронсро ректори донишгоҳ кушода, кулли аъзоёни шӯрои ҷамъиятро таъкид карданд: «Дар ҷомеаи имрӯза бахри ободии диёр, бахри хизмати шоиста ба ин мулк, албатта илм бояд омӯхт, зеро худи Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар паёми хеш иброз медоранд, ки ҷавонон муаррифгари давлату миллат ва аниқтараш оядаи дурахшони Тоҷикистони азиз ҳастанд. Бояд гуфт, ки ин мулки амну осоишро фақат бо омӯхтани илму дониш ва хираду хирадмандӣ метавон шуҳратманд сохт. Пас, дар паратави ин суханони пурмаъно бояд кӯшем, то сазовори таҳсини Пешвои миллат бошем.»

Баъдан, раиси Ҷамъияти илмии донишҷӯён, донишҷӯи соли 3-юми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ Давлатмуродов Қурбоналӣ суханронӣ намуданд. Сипас, гузориши донишҷӯи соли 3-юми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ, Давлатмуродов Қурбоналӣ дар мавзӯи "Ҳадафи асосии 4-уми устувор гардидани давлати тоҷикон" шунида ва мавриди музокирот қарор доданд. Баъдан, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷӣ, Ҳабибуллозода Сайҳат дар мавзӯи "Стратегияи тараққиёти саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон" баромад намуданд. Инчунин, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷӣ, Бахтовар Бобоев дар мавзӯи "Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои мухталифи байналмилалӣ барои рушди саноатикунонӣ" суханронӣ намуданд. Конфронс бо суолу пурсишҳо ба итмом расид.

## СЕМИНАР ДАР МАВЗӮИ "СОҲИБКОРИИ ҶАВОНОН ДАР ХАТЛОН"



Рӯзи 2.04.2019 дар ошёнаи дуюми бинои маъмурии донишгоҳ бо иштироки васеи омӯзгорон, донишҷӯён ва намояндагони кумита ва ширкатҳои сайёҳӣ, соҳибкорон ва намояндагони Фонди сармоягузории "Огохон" семинар-омӯзиш дар мавзӯи "Соҳибкории ҷавонон дар Хатлон" гузаронида шуд. Семинари номбурда аз соати 9:00 огоз гардида, то соати 11:50 идома ёфт. Семинар бо баҳсу мунозира анҷом шуд.

## СЕМИНАРИ НАМОЯНДАГОНИ ШИРКАТИ "TCELL"



Рӯзи 4.04.2019 дар бинои маъмурии донишгоҳ, ошёнаи дуюм, утоқи №207 бо ташаббуси намояндагии кормандони ширкати "Tcell" семинар-омӯзиш оид ба истифодабарии симкортҳо ва кор дар ин ширкатҳо гузаронида шуд. Семинари мазкурро донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ бо маҳорату истеъдоди худ дигаргун сохтанд. Аз ҷониби намояндагон ба донишҷӯён оид ба истифодаи дурусти симкортҳо суолҳо пурсида шуд, ки донишҷӯёни донишгоҳ дар ин пурсишҳо фаъолона иштирок намуда, бо маҳорату дониши хеш соҳиби чандин тӯҳфаҳои ширкати мазкур гардиданд. Семинари номбурда бо суолу ҷавоби донишҷӯёни донишгоҳ ба итмом расид.

## СЕМИНАР ДАР МАВЗӮИ "ТАҲИЯИ МАҚОЛАИ ИЛМӢ"



Таърихи 10.04.2019 дар бинои маъмурии донишгоҳ, ошёнаи дуюм, утоқи №207 тибқи нақшаи семинари илмӣ барои унвонҷӯён ва муҳаққиқони донишгоҳ дар нимсолаи дуюми соли таҳсили 2018-2019 дар мавзӯи "Таҳияи мақолаҳои илмӣ" номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Муродова Г. миёни магистрантон ва омӯзгороне, ки ба навиштани мақолаи илмӣ ва ё рисолаҳои илмӣ машғуланд, гузаронида шуд. Мақсад аз гузаронидани чунин маҳфилу семинарҳо тайёр кардани олимони дорои дараҷаҳои илмидошта унвон мешавад. Муаллима Муродова Г. оид ба навиштан ва таҳия кардани мақолаҳои илмӣ ба иштирокчиён суханронӣ намуд ва семинар бо пурсишҳои иштирокдорон ба итмом расид.

## ҚОҲИР РАСУЛЗОДА ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ ҶАЛАСАИ САЙЁР ДОИР НАМУД



Рӯзи 11-уми апрели соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ҷаласаи сайёри Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода бо иштироки роҳбарон ва фаъолони шаҳр доир гардид. Дар он масъалаи вазъи иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб ва сатҳи омодагӣ ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ҷаласаро Раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода ифтитоҳ намуд. Оид ба натиҷаҳои иҷрои нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ҷиҳати омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбари Гурӯҳи корӣ, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Абдуҷаббор Раҳмонзода гузориш дод. Ӯ дар бораи корҳои сохтмонӣ ва ҷараёни омодагиҳо ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси нақшаи чорабиниҳои ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми майи соли 2018, таҳти рақами №АП-1059 ва банди 15-и нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода буданд, сухан гуфта, бурду бохт ва баъзе камбудиҳоеро, ки дар ин самт ҷой доранд, зикр сохт ва дар фарҷоми гузориш хулосаю пешниҳодоти худро ироа намуд. Роҳбари гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба шаҳри Кӯлоб, муовини якуми Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Завқӣ Завқизода роҷеъ ба рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳо вобаста ба дастуру супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Қоҳир Расулзода, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳри Кӯлоб дар моҳҳои август ва ноябри соли 2018 баён дошта буд, ҳисобот дод. Баъдан Раиси шаҳри Кӯлоб оид ба ҷамъбасти фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ гузориш дод. Сипас, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода оид ба натиҷаҳои сафари кории худ дар ноҳияи Ҳамадонӣ ва шаҳри Кӯлоб, ки рӯзҳои 10-11-уми апрел ҷараён гирифт, дар назди ҳозирини ҷаласа ба сухан баромад. Сарвазири мамлакат оид ба пешравиҳо ва нуқсонҳои ҷойдошта дар корҳои омодагӣ ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла корҳое, ки бояд тибқи нақша ва дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бояд то ҷашни 28-солагии Истиқлолият ба сомон расонида шаванд, ҳарф зада, барои сари вақт ислоҳ намудани камбудиҳои ҷойдошта ба роҳбарони мақомоти иҷроияи марказию маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва роҳбарони ташкилоту идораҳои дахлдор супоришҳои мушаххас дод.

**АМИТ "Ховар"**

## ҶАЛАСАИ ВАСЕЪ БО ВОЛИДАЙНИ ДОНИШҶӮЁН

Санаи 06.04.2019 бо ташаббуси садорати факултаи молиявию иқтисодӣ дар якҷоягӣ бо ҳайати васеи омӯзгорони факулта дар толори №2-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷаласаи васеи падару модарони донишҷӯёни факулта баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои зерин мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт:

1. Риоя ва иҷрои қоидаҳои тартиботи дохилӣ аз ҷониби донишҷӯёни факулта;
2. Иҷроиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд";
3. Масъалаҳои пардохти шартномаи таҳсил ва тартиби хориҷу барқарор намудани донишҷӯён.

Дар ҷаласа ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия - Рафиев Сафархон, ноиби ректор оид ба корҳои тарбиявӣ - Назаров Ҳотам, сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус - Ятимов Ҳомид, нозири содӣ, роҳбари маҳфили "Пайравони Пешвои миллат" Шоева Дилноза дар мавзӯи "Бемориҳое, ки тамоми қитъаҳои оламро фаро гирифтаанд" суханрон намуд.



Ҳадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ҷавонону ноболиғони ВКД дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, лейтенанти калони милитсия - Одиназода Лоик, кураторони гурӯҳҳои таълимӣ ва падару модарони донишҷӯёни факулта иштирок ва суханронӣ намуданд.

## СЕМИНАР-ОМӮЗИШ ДАР МАВЗӮИ "ПЕШГИРИИ ҶАВОНОН АЗ БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ"

Рӯзи 4.04.2019 дар хобгоҳи №3-и донишҷӯдухтарони назди донишгоҳ бо ташаббуси Раёсати тарбия ва шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ як гуруҳ волонтиёрони фаъоли маҳфили "Пайравони Пешвои миллат"-и назди шуъбаи кор бо ҷавонон бо иштироки донишҷӯдухтарони дар хобгоҳи мазкур истиқоматкунанда семинар-омӯзиш дар мавзӯи "Пешгирии ҷавонон аз бемориҳои сироятӣ" гузаронида шуд. Сараввал семинарро мутахасиси шуъбаи кор бо ҷавонон, Ҷалилов Меҳроб огоз намуда, сипас суханро ба маърӯзачиён доданд. Дар семинари мазкур маърӯзаи донишҷӯи соли 3-юми факултаи молиявию иқти-

Дар охири семинар вобаста ба мавзӯи пешниҳодшуда суолҳо аз ҷониби донишҷӯдухтарон пешниҳод гардид, ки ба он суолҳо мутахасисони шуъба ва аъзоёни фаъоли маҳфили "Пайравони Пешвои миллат" посухҳои дақиқ доданд.

Хулоса, семинари мазкур бо суолу ҷавоб ба итмом расид ва дар охир донишҷӯдухтарон сипоси худро ба роҳбарияти донишгоҳ изҳор доштанд.

# ҒОЛИБИЯТИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВӢ



Моҳи апрели соли ҷорӣ дар Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон викторинаи ҷумҳуриявии "Тоҷикистон-ташаббускори ҳалли масоили обӣ" бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" баргузор гардид, ки дар он донишҷӯёни макотиби олии кишвар иштирок доштанд.

Аз Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ низ донишҷӯён дар ин викторина иштирок намуда, ба ҷойҳои зерин мушарраф гардида, соҳиби ифтихорнома ва туҳфаҳо гардиданд.

1. Ҳисайнов Амирҷон, ҷойи 2-юм;
2. Иброҳзода Фарзона, ифтихорномаи барои иштироки фаъолона;
3. Ҳабибуллоев Ҳайдар, ифтихорномаи барои иштироки фаъолона;
4. Давлатов Умед, ифтихорномаи барои иштироки фаъолона;
5. Назаров Аминҷон, ифтихорномаи барои иштироки фаъолона;



# ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ МАҚОЛАИ БЕҲТАРИН ТАҲТИ УНВОНИ "ҶАВОНОН-ТАКЯГОҲИ БОЭЪТИМОДИ ВАТАН"




Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Нақшаи чорабиниҳои "Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022" тасмим гирифтааст, ки озмуни ҷумҳуриявии мақолаи беҳтаринро дар мавзӯи ватандӯстӣ ва ҳувияти миллии ҷавонон таҳти унвони "Ҷавонон-такягоҳи боэътимоди Ватан" байни ҷавонони касбу кори гуногун баргузор намояд.

1. Мақолаҳо бояд фарогири самтҳои зерин бошанд:
- тарбияи ватандӯстию худшиносии миллии ҷавонону наврасон ва ҷалби онҳо ба хизмати Модар-Ватан;
- Хизмат ба Ватан - қарзи муқаддаси ҷавонони Тоҷикистон;
- Эмомалӣ Раҳмон Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон - поягузори Артиши миллӣ;
- Артиши миллӣ - мактаби бузурги ҷавонмардист;

2. Қабули мақолаҳо барои пешниҳод дар озмун бо суроғаи дар поён овардашуда то санаи 10 майи соли 2019, соати 17:00 сурат мегирад.
3. Ҷавонони аз синни 14 то 30 сола дар озмуни мазкур ширкат варзида метавонанд.
4. Мақолаҳои пешниҳоднамудаи довталабони озмун бояд дар ҳаҷми на кам аз 4 саҳифа пешниҳод гардад.
5. Ғолибони озмун аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш бо сипосномa ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда мешаванд.
6. Маълумоти иловагиро вобаста ба талаботи озмун метавонед тавассути суроғаи зерин дастрас намоед:
- шаҳри Душанбе, кӯчаи Спортивная-6;
- телефон бароитамос (+37) 2360117, 2351053, 2363726,934640440
- www.youth.tj; email: muhsin.murodzoda@mail.ru

# ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "МЕҲРИ ВАТАН"

Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Нақшаи чорабиниҳои "Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022" тасмим гирифтааст, ки бо мақсади ҳавасмандгардонии муаллифони мақолаҳои публисистӣ озмуни ҷумҳуриявиро миёни қаламкашони ҷавонон дар мавзӯи "Меҳри Ватан" байни ҷавонони касбу кори гуногун баргузор намояд.




1. Қабули мақолаҳо барои пешниҳод дар озмун бо суроғаи дар поён овардашуда то санаи 10 майи соли 2019, соати 17:00 сурат мегирад.
2. Ҷавонони аз синни 14 то 30 сола дар озмуни мазкур ширкат варзида метавонанд.
3. Ғолибони озмун аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш бо сипосномa ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда мешаванд.
4. Маълумоти иловагиро вобаста ба талаботи озмун метавонед тавассути суроғаи зерин дастрас намоед:
- шаҳри Душанбе, кӯчаи Спортивная-6;
- телефон барои тамос (+37) 2351025, 934640440
- www.youth.tj; email: ahmadzoda8923@gmail.com

Эзоҳ: мақолаҳои пешниҳодгардида дар шакли хаттӣ ва электронӣ қабул карда мешаванд.

# МУҲОКИМАИ РИСОЛАИ НОМЗАДӢ ДАР ДОНИШГОҲ



Санаи 2-юми апрели соли 2019 рисолаи номзадии омӯзгори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муслимов Ҳайдар Абӯбакрович дар мавзӯи "Вижагиҳои луғавӣ ва маъноии осори Манучеҳрии Домғонӣ", ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамчун муассисаи пешбар интихоб гардида буд, дар кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он муҳокиа гардид.

Дар ҷаласа мудири кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъахон Алимӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Мирзоев Ғоиб, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Давлатов Эраҷ, роҳбари илмии муҳаққиқ доктори илмҳои филологӣ Дилмурод Ҳамидов, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ Камолов Хуршед ва аъзоёни кафедра иштирок доштанд.

Нахуст, муҳаққиқ оид ба муҳтавои рисола суханронӣ намуда, ба саволҳои аъзоёни ҷаласа ҷавобҳои қаноатбахш доданд. Сипас, олимоне, ки рисола ва авторефератро ҳамчун муқарриз хонда буданд, баромад карданд. Баъдан, профессор Ҷумъахон Алимӣ суханронӣ намуда, кори илмии мазкурро баҳои баланд доданд.

# БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАИ ВАСЕИ ВОЛИДАЙНИ ДОНИШҶӮЁН

Санаи 12.04.2019 бо ташаббуси садорати факултаи химия, биология ва география дар якҷоягӣ бо ҳайати васеи омӯзгорони факулта дар толори фарҳангии факултаи физика ва математикаи донишгоҳ ҷаласаи васеи падару модарони донишҷӯёни факулта баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои зерин мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд:

1. Риояи ва иҷрои қоидаҳои тартиботи дохилӣ аз ҷониби донишҷӯёни факулта;
2. Иҷроиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд";
3. Масъалаҳои пардохти шартномаи таҳсил ва тартиби хориҷу барқарор намудани донишҷӯён.

Дар ҷаласаи мазкур ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия - Рафиев Сафархон, ноиби ректор оид ба корҳои тарбияв - Назаров Ҳотам, сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус - Ятимов Ҳомид, нозири Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ҷавонону ноболиғони ВКД дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, лейтинанти калони милитсия - Одиназода Лоиқ, кураторони гурӯҳҳои таълимӣ ва падару модарони донишҷӯёни факулта иштирок ва суханронӣ намуданд. Дар охир ба волидайни донишҷӯёне, ки дар корҳои ҷамъиятии факултаю донишгоҳ иштироки фаъолона доранд, аз ҷониби раёсати донишгоҳ бо ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд.



# МАҲФИЛИ "СИЁСАТШИНОСӢ" АМАЛ МЕКУНАД!



Рӯзи 3.04.2019 дар бинои маъмурии донишгоҳ маҳфили навбатии умумидонишгоҳии сиёсатшиносӣ баргузор гардид.

Нахуст, роҳбари маҳфил Ҷураев Далерхуҷа баромад намуда, қайд карданд, ки маҳфили сиёсатшиносӣ яке аз маҳфилҳои умумидонишгоҳӣ маҳсуб меёбад, ки метавонад воқеан ҳам донишҷӯёнро бо донишҳои мухталифи сиёсӣ, вазъи сиёсати дохиливу хориҷии ватани азизамон-Тоҷикистон ва амсоли инҳо таъмин намояд.

Ҷиҳати дар сатҳи оливу шавқовар гузаштани маҳфилҳо ва омода намудани кадрҳои ҷавону мутахасисони ояндаву эҷодкор, пайваста дар асоси дастуру тавсияҳои дотсентони кафедра, аз қабили: Аъзамов Х.С, Пирназаров Э.А, Муродов Т.Н, Муродова Г.Р ва дигарон ба роҳ монда мешаванд, ки нақши устод Пирназаров Э., ҳамчун мудири кафедраи сиёсатшиносӣ хеле ҳам назаррас мебошад.

Баъдан, тибқи нақшаи кории маҳфил донишҷӯёни зерин маърӯзаҳои омодanamудаашонро пешниҳоди иштирокчиён намуданд:

1. Розиқов Ҷаҳонгир, донишҷӯи соли 1-уми факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, мавзӯъ: "Мақсад ва вазифаҳои фанни диншиносӣ";
2. Муҳаммадалӣ Усмонов, донишҷӯи соли 4-уми факултаи филологияи хориҷӣ, мавзӯъ: "Ақидаҳои сиёсии Ҳусайн Воизи Кошифӣ";
3. Исмоил Юнусов, донишҷӯи соли 3-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика, мавзӯъ: "Шаклҳои ибтидоии пайдоиши динҳо";

Бояд гуфт, ки маҳфил дар сатҳи олӣ баргузор гардид, ки инро дар пурсишу посухи миёни маърӯзачиён ва дигар иштирокдорон мушоҳида кардан мумкин буд.

Ҳадафи асосӣ аз баргузории маҳфили илмии донишҷӯён-"Сиёсатшиносӣ" аз он иборат аст, ки донишҷӯёни фаъоли донишгоҳро ба маҳфил ҷалб намудан мебошад, ки ин иқдом дар оянда барои дарёфти истеъдодҳои ҷавон мусоидат менамояд.

# ТАЙЁРИИ ДОНИШҶӮЁН БА ОЛИМПИАДА

Рӯзи 9.04.2019 дар кафедари сиёсатшиносии Донишгоҳи давалатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ озмун миёни донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ ҷиҳати дарёфти беҳтарин донишҷӯ барои пешниҳод ба олимпиадаи ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида шуд.

Мақсади асосии гузаронидани чунин озмунҳо ин ҷалби донишҷӯёни фаъол ба илму дониш ва равнақ бахшидани донишҳои муосири онҳо мебошад. Бояд гуфт, ки озмуни мазкур дар сатҳи бениҳоят баланд гузаронида шуд ва инчунин озмуни қайдгардида бо шаффофияти ниҳоят хуб ба роҳ монда шуд. Дар охири озмун ҷиҳати иштироки донишҷӯёнро ба назари эътибор гирифта, ба онҳо аз ҷониби мудири кафедра ифтихономаҳо тақдим карда шуд.

# МОДАР-ПАЙВАНДГАРИ АБАДИИ НАСЛИ БАШАРИЯТ



*Қурбоналӣ ЗАЙНАЛОВ, омӯзгори кафедраи фалсафа*

Арзандатарин ҳикмат ин аст, ки модар офарандаи ҳаёт, пайвандгари наслҳо, сарчашмаи меҳру муҳаббат ва нерӯбахши рӯҳу ҷон мебошад. Аз ин нигоҳ, аҳли башар ба ин мӯъҷизаи офаридаи Худованд арҷ мегузоранд, бузургии ӯро ситоиш менамоянд ва дар наздаш ҳамеша сари таъзим фуруд меоранд. Дар ҳақиқат ҳангоми ба саҳифаҳои таърихи башарият аз аҳди қадим то ба ин рӯз назар афкандан мебинем, ки модар ҳамеша иззату икром ва эҳтироми бузургро сазовор буду ҳаст.

Муҳаббати модар азалӣ, покизаю самимӣ, беғаразу беолоиш ва бепоён аст, ба андозае, ки дӯстат медорад, бароят ҷон медиҳаду дар иваз чизе намехоҳад ва дар бистари марг ҳам дар ғами фарзанд аст. Қалби модар уқёнуси беканори меҳру шафқату бахшоиш аст. Ба қадри ин меҳру ҷонфидоии модар чи гуна метавон расид, ҷое, ки Амир Хусрав мегӯяд:

***Якшаба он ранҷ, ки модар кашид,***
***Бо ду ҷаҳонаш натавон баркашид.***

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ тоҷу шавкати номварону шоҳонро ба хоки пойи модарон баробар донистааст:

Сар зи модар макаш, ки тоҷи шараф,
Гарде аз хоки модарон бошад.

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки шахсе назди Пайғамбари Худо Муҳаммад (дуруд бар ӯ) омаду пурсид:

-Пайғамбари Худо, ба чӣ касе бештар хушрафторӣ кунам?

Фармуд:
-Ба модарат.
Гуфт:
-Сипас?
Фармуд:
-Ба модарат.
Гуфт:
-Сипас?
Фармуд:
-Ба модарат.
Гуфт:
-Сипас.
Фармуд:
-Ба падарат.




Модар биҳишти заминӣ ва хидмати ӯ василаи беҳтарини дарёфти биҳишти ҷовидонист. Муҳаммади Ҳиҷозӣ мегӯяд: "Модар ягона вуҷудест, ки дар ҳамин дунё гуноҳони худро бо ранҷу фидокорӣ мешӯяд". Дуои саризабонии рӯзу шаби модарон, ки аз қаҳри дил меояд, ин аст: "Парвардигоро, фарзандонамро дар паноҳат нигоҳ дор!"

Модари меҳрубони дилсӯз зебу гармию рӯшании хонадон, хурсандию хушбахтии кӯдакон, тахту бахти мост, аммо бузургии модар аз бузургии рисолати азалии ӯ, ки бақои башар ба дунё овардану парвариши фарзанд аст, сарчашма мегирад.

Фарзанд дар оила зери тарбияи падару модар ҳамчун шаҳрванд ва шахсият ба камол мерасад ва дар ин раванд нақши тарбияи фарзанд дар оила хусусияти тоза касб мекунад, яъне ба дӯши модар дар баробари меҳрубонию ғамхорӣ, чароғу гармии хонадон будан боз рисолати устодӣ зам мешавад.

Дар ҳама давру замонҳо мардони ғаюрро маҳз модарони матиниродаю боаҳамият зодаю парваридаанд. Рисолати оила назди Худованду ҷомеа ба дунё овардани фарзанди солиму ба солеҳ расонидани ӯст. Бе муҳаббату самимият хуб тарбия намудани фарзанд амри маҳол аст. Агар фарзандро дӯст надоранд, чаро ӯро ба дунё меоранд? Таваллуди фарзанд иқдомест оғӯшта ба масъулияти азим, зеро модар ба фарзанд натанҳо зиндагӣ, балки хушбахтӣ низ ато менамояд. Аз нигоҳи таҳлилҳои илмӣ 90%-и феълу атвори кӯдак дар давоми то 5-солагӣ ташаккул меёбад. Дар ин замина "каҷ нанињодани хишти аввал" нақши меҳварӣ пайдо мекунад ва масъулияти модаронро боз ҳам боло мебарад.

# БЕМОРИИ СИЛ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН



*Амирҷони Сайдмаҳамади Қаландарзода, донишҷӯи соли 5-уми шуъбаи ғоибонаи факултаи химия, биология ва география, корманди МҲАБС ноҳияи Ховалинг*

Имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳониро хатарҳои глобалӣ таҳдид мекунад, аз ҷумла бемориҳои норасоии масъунияти одам, гепатитҳо ва бемории сил. Барои пешгирии бемориҳо, аз ҷумла бемории сил аз тарафи кулли ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамарӯза як қатор барномаю конфронсҳо ба роҳ монда шудааст. Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ки як узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, худро дар ин самт бетараф намегузорад ва барои пешгирӣ ва табобат намудани ин бемории хатарнок ҷораҳои ҳамаҷониба меандешад.

Бояд қайд намуд, ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ дар якҷоягӣ бо созмонҳои хориҷӣ сатҳи хизматрасониро ба ин намуди беморӣ рӯз то рӯз дар ҷумҳурӣ боло бурда истодааст. Дар ҳар як шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳои ҷумҳурӣ марказҳои ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил фаъолият менамоянд, ки барои саривақт пешгирӣ, дарёфт ва табобати ин гуна беморӣ дар байни ҷомеа хизмат мерасонанд.

Ҳамасола рӯзи 24-уми мартро дар ҷаҳон ҳамчун рӯзи умумиҷаҳонии бемории сил қайд менамоянд, чунки аввалин маротиба 24-уми марти соли 1882 олими немис Робер Кох дар чӯби дарахти пук микроби чӯбчашаклеро пайдо намуд, ки ин чӯбчамикроби сил буд ва ин чӯбчамикробро ҳамчун чӯбчамикроби Кох то ҳол мешиносанд.

Бемории сил бемории сироятӣ буда, аз шахси бемор ба шахси солим ба воситаи ҳавои қатрагӣ мегузарад, яъне ҳангоми сулфа задан, атса задан, суҳбат намудан, дар якҷо таъом истеъмол намудан ва ғайра. Бояд шахси бемор барои ба дигарон хавфнок набудан аз ниқоби махсус истифода намояд. Ҳангоми сулфа задан рӯймолчаашро ба назди даҳон гирад, ё аққалан пушти дасташро ба назди даҳон барад. Сулфаи давомнокиаш зиёда аз ду ҳафта, дардмандии қисми қафаси сина, камиштиҳогӣ, беҳолию бемадорӣ, баландшавии ҳарорати бадан аз қисми бегоҳирӯзӣ, арақкунии шабона ва лоғаршавӣ ин нишонаҳои бемории сил мебошанд. Агар дар худ ва дар наздиконатон ин ҳолат мушоҳида шавад, ҳарчи зудтар ба духтури минтақавии худ бояд мурооҷиат кард.

То ҳол ду намуди бемории сил маълум аст: сили шушӣ ва ғайришушӣ. Бемории сили шушӣ ин бемориест, ки танҳо узвҳои роҳи нафас сироят меёбанд ва сили ғайришушӣ бошад, ғайр аз нохун ва мӯй метавонад дигар ҳамаи узвҳои инсонро фаро гирад. Давомнокии табобати ин беморӣ аз 6 то 8 моҳро дар бар мегирад. Баъд аз 3 моҳи истифодаи дурусти маводҳои доруворӣ зиддисилӣ шахси бемор ба атрофиён дигар хатарнок нест. Нафаре, ки бори аввал ба ин беморӣ гирифтор шудааст ва маводҳои доруворӣ зиддисилӣ, ки аз ҷониби духтури силшинос таъин карда шудааст, нодуруст истифода барад, яъне баъд аз худро каме хубтар эҳсос намудан истифодаи маводҳои доруворӣ зиддисилиро қатъ намояд, метавонад ба шакли мутобиқгаштаи бемории сил гирифтор шавад, ки ин шакли мураккабтари бемории сил мебошад. Аз ҳамин сабаб, ҳар як беморе, ки ба қайд гирифта мешавад, таҳти назорати қатъии духтури минтақавӣ меистад. Ба бемории шакли мутобиқгаштаи бемории сил маводҳои доруворӣ зиддисилии қатори якуме, ки пештар вай истифода мебурд, дуюмбора таъин карда намешавад ва бемор ба қатори дуюми маводҳои доруворӣ зиддисилӣ фаро гирифта мешавад, ки давомнокии табобати бемор то 2 сол тӯл мекашад. Ҳамин тавр, бемории сил табобатшаванда буда, аз ҳар як фард вобаста мебошад. Чунон ки дар урфият мегӯянд: "Табиби ҳар як шахс худи ӯст." Бинобар ин, моро мебояд, то ба қадри саломатии худ пеш аз бемор шудан бирасем.



*Иззатулло МИРАЗОРОВ, омӯзгори МТМУ №31-и ноҳияи Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ*

# АНДАР БАЁНИ САЛОМ

Одитарин, вале муҳимтармин шарти адаб салом додан ва ҷавоби салом гуфтан аст. Одамон бо якдигар субҳи бахайр, рӯзи нек, саломатӣ ва барори кор мехоҳанд. Салом додан ҳамзамон ба касе изҳори дӯстӣ ва иззату эҳтиром кардан аст. Салом бояд самимӣ ва меҳрубонона арз шавад.

Имоми Аъзам (р) фармудааст: Саломро ба лафзи ҷамъ гӯем "Ассалому алейкум". Саломy алайк ва хайру хуш яке аз рукнҳои асосии ахлоқи нек ба шумор меравад. Хушбахтона, бисёр одамон ин расми бобоӣ, яъне "саломy алайк"-ро риоя мекунанд. Мутаассифона, дар байни мардум шахсоне ҳастанд, ки ба қоидаҳои салом риоя намекунанд. Дуруст аст, ки салом додан маҷбурӣ нест, лекин одаму одамгарӣ инро талаб мекунад. Салом, ки қарзи Худованд бошад, чӣ тавр мо онро риоя намекунем? Бояд донем, ки дар ибтидои офариниши оламу одам авлодамон ҳама аз як падару модар ба дунё омадаанд. Барои исботи ин фикр байти Саъдии Шерозиро метавонд мисол овард, ки гуфтааст:

***Бани одам аъзои якдигаранд,***
***Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.***

Маънии байт ин аст, ки дар ибтидо ҳама мардум аз як авлод ба вуҷуд омадаанд. Тарбия танҳо бо роҳи истифода аз китоб нодуруст аст. Тарбия бе истифода аз китоб номункин аст.

Тарбия бе панду насиятҳои бузургон бесамар аст. Барои ҳамин, мо бояд аз сарчашмаи асосии дониш, яъне китоб, ки маҷмӯи панду насиҳатҳои бузургонро дар бар мегирад, ба кӯдакон сабақ омӯзонем.



*Парвиз ЛОИКОВ, номзади илмҳои педагогӣ, декани факултаи омӯзгорӣ*

# ХАТАРҲОИ ТЕРРОРИЗМ БА ИСТИҚЛОЛИЯТ

Яке аз масъалаҳои муҳимие, ки имрӯз ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст, ин масъалаи терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) мебошад. Имрӯзҳо дар гӯшаҳои гуногуни сайёра миллионҳо нафар одамон гирифтори хавфу хатарҳои экстремистиву террористӣ гардида, тарафт оромии ҷаҳонро ба ташвиш овардааст. Вобаста ба ин моро лозим меояд, ки ҳушёрӣ ва зиракии сиёсиро аз даст надода, мубориза алайҳи ин хатарҳои номатлуб дучанд зиёд намуда, нагузорем, ки ба истиқлолият ва ваҳдати миллии мо осеб бирасад.

Дар тӯли солҳои охир зиёда аз 100 мамлакати дунё ҳадафи амалҳои созмонҳои террористии "Ал-қоида", "Ҳизб-ут таҳрир", "Ҳаракати Толибон" қарор гирифтанд, ки бар асари ҳамлаҳои террористон онҳо садҳо ҳазор нафар одамон ба ҳалокат расида, миллионҳо нафари дигар манзилҳои худро тарк намудаанд. Дар айни замон бошад, ташкилоти террористии бо ном "Давлати исломӣ" бо истифода аз номи дини ислом сафи худро аз ҳисоби ҷавонони аз илму дониш дурбуда пур намуда, ба амалҳои номатлуб даст зада истодаанд, ки дар байни онҳо, мутаассифона ҷавонони гумроҳгаштаи тоҷик низ мавҷуд мебошанд.

Таърих гувоҳ аст, ки аз қадим сар карда, аҷнабиён бо истифода аз номи дини мубини ислом ба боварии мардум даромада, ба корҳои ғайриисломӣ даст мезаданд. Инро мо дар мисоли хиёнаткориҳои роҳбарону аъзоёни фаъоли Ҳизби террористии наҳзати исломӣ, ки боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид, бараъло мушоҳида намудем. Баъди пошхӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва истиқлолияти комил ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарон ва аъзоёни Ҳизби наҳзат бо истифода аз номи дини мубини ислом ба боварии ҷавонони гумроҳ даромада, ба амалҳои харобкорӣ даст зада мехостанд, ки ба ин васила Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба давлати исломӣ табдил диҳанд. Хушбахтона, хиради азалӣ ва азму талошҳои мардуми тоҷик нагузошт, ки амалҳои нопоки онҳо ҷомаи амал пӯшад.

Имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистон ба хубӣ дарк намуданд, ки беҳтарин неъмату дороие, ки насиби онҳо гаштааст, ин истиқлолият ва ваҳдати миллӣ мебошад ва ҳеҷ гоҳ намегузоранд, ки ба он осебе расад ва бар зидди ҳама гуна хатарҳои экстремистиву террористӣ муборизаи беамони худро мебаранд. Воқеан ҳам, истиқлолияти комил барои ҳар як давлат беҳтарин дороӣ ба ҳисоб меравад ва мардуми ҳар як давлат бояд ба қадри ин неъмати бебаҳо бирасанд. Мо шоҳиди ҳол будем, ки давлатҳои бузурге, ки дороии зиёд доштанд, вале истиқлолияти комил, ки надоштанд, дар як муддати кутоҳ иқтисодиёти онҳо дар натиҷаи ноороми аз даст рафт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон 15 санади ҳуқуқии байналмилалиро эътироф намудааст, ки "Декларатсия дар бораи чораҳои барҳамдиҳии терроризми байналмилалӣ" аз 9 декабри соли 1994, Шартномаи ҳамкории кишварҳои аъзои ИДМ дар мубориза бо терроризм аз 4 июни соли 1999, Конвенсияи ҳамкории Шанхай бар зидди терроризм аз 16 июни соли 2009 мебошанд. Қонуну санадҳои қабулгардида ба мо имконият медиҳанд, ки мо боз ҳам алайҳи ин амалҳои номатлуби экстремистиву террористӣ мубориза барем.

# АБАРМАРДИ ДУНЁИ СИЁСАТ



*Эмомназар ПИРНАЗАРОВ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ*

Нақши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини сулҳу Ваҳдати миллӣ ва муттаҳидии миллат хеле барҷаста намоён аст. Эмомалӣ Раҳмон замоне роҳбарии давлатро ба дӯши худ гирифт, ки авзои сиёсии кишвар ноором буд, аз нигоҳи иқтисодӣ хазинаи давлат холӣ, дар гӯшаҳои гуногуни мамлакат аз ҷониби гурӯҳҳои силоҳбадаст амалиётҳои ҷангӣ мерафт, ки боиси марги одамони бегуноҳ мегардид. Қабл аз давраи ба сари қудрат омадани Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон воқеаҳои фоҷиаборе барои тасарруф намудани ҳокимияти давлатӣ ҷараён доштанд. Даҳҳо ҳазор нафар дар он солҳои душвору даҳшатвор қурбон шуданд. Ба иқтисодиёти мамлакат ҳисороти зиёд расид. Кишвари мо дар ҷанги шаҳрвандӣ, дар маҷмӯъ ба андозаи беш аз 10 миллиард доллари ИМА зарар дид. Пешвои миллат дар анҷомёбии ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997, дастёбӣ ба сулҳу суббот ва ваҳдати миллии комил, барқарорсо-



зии тартиботи ҷамъиятӣ ва амният, таъмини бозгашти гурезагон аз хориҷи кишвар ба Ватан, қабули Конститутсияи нав ва тадбиқи ислоҳоти сиёсию иқтисодӣ саҳми тақдирсоз ва таърихӣ гузоштаанд.

Корномаи қаҳрамононаи Пешвои халқи тоҷик дар он давраи душвор сазовори аҳсан буда, барҳақ мавриди эътирофи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст. Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди гуфтушунидҳои сулҳи байни тоҷикон, ки дар якҷоягӣ бо мухолифин сурат гирифтаанд, фаъолона ширкат варзида, нақши амиқу калидӣ гузоштанд. Раванди мураккаби музокироти чандинсола 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба анҷом расид.

Боиси сарфарозист, ки дар як фосилаи кӯтоҳи таърихӣ, бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд, дар ҳамаи самтҳои ҳаёти ҷомеа корҳои созандагию бунёдкорӣ авҷ гирифтанд ва ин раванди нек боиси таҳкими мақому нуфузи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар арсаи байналмиллалӣ гардид. Хизматҳои софдилонаю фидокоронаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои Ватан ва барои осоиши ҷаҳон аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмиллалӣ эътироф ва қадрдонӣ гардидаанд.

Имрӯз ҳамаи мо, тоҷикон, зарур аст, ки худшинос бошем, аз фарҳанги маърифати миллии худ ифтихор кунем, дастуру маслиҳатҳои сарвари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кори ҳаррӯзаамон қарор диҳем, бахри ҳимояи миллату фарҳанги миллӣ, ваҳдати миллӣ камари ҳиммат бандем, дар афзудани обрӯю эътибори миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ ҳиссагузор бошем.



*Хосият НАЗАРОВА, ассистенти кафедраи фалсафа*

# КОНСТИТУТСИЯ - КАФИЛИ СУЛҲ ВА ОРОМӢ

*Бузургӣ ва аҳамияти ин санади муҳими таърихӣ пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки он бори нахуст аз ҷониби худи халқ бо роҳи ифодаи озодонаи майлу иродаи шаҳвандони мамлакат қабул карда шудааст.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

Конститутсия-калимаи лотинӣ буда, маънои муайян кардан, муқаррар намудани асосҳои низомҳои сиёсӣ, давлатӣ ва иқтисодии ҷомеа, асоси ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, низоми мақомотҳои он, ҳуқуқ ва озодиҳои одамон ва вазифаҳои инсониро ифода менамоянд. Бо шарофати конститутсия имрӯз мардум ҳуқуқ ва озодиҳои худро бе ягон мамониат ҳимоя карда метавонанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардида, солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои амалкунандаи кишвар ва дигар санаду далелҳое, ки байналмилалӣ эътироф шудаанд аз ҷониби Тоҷикистони азиз ҳифз мегарданд. Тамоми озодиҳои одамон, баробарии онҳо ва дигар ҳуқуқҳое, ки доранд таҳти ҳимояи давлат қарор мегиранд. Худи шахс, шахсият, фард ва фардият, ки ҳамаи инҳо ифодакунандаи номи одам ё инсонанд, бузургтарин арзиши ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, маҳз омили асосии пешравии ҷомеа маҳсуб меёбад. Бинобар ҳамин, конститутсия ҳамаи ҳуқуқ ва озод будани ӯро дар давлати соҳибистиқлол кафолат медиҳад.

Мардуми кишварро новобаста ба кадом дину оин, миллат, нажод ва қавм буданашон шаҳрвандони Тоҷикистони биҳиштосо медонанд. Масалан, имрӯз дар Тоҷикистон бисёре аз миллатҳои рӯи дунё зиндагӣ мекунанд ва тавассути конститутсия ҳуқуқҳои онҳо ҳифз мешаванд. Ҳолатҳое мешаванд, ки ҳуқуқ ва озодиҳои як шаҳрвандро маҳдуд менамоянд ва он сирфан ба мақсади таъмин намудани амнияти ҷонӣ, молӣ, ҷисмонӣ ва маънавии шаҳрванди дигар, тартиботи ҷомеаро дуруст гардонидан, ҳимоя кардани сохти конститутсияе, ки дар ҷумҳурӣ бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ва расмӣ қабул шудааст, раво дониста мешавад.

Шахсоне, ки ба дигарон озори рӯҳию ҷисмонӣ ва маънавию психологӣ расонидаанд, имрӯз мутобиқи бобҳою моддаҳои конститутсия аз озодӣ маҳрум шудаанд, то дигарон аз ӯ дарс гиранду ба чунин амалҳо даст назананд.

Дар шароити имрӯз конститутсия кафили сулҳ, оромӣ, амният ва тартиботи ҷомеа ба шумор меравад. Шаҳрвандони кишвар ба ҳар гӯшаи кишвар озодона рафтую карда метавонанд. Сайёҳон ба кишвари мо омада, манзараҳои сайёҳии Тоҷикистони гул-гуншукуфонро назар карда, бисёр ҳам болидарӯҳ мешаванд.

Конститутсия ташаккулдиҳанда, рифвоҷдиҳанда ва шакли асосии ба танзим даровардани ҷомеа маҳсуб меёбад. Ҳар як давлате, ки сохти конститутсинӣ дорад, ба конститутсияи худ тобеъ шуда, тартиботу танзимоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро ба вуҷуд меорад.

Конститутсияи кишвари мо эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Тамоми қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи конститутсияанд, эътибори олии ҳуқуқӣ надоранд. Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқи байналмиллалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал менамоянд.

Конститутсия бузургтарин дастоварди миллати мо ва пояи асосии давлати наву соҳибиқболи Тоҷикистон барои ҳимояи мақсадҳои мардум ва манфиатҳои давлат мебошад.

# ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН



*Зикруллоҳ ГУЛОМОВ, ассистенти кафедраи иқтисод ва идора*

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи сангини барои Тоҷикистон тоза ба истиқлол расида ба ҳайси Роҳбари давлат интихоб гардиданд. Ҷанги хонумонсузи дохилӣ боиси хисороти зиёди молию ҷонӣ гардида, ба тамомияти арзӣ ва бақои халқи тоҷик хатари нобудӣ таҳдид мекард. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишварро аз хатари нобудшавӣ наҷот дода, мардумро сарҷамъ кард ва ҳазорон гурезаро ба Ватан бозпас гардонид. Ибтикороти ӯ бахри наҷот додани давлатдории тоҷикон ва хотима бахшидан ба ҷанги дохилӣ равона шуда буд, ки он охируламр дастгоҳи давлатиро аз фалаҷӣ раҳо кард.

Эмомалӣ Раҳмон бунёди ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон, қабули Конститутсияи нав, амалӣ намудани ислоҳоти конститутсионӣ ва ба вуҷуд овардани шароити ҳуқуқии парламенти демократии бисёрҳизбиро таъмин намуд. Маҳз бо шарофати Пешвои миллат 27-уми июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Таҷрибаи Тоҷикистон дар барқарор намудани сулҳ ва таҳти ҳимояи СММ расидан ба ризояти миллӣ ниҳоят муҳим буда, дар бартараф кардани муноқишаҳои миллӣ дар дунё метавонад ҳамчун намуна пазируфта шавад.

Ҳамзамон, ҷиҳати таҳвият бахшидан ба нуфузи сиёсӣ дар арсаи байналмилалӣ тадбирҳои муассир роҳандозӣ гаштанд. Дар ҳоли ҳозир зиёда аз 150 кишвари ҷаҳон мустақилияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият мешиносанд. Тоҷикистон ба рушди муносиботи судманди дуҷониба ва гуногунсатҳ бо кишварҳо ва созмонҳои байналмилалии сершумор мусоидат мекунад. Ин тадбирҳо ҳамчунин ба тавсеаи муносибот байни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, маориф ва фарҳанг кӯмак расонда, ба муколамаи фаъол миёни Брюсел ва Душанбе дар самтҳои гуногун, аз ҷумла, байни парламенти Аврупо ва парламенти Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Ба вуҷуд овардани асоси муосири ҳуқуқии иқтисоди бозорӣ ва шароити судманди сармоягузорӣ дар кишвар ба узвияти Тоҷикистон дар Созмони ҷаҳонии тиҷорат, бешубҳа, рушди босуръати муносиботи тиҷоратиро таъмин хоҳад кард. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баланд бардоштани нуфузи байналмилалии Тоҷикистон, инчунин, иштироки он дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад. Тоҷикистон борҳо минбари СММ-ро барои ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба танҳо ба мушкилоти кишвари худ, балки ба масоили марбут ба Афғонистон, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухадир, нобаробарии тараққиёти давлатҳои ҷаҳон ва таъмини аҳолии сайёра бо оби ошомиданӣ истифода кардааст.

Бо ибтикори муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон СММ соли 2003-ро "Соли байналмилалии оби тоза", солҳои 2005-2015-ро Даҳсолаи байналмилалии "Об барои ҳаёт" ва соли 2013-ро "Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об" эълон кард. Дар ҳоли ҳозир аксар ҳамоишҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар чорчӯбаи ин даҳсола баргузор мегардад ва ин ибтикори Президент боиси ифтихори мардуми Тоҷикистон мебошад.

# МОДАР, ТУ БУЗУРГӢ...

***Қишлоқаки ман бӯи ту дорад, модар,***
***Ёди рухи хушрӯи ту дорад, модар.***
***Ҳар гаҳ, ки равам бӯса занам хоки туро.***
***Ҷонам ҳаваси рӯи ту дорад, модар.***

Оре, мо дар ҳама ҷо бӯи модарро эҳсос мекунем: дар хона, дар кор, ҳатто дар роҳравҳо. Модар калимаи муқаддасу дилнишин аст. Модар аст, ки дунё зебост. Ҳар яки мо дар оғӯши модар ба воя мерасему баъзан вақт қадрашро намедонем, сипас пушаймон мешавем, ки пушаймонио суд нест. Ҳамон фарзанд солеҳ асту ахлоқи ҳамида дорад ва қарзи фарзандии худро дар назди модар адо менамояд, ки ҳурмати волидайнро воҷиб дониста, моли дунёро аз онҳо боло намедонад. Бояд мо ба қадри ин ганҷинаи бебаҳо бирасему доимо омодаи хизматаш ба ҷон бошем. Имрӯз занону бонувони моро қадру манзалаташон дар ҳама соҳаҳо ба мушоҳида мерасад. Шоистаи таҳсинанд, зеро ба кадом соҳае, ки назар кунем, саҳми занону модаронро дар онҷо мебинем, ҳатто тозагии биною иншоотҳои бузург, роҳраву кӯчаҳои шаҳр корхонаву идораҳо ҳам маҳз бо дастони ин олиҳаи зебо тозаю озода мегарданд. Ин рафтори модарон дар тиннати мо дӯстдории зебогиву тозагӣ дар Ватанро талқин мекунад. Дар ҳақиқат хубӣ, зебоиву тозагии зиндагӣ мансуб ба зан-модар аст.

Модар туро мепарастам, зеро худ зебоиву зебогиро меофарӣ. Дар ҳақиқат ту бузургӣ ва бо вуҷуди ҳама пастию баландии зиндагӣ ту ҳеҷ гоҳ гӯё хастагиро эҳсос намекунӣ. Модар бонуи хона, олиҳаи ҳусну латофат ва зебоист.

Дили модар аз ҳама меҳрубонтару ҳассостар, нармтару фарохтар аст. Дар дили модар оташи муҳаббату меҳрубонӣ асло хомӯш намешавад. Дилу дидаи модар ҳамеша дар ёди фарзандон аст. Бузургони олам беҳуда нагуфтаанд, ки зеботарин фаришта, олитарин олиҳа оқилтарин бону ва меҳрубонтарину нармдилтарин фард зан-модар аст.

Хулоса, ҳамду сано ба занону модароне мегӯем, ки онҳо поку поктинат ва маърифати баланд дошта, хулқу одоби ҳамида дораду зебогиву тозагиро дар тинати фарзандони худ ва миллат мепарваранд.

***Ситораи АБДУРАСУЛ, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он***

# САМЫЙ ВЕРНЫЙ ДРУГ

*Шахноза ХУСАЙНОВА,*
*студентка 103-группы факультета*
*русской филологии*



***Безмолвствует чёрный***
***обхват переплёта,***
***Страницы тесней обнялись***
***в корешке.***
***И книга недвижна. Но***
***книге охота,***
***Прильнуть к человеческой***
***тёплой руке.***
***(Михаил Светлов)***

В жизнь современного человека уже давно вошли многочисленные гаджеты и устройства, а в книги гораздо чаще читают с электронных устройств, а не в печатном варианте. Однако книга в любом виде остаётся неизменным кладезем мудрости, а для кого-то и настоящим стимулом к развитию. В нашем сегодняшнем обзоре книги которые произвели неизгладимое впечатление на признанных гениев и стали толчком к их первым успехам в жизни.

Несмотря на то, что в сети интернет можно найти множество хороших книг, "живые" бумажные книги неизменно пользуются популярностью. Тем более, что рынок предлагает такое разнообразие ассортимента, что часто крайне непросто сделать выбор. В последнее время наблюдается рост спроса на литературу интеллектуальную, которая призвана не только развлечь, но и научить.

На протяжении всей истории человечества, начиная с появления первых иероглифов и букв, и заканчивая современными философскими трактатами, люди использовали письменность для выражения мыслей о жизни, о себе, об окружающем мире о своих верованиях.

# ҶАВОНОН ВА ҶОМЕА

*Алишер ШЕРАЛИЕВ,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи физика*
*ва математика*



***Тоҷикистон сарзамини пурганҷ аст, вале бойгарии асосии он фарзандони бонангу бономус ва бофарҳангаш мебошанд.***
***Эмомалӣ Раҳмон***

Ҷавонон дар ҷаҳони муосир ҳамчун қувваи бузурги пешбаранда ва бунёдгари ҳаёт эътироф шуда, рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар шароити кунунӣ бе иштироки фаъолонаи онҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Чун тамоюли сохибистиқлолӣ мо ҷавон аст, қувваи асосии онро низ ҷавонон ташкил медиҳанд. Эътибори махсус зоҳир намудан ба маълумотнокии ҷавонон дар ҷойи аввал меистад. Тамоми тадбирҳои бояд андешид, ки ҷавонони мо соҳибмаълумот гарданд, зеро ҳуқуқ ба таҳсил аз нуқтаҳои асосии озодии инсон ба шумор меравад. Бояд ҷавонон барои баландбардории савияи саводнокии худ аз тамоми зинаҳои маълумот истифода бурда тавонанд. Бахусус, дастрасии ҷавононро ба технологияҳои нави иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ таъмин бояд намуд, чунки маҳз ин соҳаҳо дар инкишофи ҷомеа соҳаҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Дар воқеъ, имрӯз ҷавонони кишвар дар марҳилае фаъолият доранд, ки дар баробари фароҳам будани шароити мусоид, ҷиҳати худтакмилдиҳӣ ва инкишоф, мушкилоти зиёде низ сари роҳи зиндагии онҳо гаштааст. Ҳукумати Ҷумҳурӣ барои бартараф сохтани мушкилҳои ҳаёти онҳо ва мусоидат ба мутобиқшавию рушду такомули эшон кӯшиш ба харҷ медиҳад. Зеро дар шароити мустақилияти комили давлатӣ, бунёди ҷомеаи воқеан ҳам ҳуқуқбунёд ва ба равандҳои имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ин масъалаҳо маҷоми афзалиятнокро ба худ касб мекунад.

# МИНБАРИ

## СОҲАИ МАОРИФ ДАСТГИРӢ МЕЁБАД!

*Наҷибулло ХАКНАЗАРОВ,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултаи*
*филологияи тоҷик ва журналистика*



***"Ман пештар ҳам борҳо гуфтам ва боз такрор мекунам: то замоне, ки мо барои аҳли илму маориф, зиёиён, онҳое, ки офаранда, парваришдиҳанда ва муҳофизи маънавиёт, ахлоқ ва маърифати ҷомеа ҳастанд, зиндагии сазовору шоистаеро муҳайё накунем, мақому мартабаи онҳоро чунон ки мебояд баланд набардорем, ба пешрафт умед бастанамон душвор аст."***
***Эмомалӣ РАҲМОН***

Албатта, ба мо ҷавонон зарур аст, ки ҷавобан ба ғамхориҳои Пешвои муаззами миллат хонем, илм омӯзем, ҷустуҷӯ намоем, бо омӯзгорон ҳамкорӣ намуда, аз донишҳои онҳо истифода барем ва дар оянда шахсияте шавем, ки нафъамон ба халқу ватани азизамон зарраe ҳам бошад бирасад. Ба вазъи душвори иқтисодии мавҷуда нигоҳ накарда, роҳи илму маърифатро пеш гирифтанамон лозим аст. Чаро ки қариб ҳама кӯшишу заҳмати Ҳукумат ба соҳаи маориф равона карда шудааст.

Чунон ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд: "Воқеан, агар дар бораи вазифаҳо ва ҳадафҳои мактабу маориф сухан рондани бошем, таълиму тарбия ва ба камол расонидани чунин ашхос, насли дилсӯзу ғамхори Ватан, халқу ҷамъият, насле, ки масъулияти фардои Тоҷикистонро ба дӯш гирифта тавонад, вазифаи аввалиндараҷа ва муқаддаси системаи маорифи мост".

Имрӯзҳо мо мебинем, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳбудии сатҳи зиндагии мардум, хусусан омӯзгорону донишҷӯён чораҳои зарурӣ меандешад. Масалан, як дараҷа баланд бардоштани маоши омӯзгорон, идрорпулии донишҷӯён, сохтмони мактабҳои наву замонавӣ ва муассисаҳои олӣ, муҳайё сохтани китобҳои дарсию бадеӣ ва як қатор беҳбудиҳои дигар.

Яке аз пешравии дигар ин аст, ки баъзе аз ширкатҳо ва ё шахсони сарватманде муассисаҳои таълимӣ ва коллеҷҳои хусусӣ кушода ба истифода дода истодаанд, ки он дар чаҳорчӯбаи қонун ва илм амал карда истодаанд.

# ТААССУРОТИ БОЮ РАНГИН АЗ ОСОРХОНАИ ДОНИШГОҲ

*Сомон АБДУЛЛОЕВ, донишҷӯи*
*соли 3-юми факултаи омӯзгорӣ*



Соли равон бо ташаббуси муаллимаи фанни методикаи талими меҳнат Мирзоева Бунафша мо донишҷӯёни соли сеюми (гурӯҳи 309) факултаи омӯзгорӣ аз осорхонаи донишгоҳ дидан кардем. Дар онҷо моро мудири осорхона устод Шоҳинов Ҳасан бисёр хуб қабул намуда, пас аз шиносой бо мо дар бораи осорхонаи донишгоҳ маълумот доданд.

Чунон ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мефармоянд: "Миллате, ки тафаккур ва маданияти баланд дорад, ҳатман осорхона месозад, чунки осорхона маконе аст, ки беҳтарин нигораҳо нигоҳ дошта мешаванд. Мо халқи тоҷик ниёгони хешро аз нигораҳои худ мешиносему аз насл ба насл мерос мегузорем."

Вақте ки ин осорхона таъсис ёфт, аввалин нигораҳо қолинҳое буданд, ки бахшида ба 70-солагии донишгоҳ, яке аз тарафи Донишгоҳи давлатии Данғара ва дигаре аз тарафи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд тақдим гардида буданд, ки дар рӯи онҳо нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва акси Пешвои миллат бисёр зебо тасвир ёфта буданд.

Дар ин ҷо чизи дигаре, ки диққати моро ба худ ҷалб кард, мизи ректорони донишгоҳ буд, ки ин миз бисёр калон, зебо ва таърихи қадима дошт. Вай бо як нақшу нигори тоҷикона кандакорӣ шуда буд. Ба гуфти устод Шоҳинов Ҳасан дар натиҷаи кофтуковҳои зиёд ва меҳнатӣ бисёр ба мо маълум гардид, ки ин миз мизи Қаҳрамони халқи тоҷик Устод Садриддин Айнӣ дар Академияи илмҳо мебошад, лекин чи гуна ба инҷо расидааст, то ҳол номаълум. Инчунин, дар осорхона гӯшаи Ректори донишгоҳ, гӯшаи алоқаи донишгоҳ бо дигар макотиби олӣ, Маркази истеъдодҳои ҷавон, гӯшаи собиқ омӯзгороне, ки дар донишгоҳ кор кардаанд, гушаи 70-солагии донишгоҳ, гӯшаи адибони донишгоҳ, гӯшаи заргарӣ, гӯшаи дастхатҳо ва дигар гӯшаҳои зебое буданд, ки бо дидани ин манзараҳо табъи мо донишҷӯён болида гашт.

Боз дар инҷо гӯшаҳои факултаҳо, ки дар донишгоҳ фаъолият доранд, мавҷуд аст, ки дар бораи дастовардҳои факултаҳо, сипосномаву ифтихорномаҳо ва китобҳои навиштаи устодони ин даргоҳи илму адаб гузошта шудаанд. Дар гӯшаи факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ яке аз либосҳои варзишии аввалин ҷаҳонпаҳлавони тоҷик Саидмӯъмин Раҳимов гузошта шудааст.

Гӯшаи меҳнати дастӣ, ки ба факултаи омӯзгорӣ тааллуқ дорад, дар ин гӯша ҳама он меҳнату заҳматҳои муаллима Мирзоева Бунафша ва шогирдонаш буданд, ки маҳсули дастӣ доштанд. Аз ҷумла, тоқиҳои чакан, кӯзаву расмҳо, куртаҳои чакан, гулдузиҳо ва умуман он маҳсулоте, ки бо даст сохта шуда буданд, иборат буд.

Ман ҳамчун як донишҷӯ дар як соате, ки ба ин осорхона омадам, бисёр чизҳоро омӯхтам, аз ҷумла дар бораи таърихи донишгоҳ, дастовардҳои донишгоҳ, роҳбарони донишгоҳ ва чунин осорхона доштани донишгоҳ маълумот пайдо кардам ба ҳама ҳамсабақон, бахусус ҷавонон барои дидан ва маълумот пайдо намудан аз чунин як осорхона ба дорой тавсия медиҳам.

Дар охир миннатдории худ ва аҳли гурӯҳи 309-ро, пеш аз ҳама ба муаллима Мирзоева Бинафша ва устод Шоҳинов Ҳасан мерасонам, ки як соати пурқиммати хешро баҳри мо ҷудо намуданд.

Ин таассуроте, ки аз ин макони пурганҷу пурмаъно бардоштем, як ҳаёт дар гӯшаи хотири мо нақш мебандад.

# МОДАР, ТУ БАРОЯМ АЗИЗӢ...

*Ҷамшед ҚУРБОНОВ,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултаи*
*химия, биология ва география*



***Навои булбул омад, ёд***
***кардам аллаҳоятро,***
***Сари гаҳвора зери лаб***
***суруди хушнавоятро.***
***Ман охир ёд кардам, ёд***
***кардам модари ҷонам,***
***Садоятро, навоятро,***
***ҳама меҳру вафоятро.***

Модар, ту бароям азизӣ, ғамгусорӣ, ту бароям қадрдонӣ. Ту азизи дили манӣ. Модарҷон, туӣ, ки хонаи мо нур дорад. Ман худро хушбахт меҳисобам, ки дар паҳлӯи худ чунин модари ғамхору меҳрубон дорам. Модар, ту ба мисли офтобӣ, ки дар назди худ панҷ ситора дорӣ ва ба онҳо нур мебахшию равшанӣ ато мекунӣ. Туӣ, ки мо пару боли равон дорем. Модарҷон, ту натанҳо барои ман, балки барои ҳама фарзандонат азизу ширину муътабарӣ.

Модарҷон, мо ба заҳмату ранҷу азоби ту то ба имрӯз расидем. Он ранҷу азобат, он заҳмату меҳнатат, он танҳоӣ, он мушкилҳое, ки дар зиндагӣ аз сар гузаронидӣ, пеши чашмонам намоён мегардад, дилам пур аз ғам мешавад, ки барои мо чунин рӯзҳои сахтро бо умри ширинат иваз кардӣ. Пас, мо чаро ҳурмату эҳтироматро баҷо наорем, эй модари азобдидам?

Мо, фарзандон як умр хизмататро кунем, ба якшаба ранҷе, ки дар сари гаҳвораамон кашидаӣ баробар шуда наметавонад. Ман дар наздат қарздор ҳастам, модарҷон, зеро бароят хизмати шоистае накардаам ва бароят суханӣ волотарине нанавиштаам, эй қиблагоҳи умедам. Модар, ту азизи дили манӣ, ту аз ҳама шахси наздиктарини манӣ, ту зиндагиву орзуҳои манӣ. Шабу рӯз фикру ёди ман бо туст, эй модари ғамхори ман!

Модар, номи некатро дар қалби худ ҷой кардам. Модар, миёни ҳама он муқаддасоте, ки посу азизашон медонанд, исми шарифи ту дар мадди аввал аст. Модар, ту бузургӣ, аз нигоҳи чашмони меҳрубонат умед мерезад, хасу кор, буттаву санг, гулу гиёҳ, боду борон, кӯҳҳои сангину дарёи равон дар ҳастии дидори рӯйи ту аст.

Қарзи моро назди модар кӯҳ итмоме бувад? Аз ӯ умре қарздорем, қарздори рӯзҳои нек, зиндагии хуб, қарздори калиди бахт, ки барои мо гум кардааст, қарздори муҳаббат ва умед.

# НОМАТ ДАР ЗАБОНАМ

*НАВҚАЛАМ*

*Нуриддин АБДУЛЛОЕВ,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи физика*
*ва математика*



***Дар забонам доимо***
***номи ту ҳаст,***
***Дар садоям доимо***
***номи ту ҳаст.***
***Табассумро бубинам***
***дар лабонат,***
***Ҳамеша ҷони ман бо***
***ҷони ту ҳаст.***

# ҲУРМАТИ ЗАН-МОДАР ҚАРЗИ ҲАР ЯК ИНСОН АСТ

*Хуршедшоҳ КАРИМОВ, донишҷӯи*
*соли 5-уми факултаи таърих, ҳуқуқ ва*
*муносибатҳои байналмилалӣ*



***Бузургии зан-модар ва эҳтирому қадрдонии заҳматҳои ӯ қарзи ҳар як инсони бонангу номус аст. Мо дар он сурате ба пирӯзиву комёбиҳо ноил мегардем, ки агар дуои неки модарро гирем, ба қадри ранҷу заҳмат, шири сафеди ҷонбахш ва дилсӯзиву ғамхории ӯ расем.***
***Эмомалӣ РАҲМОН***

***Фидои хонаву хони ту модар,***
***Фидои нимаи ҷони ту модар.***
***Бирезад оби чашми мо бирезад,***
***Нарезад оби чашмони ту модар.***

Аз он рӯзе, ки Холиқи арзу самовот Одамро биофарид, аён гардид, ки ӯ ба ҳамдаму ҷуфти хеш, яъне ба зан - ба Ҳавво ниёз дорад. Чун одамӣ сухан гуфтанро биомӯхт, нахустин алфозе, ки аз забони ӯ садо дод, алфози модар, зан ва ишқ буд. Чунончи, Хоҷа Ҳофиз дар байти зер, ки маънии ишқи рӯҳониро низ дорост, ин нуктаро таъкид намудааст:

***Хоки одам, ки сириштанд гараз ишқи ту буд,***
***Ҳаркӣ хоки раҳи ишқи ту нашуд одам нест.***

Бузургии занону модарон дар шоҳасарҳои қаламкашони Ғарбу Шарқ нақши бағоят назаррас доранд. Пӯшида нест, ки дар адабиёти мардуми Машриқзамин, аз ҷумла дар адабиёти форсизабонон маҳз суханварони номӣ ҳанӯз қабл аз Бокаччо, Чосер, Депере, Балзак, Стендал, Ҳёте, Шекспир ва бисёр дигарон, ки дар санъати суханварӣ ва маҳорати образофарӣ дар ҷаҳон шуҳрат ёфтаанд, ба офариниши образҳои нотакрори зан даст задаанд. Аҷдодони мо ҳанӯз аз замонҳои қадим занро дар корҳои давлатдорӣ, дар тарбияи мард, дар такомули миллат ва наслу наҳоди башар дар зинаи баландтарини инсонӣ тасаввур кардаанд. Бешак, дар ҳама давру замонҳо ва дар миёни ҳама халқу миллатҳои рӯйи замин ҳар куҷо шеъре буда, қиссаву ривояте таълиф шуда, мабдаву ғарази аслии он ҳамоно ишқ, зан, модар, зебоиву зебопарастӣ мебошад. Аз Қуръони Карим сар карда, то осори бадеии намояндагони хурду бузурги адабиёти беш аз ҳазорсолаи форсӣ-тоҷикӣ дар мавриди мақому манзалати зан-модар гуфторҳои хоссае метавон дарёфт.

Имрӯз зан вакил, зан вазир, зан аъзои ҳукумат, зан олима, ихтироъкор, соҳибкори муваффақ, омӯзгори ботаҷрибаю табиби ҳозиқ, муҳандису энергетик буда, метавонад нақши дастони бобаракати худро дар рушди тамоми соҳаҳо гузорад.

# ДОНИШҶӮ

## ГИЁҲҲОИ ШИФОБАХШИ ТОҶИКИСТОН

*Лола АҲМАДОВА, донишҷӯйи соли 1-уми факултаи филологияи хориҷӣ*



Дар замони ҳозира талабот нисбат ба растаниҳои доруғӣ рӯз то рӯз зиёд шуда истодааст. Растаниҳои доруғӣ натанҳо дар соҳаи тиб, балки дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, ба монанди саноати хӯрокворӣ, хоҷагии халқ, парфимерия ва ғайра васеъ истифода бурда мешаванд. Ҳамчунин, растаниҳои доруғӣ васеъ дар соҳаи косметология, куротология, фитотерапия ва тибби халқӣ истифода мешаванд.

Маводҳои доругии аз растаниҳои доруғӣ тайёркарда мешаванд, 50%-аш аз ҳаҷми умумии доруворӣ, ки барои табобат истифода мешаванд, ташкил медиҳанд. Барои табобати як қатор бемориҳои вазнин растаниҳои доруғӣ нақши асосиро мебозанд. Масалан, дар байни маводҳое, ки истифода мешаванд, барои табобати бемориҳои қалбу рагҳо 77%, барои бемориҳои занона 80%, барои бемориҳои узвҳои нафаскашӣ 73%, зидди кирмҳои рӯда 72%-ро ташкил медиҳанд. Ин нишондодҳо инро мефаҳмонанд, ки дар алоҳида таъмини аҳолӣ бо маводҳои доруворие нав, сохтори базаи ашёи хом ва ташкили ҷамъоварӣ ва истеҳсоли маводҳои доруғӣ аз растаниҳои доруғӣ вобастагии калон дорад.

Аз 4500 намуди растаниҳои дар ҷумҳурии мо мерӯида, дар тибби халқӣ 1700 намудаш истифода бурда мешавад. Захираҳои умумии растаниҳои доруворӣ дар як сол 35000 тоннаро ташкил медиҳад. Ҳарчанд шароити боду ҳаво ва хоки ҷумҳурии мо барои афзоиши растаниҳои доруворӣ қаноатбахш бошад ҳам, мо барои парваридани онҳо ба таври бояду шояд диққат намедиҳем.

## МАКТАБ БОҒИ ИЛМУ ДОНИШ АСТ

*Меҳробшо ЭГАМОВ, донишҷӯйи соли 2-юми факултаи молиявию иқтисодӣ*



Мактаб даргоҳи муқаддас ва умеду орзуҳост. Аз ин ҷо ҳама умед мебандад баояндаи нек, ба дунёи хушбахтиҳо, зеро ин даргоҳ касро ба умеду орзуҳояш мерасонад. Падару модар бо умедиояндаи дурахшони фарзанди хеш аз дасти тифли ҳафтсолааш гирифта, бо сад орзую умед ба ин даргоҳ меравад, то тақдири фарзандашро бо дасти таълимгоҳ супорад. Мактаб даргоҳи муқаддаси маърифат, макони боғи илми донишу адаб аст, ки роҳи инсониятро ба оянда мунаввар месозад. Омӯзгор ин роҳро роҳнамост. Равшанкунандаи хиради башар ва афрӯзандаи машъали илму донишу адаб таҳвоии омӯзгор, муаллиму мураббӣ ва устод аст. Ӯ барои ноил гаштан бояд аз ҳама ҷиҳати илму донишу шуури замони муосирро бо роҳҳои таълиму тарбия, хушахлоқӣ, хушгуфторӣ ва ҳамдигарфаҳмиро истифода барад. Бедоркунии фикр ташаккули ақл ва покизагии ахлоқи инсон омӯзгор аст. Муаллим ақлу шарафи виҷдони ҷамъият мебошад. Бузургии муаллим дар он аст, ки бошарафтарин ва пешқадамтарини ҷамъият мебошад, ки наврасону ҷавонон ва таълимгирандагонро аз паи худ бо меҳнати шоистаи илм ҳидояту роҳнамоӣ мекунад.

***Муаллим устоди беҳтарин аст,***
***Саховатманд дар рӯи замин аст.***
***Диҳад илму ҳунар бар насли одам,***
***Бузургии муаллим дар ҳамин аст.***

## НЕКӢ БИМОНАД ҶОВИДОН!

*Амина МАҲМАДАЛИЕВА, донишҷӯйи соли 3-юми факултаи химия, биология ва география*



***Зи некон ҳар нафас некӣ бимонад,***
***Касе к-ӯ нек зист, арзе ситонад.***

Накӯкорӣ яке аз хислатҳои бузурги инсонист. Шахси накӯсиришт аз рӯзе, ки худро мешиносад, дар байни ёру рафиқон ва наздикону пайвандонаш фарқ карда меистад. Асоси некию накӯкорӣ ва ростқавлию поквиҷдонӣ дар тарбияи оилавӣ ва муҳити иҳотакарда сурат мегирад. Волидон вазифадоранд, ки тифлони худро дар рӯҳияи одаму одамдӯстӣ ба некию ростқавлӣ ҳидоят намоянд.

Равшан ва аниқ аст, ки бунёди китоби қадимаи тоҷикон "Авесто"-ро рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек ташкил мекунад. Оре, рафтору гуфтору пиндори нек асоси хислатҳои наҷиби инсониanд, ки чун гармии офтоби рахшон ба дилҳо гармию ҳарорат ба чашмон нуру рушноӣ, ба ҳаёт ранҷу таровати дилчаспу хушӣ мебахшанд.

Накӯкорӣ рисолати ҳар як инсон аст. Инсоне, ки рисолаташро ба ҷо оварда наметавонад, дар қатори ҳайвон аст.

Хулоса, инсон танҳо тавассути некию накӯкорӣ, саховатмандию мардонагӣ метавонад сазовори номи неку рӯзгори осоишта бигардад.

## УСТОДАМ БА МАН ОМӮХТ

*Моҳлиқоби САЙМУҲАМАД, донишҷӯйи соли 1-уми факултаи омӯзгорӣ*

НАВҚАЛАМ



***Забони гӯёямро,***
***Чашмони биноямро.***
***Одобу ахлоқамро,***
***Устодам ба ман омӯхт.***
***Ба роҳи рост рафтанро,***
***Дар роҳи ҳақ буданро.***
***Меҳр бар ин Ватанро,***
***Устодам ба ман омӯхт.***
***Хизмат ба халқу ватан,***
***Аз сидқи дил кор кардан.***
***Ғамхори ин халқ будан,***
***Устодам ба ман омӯхт.***
***Бо ин ҳама заҳматҳо,***
***Таълим бидод ҳамаро.***
***Меҳри касби худашро,***
***Дар дили мо кард пайдо.***

## ҶОНИ МАН ҚУРБОНИ ТУ

НАВҚАЛАМ

*Давлатмурод МИРЗОЕВ, донишҷӯйи соли 1-уми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика*



***Эй дирафши Ковиёнӣ, ҷони***
***ман қурбони ту,***
***Эй ливои осмонӣ, ҷони***
***ман қурбони ту.***
***Дар ҳама рӯи ҷаҳон ту***
***партавафшонӣ намо,***
***Эй умеди зиндагонӣ, ҷони***
***ман қурбони ту.***
***Дар тамоми мулки дунё тоҷикон овозадор,***
***Эй ҳадиси шодмонӣ, ҷони ман қурбони ту.***
***Ранги сурху ранги сабзат дилкашанду пурҷило,***
***Парчами сулху амонӣ, ҷони ман қурбони ту.***
***Миллати тоҷикро машҳури дунё кардаӣ,***
***Эй чароғи ҷовидонӣ, ҷони ман қурбони ту.***

## ОИЛАИ СОЛИМ-ҶОМЕАИ СОЛИМ





*Муҳаммад КАРИМОВ, Ҷамшеди ҶАҲОНГИРЗОД, курсантони соли 2-юми Коллеҷи милитсияи ВКД дар шаҳри Кӯлоб*

Оила ва нақши он дар ҷомеа хело бараъло ба чашм мерасад. Таълим ва тарбияи дурусти фарзанд аз ин ниҳоди бузург сарчашма мегирад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки агар оила солим бошад, пас ҷомеа босавод ва солим шуда метавонад.

Муҳимтарин коре, ки инсон дар тӯли фаъолияти худ анҷом медиҳад, ин барпо намудани оилаи солим мебошад. Имрӯзҳо дар баъзе аз кишварҳои ҷаҳон ҷудошавии оилаҳои ҷавон зиёд ба чашм мерасанд. Кормандони ин соҳа бар он назаранд, ки масъалаи ҷудошавии оилаҳои ҷавон ин омода набудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона мебошад. Дигараш бошад, ин вазъи номусоиди иқтисодӣ, мушкилоти манзил ва мунокиша байни хонаводаи шавҳар мебошад.

Бино бар иттилои Раёсати сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар ин давра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 78757 адад никоҳ баста шуда, аз ин шумора 10 000 ҳолати он бекор карда шудааст.

Дар моддаи 33-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: "Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд, ки озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд."

Имрӯзҳо кишвари азизи мо рӯ ба тараққӣ дораду ин масъала доғи рӯз шудааст. Мо бояд кӯшиш намоем, ки садди роҳи ин мушкилро гирем. Агар ҳар як оила фаъолияти худро бо мактаб ба роҳ монад, пас ҷомеа саводнок ва бомаърифат мешавад. Ҳар як падару модар бояд тӯли ҳар як ҳафта аз муассисае, ки фарзанди ӯ дар он таҳсил мекунад, рафта аз сифати таҳсили ӯ аз наздик шинос шавад ва аз сифати тарбияи ӯ аз омӯзгорон пурсон шавад. Равоншиносон К.Девис ва Р.Тайлос ба падару модарон ва шахсоне, ки дар тарбияашон фарзандони ноболиғ доранд, чунин маслиҳати муфид медиҳад. "Танҳо аз 6-7-солагӣ ба кӯдакон пули кисагӣ додан лозим аст. Аввал фаҳмидан лозим аст, ки пул ба кӯдак барои чӣ лозим аст. Маблағи зиёд додан мумкин нест. Фақат ба синну сол нигоҳ карда, миқдори пулро зиёд кардан лозим аст."

Масъалае дигаре, ки имрӯз дар кишвар ташвишовар шудааст, ин даст задани ҷавонон ба ҷиноят ва ҷиноятҳои мебошад ва шумораи он рӯз аз рӯз зиёд шуда истодааст. Бештар ҷавонони синни 16-18-сола ба ҷиноятҳои дуздӣ, роҳзанӣ, ғоратгарӣ, авбошӣ, таҷовуз ба номус даст мезананд, ки бештари ин ҳодисаҳои нангин дар ҳудуди шаҳри Душанбе ба қайд гирифта шудаанд.

## КАНОРИ ПАДАР

*Шоҳмансур РАБИЕВ, донишҷӯйи соли 2-юми факултаи филологияи рус*



Субҳи содиқ фаро мерасид ва ман дар хоб будам. Ногаҳон ба гӯшам садои ширини булбул ва ба машомам бӯи зебои баҳор мерасид. Дарҳол аз ҷой бархостаму ба атроф назар кардам. Мардуми зиёдеро дидам, ки либосҳои зебо ба бар карда буданд. Ман ҳам бо як ҳисси ватандӯстӣ ба онҳо ҳамроҳ шудам. Дар кӯчаҳои шаҳр мерафтам, ба як манзара расидам. Дар як гӯшае ҷавони хушсимоеро дидам, ки яккаву танҳо нишаста буд. Дарҳол ба наздаш рафтам ва бо ӯ шинос шудам, номаш Сиёвуш будааст. Ӯ хеле пажмурдаю ғамгин ба назар мерасид. Ҳисси кунҷкобиам боло гирифту аз ӯ пурсидам: "Чаро мардум ҳама шодию хурсандӣ карда истодаанд, аммо ту ғамгинӣ?" Бо чашмони гирён ба гап сар карда бигуфт: "Шодиямро се сол мешавад, ки аз даст додаам, дигар хурсандӣ бароям муҳим нест." Аз суханҳояш фаҳмидам, ки Шодӣ ин тахаллуси падараш будааст. Падараш бисёр ҷавони далеру шуҷоъ буд.

Назаров Нуриддин Ғаффорович 20-уми августи соли 1968 дар шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Рӯдакӣ ба дунё омадааст. Вақте ба дунё омад, падараш аз ҳабс озод шуда, ба хона омада, тифли навзодро Шодӣ ном гузошт. Дар пайи қудуми ин тифли навзод бародараш Нурулло Гаффорович ба донишгоҳи сохтмонии ҶТ дохил шуд. Апааш бошад, Назарова Одинамоҳ ба Донишгоҳи давлатии тибии ҶТ дохил шуд. Апааш дигараш Назарова Бахринисо бошад, худи ҳамон сол ба Донишкоҳи агросаноатии ҶТ дохил шуд. Пас аз хурсандиҳое, ки дар пайи қудуми ин тифли навзод дар оилаи онҳо дида мешуд, ба Назаров Нуриддин тахаллуси Шодиро гузоштанд.

Соли 1975 ба мактаби таҳсилоти миёнаи №1 шаҳри Кӯлоб ӯро ба синфи якум қабул карданд. Дар давоми даҳ соли таҳсили худ дар ҳама корҳои ҷамъиятӣ ва берун аз мактабӣ фаъолона иштирок намуда, ба ғайр аз ин ба варзиш ҳам майлу рағбати зиёде дошт. Дар олимпиадаҳои варзишии берун аз ҷумҳурӣ сазовори ҷойҳои намоён гардидааст ва шоистаи мукофотҳои арзанда шудааст.

Соли 1985 мактаби миёнаи №1-и шаҳри Кӯлобро бо сари баланд хатм намуда, соли 1986 бо даъвати комиссариати ҳарбии шаҳри Кӯлоб ба хизмати Модар-Ватан даъват шуда, дар кишвари ҳамсоя - Ҷумҳурии исломии Афғонистон, дар Мазори Шариф хизматро оғоз намуда, дар яке аз иштирокчиёни амалиётҳои низомии шабона ҳангоми ба минтақаи қароргоҳашон баргаштан дар минаи зидди танкӣ таркида, аз ду пой маҳрум мегардад. Баъди ба ӯ расонидани ёрии аввалини тиббӣ дар беморхонаи сафорати Иттиҳоди Шӯравӣ, тавассути тайёра ӯро ба беморхонаи ҳарбии ба номи Бурденкои шаҳри Москва интиқол доданд. Дар беморхона ба марҳум Нуриддин ду пойи сунъӣ насб карданд.

Соли 1987 Шодӣ бо ҳарду пойи сунъӣ ба диёри азизи худ-Тоҷикистон, ба шаҳри Кӯлоб омад. Соли 1988 Нуриддин (Шодӣ) барои гирифтани маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ ба шуъбаи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии миллии ҶТ дохил шуда, онро соли 1993 бомуваффақият хатм намуд.

Соли 1991 Нуриддин бо Шарипова Сураӣё, ки хатмкардаи факултаи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ буд, оила барпо намуд ва онҳо соҳиби ду писар - Сиёвуш ва Ғаффорҷон ва як духтар - Нозанин гаштанд. Ҳарчанд, ки ӯ бо амри тақдир аз ду поёи равон маҳрум шуда, маъюби гурӯҳи 1-ум гардида бошад ҳам, вале ӯ дар зиндагӣ ҳеҷ гоҳ худро дилшикаста намешуморид, вале дар баробари инсонҳои начибу бахтовар ба соҳибкории инфиродӣ машғул шуда, дар минтақаи бозори шаҳри Кӯлоб як ошхона ва як маркази бозиҳои шавковар барои ҷавонон бино намуд. Вале ҳаёт ба ӯ вафо накард ва ӯ гирифтори бемории сактаи дил гашта, дар сини 48-солагӣ, 27 апрели соли 2016 ин дунёи фониро падруд гуфт ва дар шаҳри Кӯлоб дафн карда шуд.

Идома додани кору фаъолият ва кору пайкори Нуриддин аз ҷониби завҷаи меҳрубон ва матиниродааш Шарипова Сураӣё-аъзои Раёсати ташкилоти ҷамъияти маъюбони ҷанг дар Афғонистони шаҳри Кӯлоб ба роҳ монда шудааст. Ошхона ва маркази бозиҳои шавқовар барои ҷавонон дар зери роҳбарияти ин зан мебошад. Дар асоси маълумоти комиссарияти ҳарбии минтақаи Кӯлоб ҳамаи имтиёзҳое, ки марҳум соҳиб буд, ҳамааш ба завҷааш Шарипова Сураё гузаронида шуд.

## ҒОЛИБ МУАЙЯН НАГАРДИД!

Ба 50 саволе, ки дар даври 5-уми озмуни саволу ҷавоб ба хонандагон пешниҳод гардида буд, 6 нафар ҷавоб ирсол карданд. Аз ин шумора ягон нафар бехато ҷавобҳоро пешниҳод накардаанд. Аз ин рӯ, мо касеро ғолиб эълон карда наметавонем.

Хонандагоне, ки ҷавоб пешниҳод кардаанд, инҳоянд: Шарипова Ҳалима (29.03.2019, соати 10:57, 16 хато), Аюбова Зевар (29.03.2019, соати 11:11, 6 хато), Барфакзода Фазилатмоҳ (29.03. 2019, соати 15:05, 7 хато), Давлатов Зоҳир (29.03.2019, соати 15:25, 18 хато), Тошматов Умарҷон (29.03.2019, соати 16:30, 6 хато), Муродова Раҷамо (30.03.2019, соати 11:11, 17 хато)

Ғолиб касе мегардад, ки ба ҳамаи саволҳо пеш аз дигарон ҷавобҳои дуруст гардонад. Хонандае, ки ҷавобҳои худро аз назар гузаронидан мехоҳад, ба идораи рӯзнома ташриф биёрад ва ҷавобҳои пешниҳодкардаашро бубинад.

Ба таваҷҷӯҳи хонандагон мерасонем, ки викторина аз шумораи оянда идома меёбад.

*Холи рухсори нигор аз доғи қалби ман нишон,*
*Доғ дар дил мефизояд, холи ӯ монад ҳамон.*



# 10 ХАКЕР, КИ ДУНЁ АЗ ОНҲО ҲАРОС ДОРАД

**ЧАНД МАЪЛУМОТ ОИД БА ХАКЕР**

Дар ин матлаб хостем оид ба 10 хакер, ки корҳои "бузург"-еро ба анҷом расонидаанд, маълумот оварда бошем.

Хакер ва ё рахнагар - мутахассиси корозмуда ва маҳоратнокеро меноманд, ки таҷрибаи бойи корӣ дар соҳаи барномасозӣ, забонҳои барномасозӣ, таъминоти барномавии компютер ва тамоми чизҳое, ки бо барномаҳои компютерӣ рабт доранд, доро мебошад.



**5 ХАКЕР АЗ ГУРӮҲИ "BLACK HAT" (КУЛОҲИ СИЁҲ)**

**ҶОНАТАН ҶЕЙМС**

Ҷеймс аввалин хакери ноболиғ буд, ки барои рахнагарӣ зиндонӣ гашт. Ӯ дар 16 солагӣ таъқиб гардида, дастгир гашт.

Аслан Ҷеймс ташкилотҳои бузургро мавриди ҳуҷум қарор медод. Ӯ ба сервери Вазорати мудофиаи ИМА бэкдор насб намуд, ки ба DTRA - Оҷонсии мубориза бо хатарҳои силоҳи оддӣ ва махсуси ядроӣ, биологӣ ва кимиёвӣ, тааллуқ дошт. Бэкдор ба хакер имконият медод, то паёмҳои электрониро аз назар гузаронад ва номи истифодабару рамзҳои ҳамкоронро ба даст орад.

Инчунин Ҷеймс кодиронии компютерҳои НАСА-ро низ шикаста ва таъминоти барномавии онро, ки тақрибан 1,7 млн доллар меистод, дуздидааст. НАСА маҷбур шуд, системаи компютерии худро бо маблағи 41 ҳазор доллар ба системаи дигар иваз намояд.

**АДРИАН ЛАМО**

Ламо рахнагари ташкилотҳои бузурге чун The New York Times ва Microsoft ба ҳисоб меравад. Инчунин Ламо мошинаи ҷустуҷӯии Yahoo!, Бонки Bank of America, Citigroup ва оператори алоқаи AT&T-ро мавриди киберҳуҷумҳо қарор додааст. Барои ҳуҷум ба шабака The New York Times аз Ламо 65 ҳазор доллар ҳамчун ҷумброн дархост намуд.

Айни ҳол Ламо ҳамчун журналист фаъолият мекунад.

**КЕВИН МИТНИК**

Дар бораи "қаҳрамонӣ"-ҳои Кевин Митник филмҳо рӯи навор омадаанд. Ӯ ғайр аз чандин ҷиноятҳои дигар барои рахнагарии шабакаи компютерии Digital Equipment Corporation ва дуздии таъминоти барномавӣ гунаҳкор дониста мешуд. Чӣ хеле ки CNN менависад, "ӯ компютерҳоро шикаст, ҳуҷҷатҳои махфиро ба даст овард, шабакаҳои телефониро мавриди ҳамла қарор дод ва системаи ҳарбии ИМА-ро рахна намуд.

Имрӯзҳо Митник аз гурӯҳи хакерҳои "black hat" халос шуда, барои ҷамъияти шахси судмандест. Ӯ 5 сол зиндонӣ гашт, ки 8 моҳашро дар ҳуҷраи алоҳида танҳо гузаронидааст. Айни ҳол Кевин муаллифи якчанд китоб ва мушовир оиди амнияти компютерӣ мебошад.

**КЕВИН ПОЛСАН**

Кевин Полсен ё Dark Dante (Дантеи торик) бо рахна намудани хати телефонии радиои KIIS FM дар Лос-Анҷелес машҳур аст.

Полсен пас аз рахна намудани пойгоҳи додаҳои ҷустуҷӯии ИМА мавриди таъқиб қарор гирифт. Кевин ғазаби ФБР-ро ба худ равона сохт, ҳангоме, ки ӯ системаи гушкунии гуфтугӯии телефонҳоро рахна сохт. Ӯ дар супермаркете ба даст афтод ва 5 сол аз озодӣ маҳрум гашт.

Пас аз зиндон ӯ ба фаъолияти журналистӣ машғул гашт ва айни ҳол у муҳаррири нашрияи Wired News аст.

**РОБЕРТ ТАППАН МОРИС**

Моррис писари олим Роберт Моррис, коргари Оҷонсии байналмиллалии амниятӣ аст. Ӯ ҳамчун созандаи "кирми Моррис" - аввалин вирусии кирмии компютерӣ ки дар интернет пайдо гашт, машҳур аст. Ин вируси сохтаи ӯ тақрибан 6000 компютери фардиро аз кор боз монд. Роберт ба 3 соли маҳрум аз озодӣ, 400 соат ҷалб ба кор ва ҷарима ба маблағи 10 500 доллар маҳкум шуда буд.

Айни ҳол Морис ҳамчун профессор дар соҳаи информатика ва тафаккури сунъӣ дар донишгоҳе фаъолият мекунад.

**5 ХАКЕР АЗ ГУРӮҲИ "WHITE HAT" (КУЛОҲИ САФЕД)**

**СТИВЕН ВОЗНЯК**

Возняк ҳамчун Стиви дигаре аз Apple машҳур аст. Возняк ҳамроҳ бо Стив Ҷобс асосгузори ширкати Apple ба ҳисоб меравад. Ӯ бо медали давлатии ИМА дар соҳаи технология сарфароз гардидааст.

Возняк колеҷро тарк карда, компютереро фикр карда баромад, ки ӯро машҳур гардонид. Ӯ ҳамроҳ бо Стив Ҷобс компютерҳоро сохта, ба фурӯш гузоштанд. Возняк бештари таъминоти барномавии компютерҳоро сохта буд.

**ТИМ БЕРНЕРС-ЛИ**

Бернерс-Ли ҳамчун созандаи World Wide Web (WWW) - системае, ки мо барои дастрасӣ пайдо намудан ба сомонаҳо, ҳуҷҷатҳо ва парвандаҳо дар интернет истифода мебарем, маълум аст. Ӯ ҳангоми кор дар CERN (созмони аврупоӣ оид ба тадқиқотҳои ядроӣ) прототипи системаи абарматниро сохт, ки ба таҳқиқотчиён кӯмак мерасонд, то байни ҳамдигар иттилоотро тақсим намоянд. Баъдтар ӯ пай бурд, ки абарматнро метавон бо технологияи "интернет" пайваст намуд. Ҳамин тавр, торнамои анкабути ҷаҳонӣ (www) пайдо гашт.

**ЛИНУС ТОРВАЛДС**

Торвалдс падари системаи амалиётии Linux ба ҳисоб меравад. Ӯ худро "муҳандис" намуда, чунин мегӯяд: "Ман танҳо мехоҳам, барои пешрафти системаи амалиётӣ ҳама аз ман вобаста бошад."

Торвалдс "ассемблер, таҳриргари матнӣ ва якчанд бозиро" рахна намудааст.

Имрӯзҳо системаи амалиётии Linux, ки Торвалдс сохта буд дар аксарият компютерҳо насб аст.

**РИЧАРД СТОЛЛМАН**

Столлман падари таъминоти барномавӣ бо кодҳои кушода ба ҳисоб меравад. Ӯ кареран худро бо рахна намудани Донишгоҳи технологии Массачусетӣ оғоз намуд. Инчунин ӯ ҳамчун "хакер-хизматчӣ" дар Emacs ва дигар лоиҳаҳо фаъолият намуда буд.

**СУТОМУ ШИМОМУРА**

Ба таври ногаҳонӣ компютери Шимомура аз тарафи Кевин Митников рахна гардид. Пас аз он Сутому ба ФБР кӯмак расонд, то ӯро дастгир намоянд.

Ӯ телефонҳои мобилии AT&T-ро "кушода", аз онҳо муҳофизати электрониро бардошта, онро рахна месозад ва зангҳои телефониро зери назорати худ мегирад.

Шимомура хост ҷавобан Митникро рахна созад. Хакери сафед бо истифода аз телефони мобилии Митник маконашро муайян намуда, ин хакери сиёҳро равонаи зиндон намуд.

Пас аз ин воқеот ӯ вобаста ба ин ҳаводис китоб ҳам навиштааст.

Инҳо буданд 10 нафар ашхосе, ки дунёи технологияи иттилоотиро тағйир додаанд, тараққӣ додаанд, инчунин имрӯзҳо низ ин технологияро пеш бурда истодаанд.

*https://navju.tj*




# АКСҲОИ ГӮЁ






## ҒОЛИБИ КРОССВОРД МУАЙЯН ШУД!

Ба кроссворди шумораи гузашта 9 нафар хонанда ҷавоб пешниҳод кард. Аз онҳо танҳо Шарифов Бедилҷон, донишҷӯи факултаи молиявию иқтисодӣ кроссвордро бо ҷавобҳои дуруст пешниҳод кардааст. Ғолиб Бедилҷон мебошад!

Хонандае, ки ҷавобҳои худро аз назар гузаронидан мехоҳад, метавонад ба идораи рӯзнома ташриф биоварад. Дониши худро сайқал диҳед, ҷӯянда бошед ва насиби мукофотпулӣ дар ҳаҷми 100 сомонӣ гардед! Мӯҳлат то 30-уми апрел муайян гардидааст.

Сангистон, сангзор
Таваҷҷӯҳ кардан
Шаҳр дар Олмон
Муҳофизатгар
меъёр, маҳак (форонсавӣ)
Ҳолати аз майдон берун шудани тӯб
Кирми лойдӯстдор
Баъди он омин мегӯянд
Шутурмурғи австралиягӣ
Дар ...и кор атола дандон шиканад
Кач
... Чопра, ситораи кинои ҳиндӣ
Навъи санги кӯҳӣ
Тими футболи Голландия
Занбӯри асал
«Модар»-и борон
Ипподром - ҷои ин ҳайвон
Навъи муаммо
Некрафтор
Гузариш аз оби ҷӯ, марз ва ғ
Ҷанг
Ченаки тоҷикии масофа, 5-6 км
... Деол, ситораи кинои ҳиндӣ
Каме, андаке
Мусиқии эстрадии ғарбӣ
Муқобили «омад»
Намуди минерал
Саргин
Филми ҳаҷвии «Мистер ...» (ИМА)
... Франсиско, шаҳр дар ИМА
Номи аслии Фредди Меркюри
Яке аз мушкетдорон
Пурабр
"... дасти фитодае бигирӣ, мардӣ" (Рӯдакӣ)
Автомобили «Тико»-монанди русҳо
Рӯзи 11-уми моҳи шамсӣ
Олиме, ки эҷодиёти халқро меомӯзад
Орзу, таманно
...и Зоконӣ, шоир
Узви ҷуфти сар
Тоҷмаҳал дар ин шаҳр аст
Пойтахти ҷумҳурии шӯравӣ
Се карат ду карат як
Ҷазира дар Тонго
Ятимонда
Зоти тӯтии калон
Одам
Пули майдаи Афғонистон
Ғалаба, нусрат
Ҳабсхона, зиндон
...-у сано
Маҳрум
Ранги сари занҳои ҳиндӣ
Шамолхӯрда
Ширкати алоқаи мобилӣ
Онро бину ҳол пурс
Шаҳр дар Қазоқистон
Ван ..., рассоми голландӣ
Як навъ алафи аҷириқмонанд
Қисми пеш дар артиши амалиёт
Муқобили ношинос
... Зиёев, овозхон
Моҳии баҳрӣ
Атамани шаҳрҳои қазоқ
Александр ..., муаллифи «Се мушкетёр»
Ҳо Ши ..., собиқ доҳии Ветнам
Ҳамфикр
Пойтахти Марокаш









**Ҷавобҳои кроссворди шумораи № 6 (288) аз 30.03.2019**

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Т | А | М | А | С | Х | У | Р | | Д | О | Р | Б | О | З | И | | |
| А | | | | | | | | Г | | | А | | | | | | | | Т |
| М | | | | | | | Ш | О | Ҳ | Т | У | Т | | | | | | | А |
| А | | | | | | | Е | | | А | | А | | | | | | | Ш |
| Л | | | | | | | Ф | О | Р | С | | Ъ | | | | | | | К |
| И | | | | | | | | Л | | А | Р | К | | | | | | | И |
| Ё | | | | | | | | У | З | Р | | И | | | | | | | Л |
| Т | О | Ҷ | И | К | О | Б | О | Д | | Р | А | Д | А | | | | М | А | Д |
| | Ш | | Н | | Т | | | А | Д | У | | | Д | И | А | Н | А | | И |
| | Н | | А | | Т | В | Е | Н | | Ф | А | С | О | Д | | | Д | А | Ҳ |
| М | О | С | К | В | А | | | | | | | | | М | О | Л | А | | А |
| | | А | | | В | | | | | | | | | | Л | | Д | О | Н |
| Т | О | Й | О | Т | А | | | | | | | | | Ҷ | У | Р | | | Д |
| А | | Ё | | О | | | | | | | | | | А | | А | Т | С | А |
| М | | Ҳ | | Н | | | | | | | | | | З | Е | Б | | У | |
| О | С | И | Р | И | С | | | | | | | | | | В | | | Д | |
| К | | | | | И | | | | | | | | | Ҷ | А | М | О | А | Т |
| У | М | Р | | А | Г | У | Ш | А | | Т | А | Х | Т | | | А | | | А |
| П | | А | | | А | | О | | А | | Н | | У | | | Й | О | Г | А |
| А | | В | А | Л | Л | О | Ҳ | | Р | Е | Г | И | С | Т | О | Н | | | Ҷ |
| Р | | | | | | | М | У | К | | И | | | | | | | | Ҷ |
| В | | | | | | | О | | О | | Н | | | | | | | | У |
| А | | | | | | | Т | | | Ф | А | Ш | | | | | | | Б |
| Р | | | | | | | Б | А | Х | А | | И | | | | | | | О |
| | | | | | | | О | | | Р | О | М | | | | | | | В |
| | | | | | | | З | И | Т | А | | О | | | | | | | А |
| Ш | У | Р | Б | А | Х | Т | И | | | Ҳ | А | Л | О | К | А | Т | Б | О | Р |

## ДИҚҚАТ!

**ХОНАНДАЕ, КИ ПЕШ АЗ ҲАМА КРОССВОРДРО БЕХАТО ПУР КАРДА, БА ИДОРАИ РӮЗНОМА ПЕШНИҲОД МЕКУНАД, БО МУКОФОТИ ПУЛӢ ДАР ҲАҶМИ 100 СОМОНӢ ҚАДРДОНӢ КАРДА МЕШАВАД.**

# СУХАНИ МОНДАГОР

*Муҳаммад ҲИҶОЗӢ*

*Дареғо, ки забону дил ҳамеша бо ҳам нестанд: гоҳе дил аз бепарвоию тундравии забон хуноба мерезад ва гоҳе, ки дил аз меҳру муҳаббат меҷӯшад, забон ҳамчун сангбаста аз ҷо намеҷунбад.*

# ҲИКМАТИ РӮЗ

Ҳама медонанд, ки Нобел ихтироъкунандаи динамит аст. Замоне, ки бародараш Людвиг фавт кард, рӯзномаҳо иштибоҳан фикр карданд, ки Нобели маъруф (ихтироъкори динамит) аз дунё рихлат кардааст. Алфред вақте субҳ рӯзнома мехонд бо дидани хабари сафҳаи аввал, мекҳӯб шуд:

"Алфред Нобел, даллоли марг ва ихтироъкунандаи марговартарин силоҳи башарӣ вафот кард!"

Алфред, хеле норозӣ шуд. Бо худ фикр кард: Оё хуб аст маро пас аз марг ингуна бишносанд?

Зуд васиятномаашро овард, ҷумлаҳои бисёреро хат зад ва ислоҳ кард. Пешниҳод кард сарваташ барои ҷоизаи сулҳ ва пешрафтҳои сулҳомез сарф карда шавад.

Имрӯзҳо Нобелро на ба номи динамият, балки ба номи поягузори ҷоизаи сулҳи Нобел, ҷоизаҳои физикӣ ва химиявии Нобел ва ғайра мешиносем. Ӯ имрӯз, ҳувияти дигаре дорад.

Мантиқ: Як тасмим, барои тағйири як сарнавишт кофӣ аст! "Соати андешидан бартар аз ҳафтод сол ибодат аст. (Ҳадис)"

# ЛАТИФАҲО



Марде аз самолёт бо парашют мепарад. Уқобе, ки дар наздаш парвоз мекард, мегӯяд:
-Салом раққос!
-Ман раққос не, ман парашютчӣ!
-Гӯш кун, мард, дар поён чунон хори бисёр, ки ҳам қобилият, ҳам истеъдод тез пайдо мешавад.

XXXX

Мард дуру дароз бо занаш баҳс доранд. Мард дар охир монда шуда ба занаш мегӯяд:
-Майлаш, биё бо гуфти ту шавад...
-Дер шуд, ман аз фикрам гаштам!

XXXX

Бемор ба духтур:
-Духтурҷон, намедонам, ин хубиҳои шуморо чӣ тавр баргардонам.
Духтур:
-Агар нақд бошад, беҳтар.

XXXX

Писар аз модараш мепурсад:
-Чаро духтарон дар рӯзи тӯяшон танҳо либоси сафед ба бар мекунанд?
-Чунки сафед рамзи хушбахтист. Куртаи сафед маънои онро дорад, ки он рӯз рӯзи беҳтаринаш аст.
-Ааааа, акнун фаҳмидам, ки чаро писарҳо дар рӯзи тӯяшон либоси сиёҳ ба бар мекунанд...

XXXX

Марде ба духтур арз кард:
-Доктор, агон маслиҳат диҳед, асабҳоям вайрон, ягон рӯзе нест, ки бо завҷаам ҷанг накунем.
-Ҳар рӯз на камтар аз 6 мил пиёда роҳ равед. Асабҳоятон ором мешавад.
Баъд аз як моҳ мард ба духтур занг мезанад:
-Ташаккури зиёд, духтурҷон, маслиҳататон фоида кард.
-Чӣ тавр, яъне дигар ҷанг намекунед?
-Не, ҷанг он тараф истад, рӯйи якдигарро намебинем. Ман тахминан 185 мил аз хонаам дур шудам.

XXXX

Донишҷӯе дар кӯча бо профессор рӯ ба рӯ омад, ки ӯро аз имтиҳон ғалтонда буд.
-Салом, устод!
-Бо аблаҳон ман салом намекунам!
-Вале ман баръакс, бо аблаҳон ҳам салом мекунам.

XXXX

Зан дар назди шавҳараш, ки табиб буд, аз дарди миёну дарди сар шикоят мекард.
Шавҳараш ӯро дилбардорӣ карда мегуфт:
-Азизам, чизе нест, каме шамол хурдай, мегузарад.
Ниҳоят тоқати зан тоқ шуду фарёд зад.
-Лаънатӣ, агар як зани ношинос дар назади аз ҳамин дардҳо шикоят мекард, то ҳол сад бор бараҳнааш карда будӣ.

XXXX

Зани солхурдае дар оина худро дид, ки дар рӯяш оҷанг пайдо шудааст зебоияшро гум кардааст ва мӯйи сараш ҳам кам кам сафед шудааст.
Баъдан гуфт:
-Эээҳ даврони шӯравӣ дигар буд, он замон ҳама чиз "оригинал" буд. Ҳозир оинаҳо ҳам "китайский" шудагӣ.

XXXX

Мард ба китобхона омада мегӯяд:
-Бубахшед! Ман аз Шумо дирӯз китоб гирифтам, бо номи "Чӣ тавр 1 миллион пул метавон кор кард", аммо нисфи саҳифаҳо нестанд.
-Хайр чӣ!? Ним миллион ҳам бад нест. - ҷавоб медиҳад фурушанда.

XXXX

Шогирде аз устод пурсид:
-Илм беҳтар аст ё мол.
Муаллим гуфт:
-Илм.
Шогирд пурсид:
-Пас чаро аҳли илм хизмати молдоронро мекунанд ва аҳли мол хизмати донишмандонро не?
Муаллим гуфт:
-Сабабаш ин аст, ки аҳли илм бо донише ки доранд, қадри молро медонанд ва аҳли мол ба иллати ҷаҳл доштан қадри илмро намедонанд.

XXXX

-Бемор, худатонро чӣ тавр ҳис мекунед?
-Ҳоло хубам, вале баъди ҷарроҳӣ ҳис кардам, ки дар сарам бо хишт зада бошанд.
-Бубахшед, бемор, наркос надоштем.

XXXX

Писар:
-Дадаҷон, биёед як ба Амрико рафта, Парижро тамошо кунем.
Падар:
-Майлаш бачаҷон, лекин аввал рафта, каллаи муаллими ҷуғрофиятонро кандан даркор.

XXXX

Афандӣ дар лаби дарё баланд-баланд гап зада истодааст:
-Офарин, қандата зан, бачаи худам будай!
Дӯстан аз наздаш мегузараду мепурсад:
-Тинҷист? Киро ин қадар аҳсан мегӯйӣ?
Афандӣ:
-Писарамро. 45 дақиқа шуд дар зери об аст, ҳоло ҳам набаромадааст. Офарин!

# МУНОЗИРА БО ХАР

*ЭРАҶ МИРЗО*



*Рӯзе ба раҳе маро гузар буд,*
*Хобида ба раҳ ҷаноби хар буд.*
*Аз хар ту нагӯ, ки чун гуҳар буд,*
*Чун соҳиби донишу ҳунар буд.*
*Гуфтам, ки ҷаноб, дар чи ҳолӣ?*
*Фармуд, ки ваҷъ бошад олӣ.*
*Гуфтам, ки биё харӣ раҳо кун!*
*Одам шаву баъд аз ин сафо кун,*
*Гуфто, ки бирав маро раҳо кун,*
*Захми тани хешро даво кун...*
*На зулм ба дигаре намудам,*
*На аҳли риёву макр будам,*
*Розӣ чу ба ризқи хеш будам*
*Аз суфраи кас нон нарабудам.*
*Дидӣ ту харе кушад хареро?*
*Ё он, ки бурад зи тан сареро?*
*Дидӣ ту харе, ки кам фурӯшад?*
*Ё баҳри фиреби халқ кӯшад?*
*Дидӣ ту харе, ки ришвахор аст?*
*Ё бар хари дигаре савор аст?*
*Дидӣ ту харе шикаста паймон?*
*Ё он, ки зи дигаре бурад нон?*
*Дидам суханаш ҳама матин аст,*
*Фармоиши ӯ ҳама яқин аст.*
*Гуфтам, ки зи одамӣ сарӣ ту,*
*Ҳарчанд ба диди мо харӣ ту.*
*Биншастаму орзу намудам,*
*Бар Холиқи хеш рӯ намудам,*
*Эй кош, ки қонуни харият*
*Ҷорӣ бишавад ба одамият.*

АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

АБДУЛЛО ҲАБИБУЛЛО,
доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

КАРИМОВ САМАРИДДИН,
доктори илмҳои химия, профессор, Узви пайвастаи АМТ

ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО,
доктори илмҳои фалсафа, профессор

ҶУМЪАХОН АЛИМӢ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор

ХОЛИҚОВ САФАР,
номзади илмҳои химия

ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

НАЗАРОВ ҲОТАМ,
номзади илмҳои педагогӣ

АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД,
доктори илмҳои таърих, профессор

МИРЗОЕВ САЛИМ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор

ҶӮРАЕВ БОБОХОН,
саромӯзгор

САРМУҲАРРИР:
ҶАҲОНГИР РУСТАМШО

КОТИБИ МАСЪУЛ:
ЭРАҶ ДАВЛАТОВ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

САҲИФАБАНД:
МУНИСА КАРИМОВА

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома махсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба ухдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДММ "Мега-принт" ба табъ расидааст. Адади нашр 5000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №030/РЗ-97, 30.08.2017 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15,
мобилӣ: 918-13-99-68; 981-00-02-19